**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИИ**
**БА НОМИ АКАДЕМИК Б. ИСКАНДАРОВ**

ТДУ: 398 (575.3)
ТКБ: 83.3 Тоҷ+82
Ш - 21

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШАКАРМАМАДОВ ОРИФ НИСОРМАМАДОВИЧ**

# ВИЖАГИҲОИ ЖАНРИИ РИВОЯТ ВА ТАФОВУТИ ОН АЗ ЖАНРҲОИ ДИГАРИ НАСРИ ШИФОҲӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ РИВОЯТҲОИ МАРДУМИ БАДАХШОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ
Охониёзов Варқа Дустович

**Душанбе – 2025**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................ 3-7

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ** ........................................ 7-13

**БОБИ I. РИВОЯТ ҲАМЧУН ЖАНРИ ФОЛКЛОРӢ ВА ТАФОВУТИ ОН АЗ ЖАНРҲОИ ДИГАРИ НАСРИ ШИФОҲӢ**

1.1. Вижагиҳои жанри ривоят ................................................ 14-40

1.2. Тафовути ривоят аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ ........ 40-50

1.3. Сохтор ва мавзуи жанри ривоят ...................................... 51-60

**БОБИ II. БАРРАСИИ РИВОЯТҲОИ МАРДУМИ БАДАХШОН**

2.1. Таҳқиқи ривоятҳо оид ба ашё ва ҳодисаҳои табиат ......... 61-66

2.2. Таҳқиқи ривоятҳо дар бораи дарахти арча ...................... 66-74

2.3. Таҳқиқи ривоятҳо роҷеъ ба кӯлҳои Бадахшон ................ 74-79

2.4. Таҳқиқи ривоятҳо доир ба сангҳо .................................. 79-93

**БОБИ III. ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР РИВОЯТҲОИ МАРДУМИ БАДАХШОН**

3.1. Заминаи ривоят – воқеият ............................................... 94-110

3.2. Ривоятҳо доир ба шахсияти Шоҳ Бурҳони Валӣ ............. 110-129

3.3. Доир ба шахсияти Ҳаким Носири Хусрав дар ривоятҳои мардумӣ ........................................................ 129-139

**Хулоса** ........................................................................ 139-145

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ** .......... 146

**Номгӯйи гӯяндаҳо ва феҳристи дастхатҳои илмии Бойгонӣ** .. 147-149

**Рӯйхати адабиёт** ............................................................. 149-165

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Эҷодиёти бадеии шифоҳӣ на фақат аз ҷузъҳои муҳимми ҳаёти маънавӣ-адабии халқи тоҷик қарор дошт ва дар мавридҳои гуногун баёнгари асосии муносибатҳои онҳо ба ҳаёти воқеӣ ва ҳодисаҳои зиндагӣ ҳисоб меёфт, балки вай хусусиятҳоеро касб кард, ки онҳо дар фолклори халқҳои дигар ба ин барҷастагӣ ба мушоҳида намерасанд. Яке аз хусусиятҳои фолклори сокинони Кӯҳистони Бадахшон ин аст, ки қисме аз жанру намудҳои он ба ду забон: ба забонҳои маҳаллӣ ва миллӣ эҷод ва паҳн гаштаанд.

Фолклори халқи тоҷик, алалхусус жанри насрии он, ки бо таъсири ҳаводиси мухталифи зиндагӣ дар муҳити ҷуғрофӣ ва шароити таърихӣ-иҷтимоии махсус ба вуҷуд омада, аз унсурҳои муҳимми ҳаёти маънавии мардум қарор гирифт, қобили омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷониба мебошад. Аз ибтидои солҳои шастуми садаи XX дар баробари ҷамъоварии тамоми осори бадеии мардумӣ ва ба вуҷуд овардани захираи илмии дастхатҳо яке аз шохаҳои он – насри халқӣ ба таври мунтазам ва ҷиддӣ мавриди тадқиқу таҳлил қарор мегирад.

Ҳувайдост, ки доираи ба таҳқиқу таҳлил гирифта шудани мавзуъҳои эҷодиёти бадеии даҳанакии мардумӣ тадриҷан вусъат пайдо намуда, ҳаллу фасл ва баррасии онҳо амиқтар мегардад. Бо вуҷуди ин, қисме аз мавзуъ ва масоили батаҳқиқгирифташудаи фолклори тоҷик нафақат ҳанӯз ба омӯзишу таҳлили амиқтару дақиқтари илмӣ ниёз доранд, балки бисёре аз масоили дигари марбути ин сарвати бузурги маънавӣ ва фарҳангии мардумӣ аз доираи тадқиқот берун мондаанд. Алалхусус, чун дар фолклоршиносии кишварҳои дигар, дар фолклоршиносии тоҷик ҳам вижагиҳои жанрии навъу намудҳои ҷудогонаи асарҳои фолклорӣ ҳанӯз дуруст ва мушаххас таъйин нашудааст ва ё истилоҳи аниқи илмии онҳо ба вуҷуд наомадааст. Сабаби ин ҳолат, ба назар мерасад, ки ба худи сохту шакл ва мазмуну муҳтавои онҳо ҳамбастагии зич дорад. Ба мисли он ки матни сурудҳо дар заминаи

нақаротҳо ба вуҷуд омада, шакл гирифтаанд, бунёди қисми муҳимми асарҳои насри шифоҳӣ, бахусус ривояту афсона устура мебошад. Устура маҳсули тасаввуроти ибтидоии инсонҳо доир ба ашё ва ҳодисаҳои табиат ва ғайритабиӣ бошад, афсона чун яке аз жанрҳои мукаммал ва барҷастаи фолклорӣ эҷоди дараҷаи баланди тахайюлот, ё худ тафаккури бадеии истеъдодҳои мардумӣ мебошад. Ҳамин ҳодисаи фарҳангӣ аст, ки дар фарҳангҳои ҳам барои омма пешбинишуда ва ҳам илмӣ-адабӣ устураву ривоят, нақлу ҳикоя ва дигар жанрҳои насри шифоҳӣ дар омехтагӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Душвории таснифу тафсири аниқи хусусиятҳои хоси жанрии навъу намудҳои қисме аз асарҳои фолклорӣ дар он аст, ки онҳо дар заминаи ҳамдигар ба вуҷуд омада, дар омехтагӣ инкишоф ёфта, ба таҳаввулоти шаклӣ аз нигоҳи инъикоси ҳодисаҳои зиндагӣ низ дучор гаштаанд. Аз ҷониби дигар ин намудҳои асарҳои насри халқӣ, ба мисли ривоят, нақл, қисса, ҳикоят муродифи якдигар буда, онҳоро баъзан ба ҷои якдигар истифода мебаранд.

Пайдост, ки дар байни нақл ва ривоят ҳамчун жанрҳои алоҳидаи фолклорӣ ҳудуди аниқ гузоштан мушкил бошад ҳам, ҳар яки онҳо вижагиҳо ва тобишҳои хоси жанрӣ доранд, ки агар ин вижагиҳо ва тобишҳо бо камоли ҷиддӣ зимни маҷмуи маводҳои аниқу дақиқ мавриди омӯзиш қарор гиранд, истилоҳи аниқу мушаххаси онҳоро ба вуҷуд овардан мумкин мегардад.

Солҳои охир дар таъйин намудани истилоҳоти нисбатан дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои насри омиёна, ё худ мансуб ба эҷодиёти бадеии шифоҳӣ аз ҷониби фолклоршиносони таҷрибаандӯхтаи тоҷик кӯшиши пайгирона дарк мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки ба мушаххас намудану такмил додани ин маълумоти иҷмолӣ ва умуман, таъйин намудани вижагиҳои жанрии навъу намудҳои насри лафзӣ дар фолклори Бадахшон ҳанӯз ба таври ҷиддӣ касе машғул нашуда буд.

Аз ин лиҳоз муайян намудани хусусиятҳои жанрии ривоят, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа тасниф намудани онҳо ва тафовут гузоштан байни

ривояту дигар жанрҳои насрии халқӣ ба мисли нақл, қисса, ҳикоя, ҳикояҳои асотирӣ дар асоси матнҳои нақлу ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон зарурат ва аҳаммияти интихоби мавзуи диссертатсияро ба миён мегузорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Маводу манбаъҳои асосӣ, ки барои пажуҳиши мавзуъ истифода шудаанд, ин а) фарҳангу луғатҳо ва энсиклопедияҳо, ки вожаҳои жанрҳои насри лафзӣ «ривоят», «нақл», «устура»-ро шарҳу тафсир додаанд; б) асару мақолаҳои муҳаққиқон, ки жанри ривоятро аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ намудаанд; в) матнҳои ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон, ки дар осори хаттӣ дарҷ гардидаанд; г) матнҳои асили ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон, ки дар захираи дастхатҳои илмии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров маҳфуз ҳастанд.

Мавриди тазаккур аст, ки ба ҷамъоварӣ ва дарҷи фолклори мардуми Бадахшон, махсусан ривоятҳои мардумӣ, аз ибтидои садаи XX аз тарафи муҳаққиқони рус оғоз гардида буд. Дар қатори дигар намудҳои насри халқӣ матни камшумори ривоятҳо низ аз ҷониби ин олимон дар матбуоти ҳамон давра чоп шуда буданд. Ба гирдоварию нашр намудани намунаҳои фолклори тоҷик асосан баъди солҳои 60-уми асри гузашта вусъат ёфт. Нахустин китобе, ки матни афсонаҳо, ривоятҳо ва устураҳоро фаро гирифтааст, «Сказки и легенды горных таджиков»-и А. З. Розенфелд ва Н. П. Ричкова [68] мебошад, ки бархе аз онҳо аз ҷониби худи мураттиб А. З. Розенфелд дар солҳои гуногун (1936, 1949, 1957 ва 1968) дар Раштону Дарвозу Ванҷу Вахон гирдоварӣ шуда бошанд, бархи дигари онҳо ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XX А. А. Семенов, М. С. Андреев ва Н. А. Кисляков аз Раштон ва Ванҷу Дарвоз дастрас ва қисман чоп намудаанд. Арзиш ва аҳаммияти китоб пеш аз ҳама дар ин аст, ки он, аз як сӯ мавқеи муҳим доштани навъу намудҳои насри лафзиро дар ҳаёти маънавии тоҷикони кӯҳистон рӯшан бозтоб кунад, аз сӯи дигар, дар таҳқиқи муқоисавӣ ва алоқамандии фолклори аҳолии манотиқи гуногун маъхази пурқимат маҳсуб мешавад. Дар солҳои минбаъда таваҷҷуҳи аҳли илм ва шахсони алоҳида ба

ривоятҳо зиёд гашта, як қатор китобҳо, ки аз матнҳои зиёди ривоятҳои мардуми Бадахшон иборатанд, нашр гардидаанд. Аз ҷумла, «Дурдонаҳои Бадахшон. Асотир ва ривоятҳо»-и тартибдодаи Н. Ҷонбобоев ва Ш. Муҳаммадшерзодшоев [53], «Баҳр-ул-ахбор»-и Саидҷалоли Бадахшӣ (таҳияи Р. Раҳмонқулов) [65], «Лаъли кӯҳсор»-и тартибдодаи Н. Шакармамадов ва Н. Ҷонбобоев [59], «Асотир ва ривоятҳо. Дар бораи ҳайвоноту парандагон»-и тартибдодаи Н. Қурбонхонова [46]. Яке аз корҳои бисёр назаррасе, ки дар илми фолклоршиносӣ анҷом дода шуда буд, ба табъ расидани ҷилди II «Фолклори Помир»-и Н. Шакармамадов [77] мебошад, ки асотир, ривоятҳо ва нақлҳоро фаро мегирад. Ҷилди китоб аз корҳои муҳим ва пураҳаммият дар фолклоршиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Китоб беш аз 132 матни аслӣ ва дар маҷмуъ бо қаринаҳои онҳо беш аз 200 матни асотир, ривоят ва нақлро дар бар мегирад. Онҳо, аз як тараф, хусусиятҳои ҳар яке аз ин жанрҳои фолклориро дар алоҳидагӣ бозтоб кунанд, аз ҷониби дигар, ба ҳамдигар алоқаи зич доштани онҳоро барҷаста нишон медиҳанд. Инчунини дигар «Сарчашмаи ривоят – воқеият. Ривоятҳои Вахон»-и тартибдодаи Н. Шакармамадов [67] яке аз маҷмуаҳои дигари муҳим аст, ки дастраси аҳли таҳқиқ гардида буд. Бояд зикр кард, ки осори зикршуда чун сарчашмаи асосӣ ва манбаъҳои илмию назарӣ барои ин пажуҳиш истифода гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки дар қатори жанри ривоят инчунин асарҳои дигари насри халқии мардуми Бадахшон гирдоварӣ ва нашр шудаанд. Аз ҷумла «Сказки народов Памира»-и тартибдодаи А. Л. Грюнберг ва И. М. Стеблин-Каменский [70] мебошад, ки ин аввалин маҷмуаи мукаммали афсонаҳои мардуми Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ, кишварҳои ҳамҷавори Ағонистон ва Хитой буда, ба забони русӣ тарҷума карда шудаанд. Инчунин, дар солҳои охир ҷилди III «Фолклори Помир. Афсонаҳои ҳаётӣ-маишии мардуми Бадахшон»-и Г. Ризвоншоева [78] ба табъ расид, ки ин нахустин маҷмуаи афсонаҳо мебошад, ки аз тарафи муҳаққиқи ватанӣ мураттаб гардида буданд.

Солҳои охир муҳаққиқ Н. Қурбонхонова дар соҳаи фолклоршиносӣ корҳои устод Н. Шакармамадовро пайгирӣ намуда, дар ин самт як қатор таълифоти илмиашон доир ба жанрҳои насри лафзӣ, махсусан, дар бораи асотири мардуми Бадахшон – «Устураҳои ҳайвоноту парандагон дар фолклори мардуми Бадахшон» [131] нашр гардид, ки он аз ҳар ҷиҳат барои муайян сохтани хусусиятҳои жанрии насри фолклори Бадахшон, махсусан асотир, маълумоти муҳимро дастрас мегардонад.

Дар осори номбаршуда бархе аз муаллифон доир ба вижагии жанри ривоят фикру мулоҳизаҳои иҷмолӣ баён карда бошанд ҳам, ошкор намудани паҳлухои гуногуни ин намуди жанри насрӣ ва ҳудуди муайян гузоштан байни ривояту жанрҳои дигари насри халқӣ то ба имрӯз таҳлилу таҳқиқи амиқи илмӣ ба мушоҳида намерасад. Аз ин рӯ дар диссертатсияи мазкур кӯшиш бар он меравад, ки ин мавзуъ комилан ҳалли худро ёбад.

Ба ғайр аз таълифоти дар боло зикргардида, андешаҳо ва маъхазҳои олимони хориҷӣ низ, аз ҷумла С. Н. Азбелев [85], Н. А. Криничная [123], В. Я. Пропп [154], В. К. Соколова [179, 180] ва муҳаққиқони ватанӣ Ю. Нуралиев [63], Ҷ. Рабиев [84, 155], Ҳ. Раҳматов [162], Х. Шарифов [203], Д. Обидов [149], Р. Раҳмонӣ [166], Ю. Салимов [177], С. Қосимӣ [128], Д. Раҳимов [160] ва як қатор таълифоти ин олимон доир ба ҳамин масоил дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои илмӣ интишор ёфтаанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи масъалаҳои мазкур бо барнома ва мавзуъҳои илмию тадқиқотии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ алоқаманд аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади марказии кори диссертатсионӣ аз муайян сохтани вижагиҳои жанрии ривоят тавассути таҳлили ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон ва зимни ин таҳлилҳо равшан намудани баъзе масъалаҳои ҳалталаб, аз ҷумла мундариҷа ва мазмуни ривоятҳо, ақидаҳои

мухталифи олимон аз хусуси истифодабарии истилоҳи илмӣ барои навъҳои насри шифоҳӣ, ҳамбастагии ривоятҳо бо нақлу асотир ва ғайра иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба ҳадафҳои таҳқиқ вазифаҳои асосӣ муайян шудаанд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- тасниф ва тафсир намудани ривоят ва муайян сохтани хусусиятҳои жанрии он;
- нишон додани тафовути ривоят аз дигар жанрҳои насри халқӣ ба мисли асотир, афсона, нақл, қиссаву ҳикоя;
- баррасии ривоят ҳамчун жанри алоҳидаи фолклорӣ;
- таҳлили мавзуъ ва муҳтавои ривоятҳои мардуми Бадахшон;
- ба таври мухтасар шарҳу тафсири мавзуъҳои ривоятҳо;
- муайян намудани нақши бархе аз ашёву ҳодисаҳои табиат дар тасаввури мардум;
- таҳлили ривоятҳо дар бораи дарахти арчаву чанор;
- таҳлили ривоятҳо оид ба бавуҷудоии кӯлҳо;
- муайян намудани мавқеи ривоятҳо дар ҳаёти маънавӣ ва адабии мардум.

Масъалаҳои зикршуда аз умдатарин нуктаҳои тадқиқот дар мадди назар дошта шудаанд.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти омӯзиши диссертатсияро ривоятҳои мардумӣ ва дигар намуди насри халқӣ, асару рисолаҳои илмӣ, ки дар онҳо доир ба жанри ривоят, ба таври иҷмолӣ ҳам бошад, фикру мулоҳизаҳои баён шудаанд, фароҳам овардааст. Ҳангоми таълифи рисола инчунин аз захираи илмии дастхатҳои Институти илмҳои гуманитарии АМИТ ва бархе аз маҷмуаҳои фолклорӣ ва асарҳои фолклоршиносону мардумшиносони маъруфи ватаниву хориҷӣ низ истифода шуд. Ба ҳайси таҳқиқ асосан ривоятҳо доир ба ашёҳои табиат – чашамҳо, дарахтҳо, сангу кӯҳпораҳо, доир ба шахсони таърихӣ ва ғайра интихоб шудаанд.

**Предмети таҳқиқ**. Асоси таҳқиқро мазмун ва мундариҷа, сохту забони ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон ташкил додааст. Таҳлил ва

тадқиқи хусусияти жанрии ривоят, тафовути он аз жанрҳои дигари насрӣ ва ҳамбастагии онҳо бо ривоятҳои дигар халқиятҳо предмети таҳқиқ ба ҳисоб мераванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Зимни таҳлилу омузиши маводу сарчашмаҳои мавзуъ асарҳои фолклоршиносону адабиётшиносони варзидаи ватаниву хориҷӣ ба монанди С. Н. Азбелев, Н. А. Криничная, Ҷ. Коккяра, В. Я. Пропп, В. К. Соколова, А. З. Розенфелд ва Н. П. Ричкова, А. Н. Болдирев, В. Асрорӣ, Р. Амонов, Ҳ. Раҳматов, Х. Шарифов, Р. Аҳмадов, Б. Шермуҳаммадов, Б. Тилавов, Ф. Муродов, Д. Обидов, Ю. Салимов, Н. Шакармамадов, Р. Раҳмонӣ, С. Қосимӣ, Д. Раҳимӣ, В. Охониёзов, Г. Ризвоншоева, Н. Қурбонхонова ва дигарон истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар диссертатсия аз он усулу тариқи тадқиқотие, ки дар фолклоршиносии умумӣ ҷорӣ ҳастанд, комилан истифода бурда шуд. Солҳои охир дар фолклоршиносии тоҷик, дар баробари таҳлили муқаррарии филологӣ аз усули таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, ки он ба маҷмуи санаду далелҳои муътамад асос меёбад, васеъ истифода мешавад. Ҳамин усули тадқиқот дар таҳқиқу таҳлили масъалаҳои оид ба муайянсозии вижагиҳои жанри ривоят низ қобили қабул дониста шуд. Адабиёти назарӣ, маъхазҳои адабӣ ва илмӣ бо назари танқидӣ истифода гардидаанд. Дар тақвияти муҳокимаву хулосаҳои ҷудогона аз баъзе мулоҳизаҳои дақиқи назарии мутахассисони варзида иқтибос шудаанд. Масъалаҳои умумияти ривоятҳо бо усули типологӣ дар рисола таҳқиқ шудаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосии диссертатсияро матнҳои ривоятҳои мардумӣ, ки дар Бойгонии дастхатҳои илмии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров маҳфузанд, ташкил медиҳанд. Ҳамчунин ҷилди дуюми «Фолклори Помир», ки аз матнҳои асотир, ривоят ва нақлҳо иборат аст, ба сифати манбаи асосӣ барои таҳқиқи мавзуъ истифода гардид.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Тадқиқоти мавриди муҳокима қарорёфта маҷмуи муҳимтарин масоили асарҳои насри халқии Бадахшон, махсусан жанри ривоятро фаро мегирад, ки ба истисноии баъзе қайду ишораҳои иҷмолӣ, онҳо бори аввал дар асоси маводҳои фаровон ва муътамад таҳқиқ ва баррасӣ мешаванд. Доир ба ашё ва ҳодисаҳои табиат, дар бораи ҳодисаҳои таърихӣ байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон ривоятҳои зиёде интишор ёфтаанд, ки онҳо, гарчанде ҳамчун мавод, сарчашма ва манбаи боэътимод барои таҳлили дақиқ ба шумор раванд ҳам, то ба имрӯз мавриди таҳлили илмӣ қарор дода нашудаанд. Дар рисолаи пешниҳодшуда бори аввал дар илми фолклоршиносӣ таҳқиқи ривоятҳои мардуми Бадахшон, бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои жанрии он, мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили намунаҳои зиёд маълум гардид, ки ривоят, яке аз жанрҳои машҳур ва паҳншудатарини насри халқии тоҷикӣ, дар фолклори сокинони гуногунзабони Бадахшон низ мавқеи муҳим дорад. Ва дар байни мардум на фақат ривоятҳое, ки дар онҳо таъсири осори хаттӣ дида мешавад, интишор гашта, қаринаҳои гуногун пайдо кардаанд, балки худи истеъдодҳои маҳаллии мардумӣ ҳам дар эҷоди намунаҳои зиёди ин жанр саҳмгузоранд. Бунёди таърихӣ-этнографӣ доштани сужаҳои алоҳидаи ривоят ошкор ва бо асотир, расму оин ва бовариҳои мардумӣ иртиботи мустаҳкам доштани он муайян гардиданд. То солҳои охир матнҳои асили ривоят бо истилоҳи ҳам «ривоят» ва  ҳам «нақл» дар омехтагӣ маънидод ва номбар мешуданд. Тавассути ин тадқиқот исбот шуд, ки ривоят аз жанрҳои махсуси фолклорӣ буда, он аз дигар намудҳои насри халқӣ бо вижагиҳои жанрии худ тафовут дорад.

Ҳамаи ин масъалаҳо барои аниқ намудани истилоҳи илмии жанри ривоят боис гардида, барои таҳлили тарафҳои дигари ин намуди асари шифоҳӣ замина мегузорад. Бар замми ин, таҳлили матни аслии ривоятҳо, ки бори аввал ба таври васеъ ба миён гузошта шуд, метавонад барои таҳқиқи дигар жанрҳои насри шифоҳӣ истифода шавад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Раванди таҳқиқоти пайгирона аз ҷониби фолклоршиносони таҷрибаандӯхтаи тоҷик дар таъйин намудани истилоҳоти нисбатан дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои насрӣ мансуб ба эҷодиёти шифоҳӣ ва муайянсозии хусусиятҳои жанрии ривоят мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз нимаи асри XX шуруъ гардида то солҳои охир чун дар фолклоршиносии кишварҳои дигар, дар фолклоршиносии тоҷик ҳам вижагиҳои жанрии ривоятҳои мардумӣ ҳанӯз дуруст ва мушаххас таъйин нашудааст. Сабаби ин ҳолат ба худи сохту шакл ва мазмуну муҳтавои онҳо ҳамбастагии зич дорад.

2. Ривояти халқӣ, гарчанде бо баъзе хусусияташ ба афсона, устура ва нақл шабоҳат дошта бошад, аз рӯи мазмуну мундариҷа аз онҳо комилан тафовут дорад.

3. Дар фолклоршиносии тоҷик дар партави таҳлилу баррасии жанрҳои насри омиёна ва бевосита доир ба нақл ва ривоят таълифоту гузоришоти муҳаққиқон ба муомилоти илм дохил шуда бошад ҳам, ҳанӯз ихтилофи назарҳо ва ақидаҳои мухталиф доир ба ривоят ва дигар жанрҳои насри лафзӣ ба чашм мерасанд.

4. Як қисми калони ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон бештар дар асоси шарҳу эзоҳи этимологии калимаҳо ва тавзеҳу тафсири пиндоштҳо, тасаввурот ва нуқтаи назари мардум дар бораи ашёҳои табиат ба монанди чашмаву дарахт, пайдоиши кӯлҳо, сангу теппаҳо ва дигар ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият ба вуҷуд омадаанд.

5. Баъзан ривоятҳо дар таъйин намудани бисёр ҳодисаҳои таърихӣ ва афкору ақидаҳои гуногуни одамон оид ба ашёву ҳодисаҳои аёну ноаёни табиату ҷамъият маводи пурарзиш ба ҳисоб меравaнд ва онҳо доир ба дигар паҳлуҳои ҳаёти моддӣ ва маишии мардум низ маълумоти пурқимат медиҳанд. Ашёҳои табиат ҳамчун рамз дар ривоятҳо мавқеи муҳимро касб кардаанд. Ба воситаи ин образҳо орзуҳои самимӣ, эътиқоду ихлос, маърифати дарки муҳити зисту зиндагонии одамон дар ривоят инъикос

шудааст. Дар қисми зиёди ривоятҳое, ки ба ин гурӯҳ шомиланд, пайвастагии басо диққатангези инсону табиат аён мегардад. Рамзҳо бо табиат ва бо муҳити зиндагии одамон алоқаи узвӣ дошта, дар ин мавридҳо рамз мавқеи аввалиндараҷа дорад.

6. Гарчанде ривоятҳо хусусияти афсонаҳои сеҳромез ё асотириро низ дошта бошанд ҳам, лекин онҳо аз ҷиҳати мазмуну муҳтавои худ аз бунёди воқеӣ доштанашон дарак медиҳанд. Зеро онҳо дар маҷмуъ баёнгари воқеии ақидаву ҷаҳонбинӣ, фаҳмишу дониш, муносибатҳои мухталифи аҳли авомро ба ашёву ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият дар давраҳои гуногуни таърихи башарӣ ба таври воқеӣ баён мекунанд.

7. Ривоятҳо дар таъйин намудани, ақидаву ҷаҳонбинӣ, боварию эътиқод, ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавӣ ва масоили дигари марбут ба тахайюлоти мардум ҳамчун манбаъ ва маъхази муҳиму муътамад баромад мекунанд.

8. Дар солномаҳо ва дигар манбаъҳои хаттӣ ривоятҳо баъзан ба сифати манобеи муътамади таърихӣ истифода бурда мешаванд. Муаррихон дар бисёр маврид ҳамчун асноди эътимоднок аз гузаштаи ин ё он диёр истинод ба маъхази ривоят мекунанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назарии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои тадқиқот метавонанд дар омӯзиши масъалаҳои умумии фолклори Бадахшон ва фолклоршиносии тоҷик истифода шаванд. Инчунин маводи он барои омӯзиши илмии ривоятҳои мардумии тамоми манотиқи Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ метавонад барои муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафа, антропология, этнология ҳамчун сарчашмаи илмӣ ва оммавӣ хизмат мекунад. Баъзе ишораҳои таҳқиқи мазкур аз аҳаммият холӣ набуда, дар дарсҳои фолклори тоҷик, дар навиштани китобу дастурҳои тахассусии методӣ-таълимӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни мактабҳои олӣ метавон аз он истифода бурд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия мутобиқи шиносномаи ихтисосҳои 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ таҳия шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар фароҳам овардани мавод ва таҳлилу таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ муаллиф дар корҳои майдонӣ бевосита иштирок намуда, аз ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон доир ба мавзуъ маводҳои зиёди фолклориро сабт намуд. Натиҷаи таҳлил ва хулосаҳои пажуҳиши мавзуъ дар мақолаҳои илмӣ дарҷ гардиданд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои илмӣ ва андешаҳои таҳлилии диссертатсия дар маърӯзаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва илмию амалии «Наврӯз тараннумгари вуҷуди поки инсонӣ» (Хоруғ, 18.03.2022), «Унсурҳои худогоҳии миллӣ дар осори бозмондаи Рӯдакӣ» (Хоруғ, 21.09.2022), «Наврӯз пайвандгари дирӯз ва имрӯз» (Хоруғ, 20.03.2024) мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ (протоколи № 4 аз 4.09.2024 ) муҳокима гардида, барои дифоъ пешниҳод шуд.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Маҷмуи хулосаҳои диссертатсия дар 1 брошюра, 1 маҷмуа, 19 мақола аз ҷумла 5-то мақола дар нашрияҳои илмии пешбар, ки ба руйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола аз 165 саҳифа иборат аст.

# БОБИ I

# РИВОЯТ ҲАМЧУН ЖАНРИ ФОЛКЛОРӢ ВА ТАВОФУТИ ОН АЗ ЖАНРҲОИ ДИГАРИ НАСРИ ШИФОҲӢ

## 1.1. Вижагиҳои жанри ривоят

Дар нимаи дуюми қарни XX фолклоршиносии тоҷик ба маънии томаш дар бобати ҷамъоварӣ ва нашру табъи осори бадеии лафзии мардумӣ дар радифи фолклоршиносии пешқадами кишварҳои олам қарор гирифт. Дар ин миён дар Шуъбаи фолклори тоҷики Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ганҷинаи бои илмии дастхатҳо ба вуҷуд омад, ки он қариб аз 300000 саҳифа иборат буда, намунаҳои зиёди тамоми навъу намудҳои фолклорӣ, ки қариб аз ҳамаи манотиқи Тоҷикистон, вилояту навоҳии тоҷикнишини Ӯзбекистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна гирдоварӣ шудаанд, фаро мегирад. Ин ганҷинаи бои илмӣ дар асоси таҷрибаи навтарини фолклоршиносӣ мураттаб гардида, аз рӯи он феҳристҳои мукаммали илмии жанрҳои алоҳидаи фолклорӣ ба вуҷуд омаданд, ки онҳо барои мураттаб сохтани Куллиёти бисёрҷилдаи фолклори тоҷик заминаи мусоид фароҳам оварданд. Чанде аз ин ҷилдҳо ба дасти аҳли илм расидаанд. Боиси тазаккур аст, ки ҷилдҳои Куллиёти фолклори тоҷик аз рӯи фарогирии маводу маълумот ва тарзу усули дарҷи онҳо дар фолклоршиносии олам то ба имрӯз назир надоранд [57, 132, 188].

Дар зарфи ним асри сипаригашта дар омӯзиши назарӣ ва тадқиқи паҳлуҳои гуногуни фолклори тоҷик ҳам корҳои назаррасу пураҳаммият ба ҷо оварда шудаанд. Тадқиқоту таълифоти Р. Амонов доир ба мавзуъ ва муҳтаво, поэтика ва интишори навъу намудҳои лирикаи халқӣ [92, 91], Б. Тилавов оид ба забон, услуб ва поэтикаи зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ [187, 188], Б. Шермуҳаммадов оид ба фолклори бачагона ва тафсиру ташреҳи асарҳои ҷудогонаи назми форсу тоҷик аз нигоҳи интишор ва мансубияти муаллифӣ [205], А. Сӯфиев доир ба таърихи пайдоиш, инкишоф ва хусусиятҳои жанрии чистонҳо [182], Д. Обидов роҷеъ ба мундариҷа ва

сохту бадеияти ривоятҳои мардуми тоҷик [149], И. Г. Левин дар бораи сайри таърихӣ ва ҷуғрофии асарҳои насри халқӣ ва тафсири истилоҳии қисми онҳо [132, с. 9-72] ва ғайра аз дастовардҳои намоёни илмӣ-назарии фолклоршиносии тоҷик мебошад. Ҳамчунин, тадқиқоти Н. Шакармамадов доир ба фолклори мардуми гуногунзабони Бадахшон [77, 196, 198], Р. Қодиров доир ба фолклори маросими тоҷикони водии Қашқадарёи Ӯзбекистон [125], Д. Обидов оид ба фолклори маросимҳои мавсимии даризабонони Афғонистон [149, 148] аз ҷумлаи комёбиҳои барҷастаи фолклоршиносони тоҷик дар ин давра маҳсуб мешаванд.

Дар давоми беш аз як аср дар ҷамъоварӣ, нашру табъ ва тадқиқи фолклори Бадахшон корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Ва аз рӯи ҳамаи ин корҳои анҷомёфта пайдост, ки эҷодиёти бадеии шифоҳӣ аз замонҳои қадим аз унсурҳои хеле муҳимми ҳаёти маънавӣ ва фарҳанги мардуми Кухистони Бадахшон қарор доштааст. Он баробари ба фолклори халқҳои дигар, махсусан ба фолклори тоҷик умумияти зиёд доштанаш вобаста ба шароиту ҳодисаҳои таърихӣ ва муҳите, ки дар он рӯзгори мардум ҷараён дошт, аломату хусусиятҳои хосро низ касб намудааст. Фолклори Бадахшон бо тамоми падидаҳо ва шохаҳои бузурги сербори худ дар муайян кардани бисёре аз пахлуҳои ҳаёти моддӣ-иҷтимоӣ ва маънавӣ-фарҳангии ин мардум дар масири тӯлонии таърих аз сарчашмаҳои ниҳоят муҳим ва боэътимод маҳсуб меёбад.

Яке аз корҳои бисёр назаррасе, ки аз ҷониби Н. Шакармамадов анҷом дода шуда буд, ба табъ расидани ҷилди II «Фолклори Помир» мебошад, ки асотир, ривоятҳо ва нақлҳоро фаро мегирад. Ҷилди китоб аз корҳои муҳим ва пураҳаммияти Н. Шакармамадов дар фолклоршиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Китоб беш аз 132 матни аслӣ ва дар маҷмуъ бо қаринаҳои онҳо беш аз 200 матни асотир, ривоят ва нақлро дар бар мегирад. Онҳо аз як тараф хусусиятҳои ҳар яке аз ин жанрҳои фолклориро дар алоҳидагӣ бозтоб кунанд, аз ҷониби дигар, ба ҳамдигар алоқаи зич доштани онҳоро барҷаста нишон медиҳанд. Н. Шакармамадов асотир, ривоят ва нақлро тибқи

мундариҷа ва мазмун ба ҳашт гурӯҳ: дар бораи пайдоиши оламу одам, ашхоси асотирӣ ва таърихӣ, Луқмони Ҳаким ва табибӣ, ҳодисаҳои таърихӣ ва маишӣ, ҳодисаҳои табиат, остонҳо (зиёратгоҳҳо) ва аломатҳои рӯи санг, оид ба инсу ҷинс ва ҳодисаҳои ғайриодӣ, ҳайвонот, парандаҳо ва хазандаҳо ҷудо намудааст. Муаллиф дар муқаддимаи китоб доир ба вижагиҳои жанрии ривоят ва нақл, дараҷаи таҳқиқу баррасии онҳо дар фолклоршиносии тоҷик мулоҳизаҳои ҷолибро баён намуда, роҷеъ ба ҳар матни ривоят ва нақл маълумотномаи мухтасарро дарҷ намуданд, ки то андозае барои таъйин намудани хусусияти жанрии ривоят рӯшанӣ меандозад.

«Лаъли кӯҳсор» нахустин маҷмуае мебошад, ки миқдори зиёди ривоят ва афсонаҳои зиёди шифоҳӣ ва китобии дар боари Ҳаким Носири Хусрав интишорёфтаро фаро гирифтааст. Аз мазмун ва мундариҷаи ривояту афсонаҳо рӯшан бармеояд, ки агар дар қисми муҳимми онҳо тасаввуроту ақидаҳои гуногуни одамон нисбати файласуфи тавоно ва адиби беҳамтои асри XI тоҷик Ҳаким Носири Хусрав баён ёфта бошад, дар бархе аз онҳо муносибати мухолифини ақидаҳояшон акс ёфтааст. Дар пешгуфтори маҷмуа, мураттиб аз ин хусус ва роҷеъ ба масоили дигари марбути моҳияти аслии муҳтавои ин ривояту афсонаҳо изҳори ақида намудааст: «Шоир ва мутафаккири бузурги асри XI тоҷик Носири Хусрав қисми зиёди умри худро дар Бадахшон гузаронида, дар ин ҷо асарҳои илмиву адабӣ таълиф намудааст. Ҷараёни зиндагии шоир ҳам дар Юмгон ном мвзеи марзи Бадахшони Афғонистон поён ёфтааст. Дар бораи шахсияти Ҳаким Носири Хусрав дар байни халқ нақлу ривоятҳои бешумор офарида ва паҳн шудаанд, ки аз рӯи як қисми онҳо гӯё ягон маҳалли аҳолинишини Бадахшон набудааст, ки Ҳаким Носири Хусрав ба он ҷо нарафта бошад ва ба ин мавзеъҳо аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ ва хислату рафтори одамон ном гузоштааст. Ӯ яке аз аввалин мубалиғи илму дониш, дини мубини ислом, ба вижа мазҳаби исмоилӣ дар байни аҳолии ин сарзамин маҳсуб меёбад» [59].

Соли 1990 китобе бо унвони «Сказки и легенды горных таджиков» («Афсона ва ривоятҳои тоҷикони кӯҳистон») бо ибтикори А. З. Розенфелд ва Н. П. Ричкова чоп шуд [68]. Китоб афсонаҳо, ривоятҳо ва устураҳоро фаро гирифт, ки бархе аз онҳо аз ҷониби худи мураттиб А. З. Розенфельд дар солҳои гуногун (1936, 1949, 1957 ва 1968) дар Раштону Дарвозу Ванҷу Вахон гирдоварӣ шуда бошанд, бархи дигари онҳо ҳанӯз дар ибтидо ва солҳои 30-юми асри XX А. А. Семенов, М. С. Андреев ва Н. А. Кисляков аз Раштон ва Ванҷу Дарвоз дастрас ва қисман чоп намудаанд. Арзиш ва аҳаммияти китоб пеш аз ҳама дар ин аст, ки он, аз як сӯ мавқеи муҳим доштани афсона ва дигар навъу намудҳои насри лафзиро дар ҳаёти маънавии тоҷикони кӯҳистон рӯшан бозтоб кунад, аз сӯи дигар, дар таҳқиқи муқоисавӣ ва алоқамандии фолклори аҳолии манотиқи гуногун маъхази пурқимат маҳсуб мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки ба мушаххас намудану такмил додани ин маълумоти иҷмолӣ ва умуман, таъйин намудани вижагиҳои жанрии навъу намудҳои насри лафзӣ дар фолклори Бадахшон ҳанӯз ба таври ҷиддӣ касе машғул нашуда буд.

Аз рӯи маълумоти дастрасбуда бори аввал сайёҳи англис Бернард Шоу солҳои 1876-77 се афсона ба забони сариқулӣ, як афсона ба забони шуғнонӣ ва як афсона ба забони вахонӣ чоп кунондааст [221].

Устод Равшан Раҳмонӣ роҷеъ ба асраҳои насри халқӣ ба мисли «устура», «ҳикояҳои асотирӣ», «қисса», «ривоят», «нақл» иттилоъ дода, ба таври бояду шояд омӯхта нашудани жанри ривоятро ба таъкид гирифтааст: «Муҳаққиқони адабиёти шифоҳии Эрону Афғонистон низ роҷеъ ба ривоят ба ҳайси жанри мустақил то имрӯз асаре таълиф накардаанд. То ҷое, ки мо хабар дорем, ҳатто нисбати хусусиятҳои ин жанр ишорае ҳам нашудааст» [166, с. 80].

Муҳаққиқ Равшан Раҳмонӣ чунин вазъи омӯхта нашудани жанри ривоятро ба назар гирифта, андешаашро ба ин тарз хулоса намудаст: «Ба ҳамин тариқ метавонем истилоҳи «ривоят»-ро нисбати он ҳикоятҳое, ки

аслан маншаи таърихӣ доранд, ба кор барем, агарчи баъзе ривоятҳо зоҳиран ба таърих иртиботе надошта бошанд ҳам, аслан як ҷузъи хабардиҳандаи он ҳастанд» [166, с. 80]. Ва дар заминаи он ривоятро чунин шарҳ медиҳад: «Ривоят тасвири хабарии ин ё он шахси таърихӣ, макон, мазор, ҳайвонот, парандаҳо, ҳашарот ва монанди ин аст. Фаромӯш набояд кард, ки ривоят аз афсона тафовут дошта бошад ҳам, байни онҳо робитае низ мавҷуд аст» [166, с. 80].

Муҳаққиқони эҷодиёти бадеии шифоҳии мардум ё худ фолклор ҳар як асарро хоҳ он афсона ё латифа, хоҳ зарбулмасалу мақол ё чистон ва хоҳ рубоӣ ё даргилик бошад, онро ҳамон вақт мансуби эҷоди мардумӣ маҳсуб медонанд, ки агар ду-се нусхаи (қаринаи) он ба даст омада бошад. Зеро дар асоси матни ягонаи аксари навъу намуди фолклорӣ доир ба асл, моҳияти онҳо ба хулосаи аниқу дақиқ омадан душвор аст, ҳарчанд, баъзан дар асоси матни ягонаи ин ё он навъи фолклорӣ ба хулосае омадан мумкин мегардад.

Фолклоршиносон то ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ барои таъйин намудани хусусияти жанрии ривоят ҷавоб ва хулосаи аниқ надодаанд. Дар бисёр маврид дар асарҳои илмиву қайдҳои алоҳидаи муҳаққиқон омехтагии ривоят бо дигар асарҳои насри халқӣ чун нақлу ҳикояву саргузашт ба назар мерасад. Чунин ҳолатро аз ҷиҳати мазмуни мундариҷа ба ҳамдигар наздик будани онҳо маънидод кардан мумкин аст. Лекин, агар онҳо аз ҷиҳати таърихӣ, шаклӣ ва хусусияти типологӣ омӯхта шаванд, маълум мегардад, ки онҳо аз ҳамдигар тафовут доранд ва ҳамчун жанрҳои алоҳидаи фолклорӣ шинохта мешаванд. Баъзе аз асраҳои насри халқӣ ба ривоят наздиканд, бархи дигаре бошад, бештар унсурҳои нақлиро доранд. Дар байни мардум ривоят бештар ба истилоҳи «нақл» маъмул аст, зеро онҳо ҳодисаҳо ва ҷузъиёти таърихи маҳалро инъикос мекунанд. Аз ин ҷиҳат ривоят хусусияти маҳаллӣ-миллиро касб намудааст. Ин навъи асараи эҷодиёти шифоҳӣ хусусияти дарку маърифат кардани воқеа ва ҳодисаҳои дар гузашта ба амал омадаро дорад, ки аз он даврон, умуман, ягон санаду далели эътимоднок

боқӣ намондааст. Он чизе ки дар ривоят гуфта мешавад, одатан, аз тарафи гӯянда ва шунаванда ҳамчун ҳодисаи воқеӣ дарк ва қабул карда мешавад.

Аз рӯи як қатор хусусиятҳо ривоят характери реалиро касб мекунад, аз ҷумла, маводҳои таърихӣ, ки тобиши маҳаллӣ доранд, ишораи аниқ ба замон ва ҷои ҳодиса, ҷузъиёти ҳаётӣ-маишӣ, ишора ба нақли анъанавӣ («падарам нақл кард», «аз падарам шунидам», «падарам аз бобоям чунин нақл шунид») ва дар баробари ин дар сужаи ривоятҳо унсурҳои хаёлӣ низ ба назар мерасанд. Ривоят на танҳо доир ба ҳодиса ва амалҳои шахсони таърихӣ, ки ба ин ҳодиса алоқаманданд баён мекунад, балки натиҷаи ин амалҳоро низ нишон медиҳад, ки аз ҷиҳати таърихӣ муҳиммияти онро зиёдтар мегардонад.

Баъзан ба мазмун ва мундариҷаи ривоятҳо яке аз сурудҳои анъанавии мардуми Кӯҳистони Бадахшон «маддоҳ», ки он дар таъйин намудани паҳлуҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии сокинони ин минтақа чун як манбаи муҳим нақш дорад, бетаъсир намондааст. Аз ин бора муҳаққиқ Ҳ. Таваккалов дар асараш маълумоти муфассал медиҳад [183, с. 4].

Аз рӯи маълумоти олим ва адиби маъруфи асри XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ онҳоеро маддоҳхон гуфтааст, ки табъи шоирӣ ва воизӣ дошта, ривоёту ҳикоётро ба риштаи назм кашидаанд ва онҳоеро, ки «манзумот ва сухononе, ки дигарон назм кардаанд, адо менамоянд ва фоида ба халқ мерасонанд, ин тоифаро ровиён хонанд ва эшон низ аз ҷумлаи мадоҳхонанд» [56, с. 97].

Вобаста ба гуфтаҳои фавқ муҳаққиқи рус Н. И. Кравцов низ чунин ибрози ақида мекунад: «Предания близки к историческим песням, но имеют прозаическую форму, а не стихотворную» [121, с. 122].

Тафовути ривоятҳо аз афсона дар он аст, ки дар ривоят санади воқеӣ ва ҳодисаи даврони қадим гуфта мешавад, лекин то андозае баъзе унсурҳои хаёлбофӣ дар онҳо ҷой дорад. Ҳамчунин ривоят сохт ва шакли озод дошта, оғоз ва анҷоми устувору муайян, ки ба афсона хос аст, надорад. Дар ривоят назар ба дигар асарҳои насри таърихии шифоҳӣ, ки аз гузаштаи дур иттило

медиҳанд, гӯянда ҳеҷ гоҳ чун шоҳид ё иштирокчии худи ҳодисаву воқеа баромад намекунад.

Ривоятҳои мардумӣ гуногунтаркиб мебошанд. Кӯшиши асоснок ва мунтазам тасниф намудани ривоятҳо на ҳама вақт муяссар мегардад. Баъзе аз муҳаққиқон ривоятҳоро ба ду навъ ҷудо кардаанд: ривоятҳои таърихӣ ва топонимӣ. Ба гурӯҳи аввал ривоятҳое шомиланд, ки доир ба ҳодиса ва шахсони таърихӣ, воқеаҳое, ки бо онҳо алоқаманд ҳастанд, ҳамчунин доир ба шахсоне, ки ё бевосита дар ин ҳодисаҳо иштирок намудаанд, ё аз ягон ҷиҳат ба ин санади таърихӣ муносибат доштани онҳо ёдрас мешавад. Ба гурӯҳи дуйум ривоятҳое, ки доир ба пайдошавӣ ва маскуншавии ягон маҳал ё мавзеъ ва номгузории онҳо, доир ба ҷойҳое, ки бо ҳодисаҳои муҳиму бузург робита доранд дохил мешаванд. Ривоятҳои топонимӣ яке аз намудҳои қадими жанри насрии шифоҳӣ ва байни мардум маъмул маҳсуб меёбад. Онҳо асосан доир ба объектҳои ҷуғрофӣ (мавзеъҳо, дарёҳо, кӯлҳо ва ғ.) ва мавзеъҳои аҳолинишин нақл мекунанд. Хусусияти асосии ривоятҳои топонимӣ дар он аст, ки онҳо пайдоиши ном ё бавуҷудоии объектҳои ҷуғрофӣ ва мавзеъҳои аҳолинишин маънидод мекунанд. Дар чунин гурӯҳи ривоятҳо баъзан ҳодисаву шахсони алоҳидаи таърихӣ инъикос гардидаанд, ки хусусияти таърихӣ доштани ин намуди ривоятҳоро бори дигар собит месозад. Ҳанӯз дар байни мардуми Бадахшон ривоятҳо доир ба маскуншавӣ ва ном гузоштан ба мавзеъҳо дар интишор ҳастанд. Ривоятҳо дар бораи мавзеъҳои Танг [39], Сардем [40], Басид [24], Ғунд [30] ва амсоли ин аз ҷумлаи ривоятҳои тасмиявӣ ё топонимӣ мебошанд.

Ба ривоятҳои топонимӣ нақлҳо доир ба пайдошавии теппаҳо низ дохил мегарданд. Теппаҳои аз сангреза бавуҷудомадаро дар ривоятҳои мардуми Бадахшон ба шахсони асотирӣ ё авлиёҳо нисбат медиҳанд. Яке аз симоҳои маъмули асотирӣ Ландаҳур (ашхоси ниҳоят азимпайкарро «ландаҳур» низ мегӯянд – О. Ш.), ки дар ривоятҳои мардуми Бадахшон маъмул аст, гӯё аз соҳили чапи дарёи Панҷ қасди ҷони Хӯҷаи Хизр (яке аз пайғамбарон) карда, санги калонеро бо фалахмон ба сӯи ӯ ҳаво медиҳад. Он

санг ба Хӯҷаи Хизр намерасад ва ӯ дар навбати худ бо белча хокро гирифта, болои Ландаҳур мепартояд ва дар ҷое, ки Ландаҳур истода буд, он белчаи хок аз болояш ба теппаи сангин табдил ёфтааст. Он сангтеппа дар мобайни қишлоқи Ниводаки Афғонистон воқеъ аст ва мардум онро гӯри Ландаҳур ном мебаранд [53, с. 40-41]. Чунин теппаи аз сангрезаҳо бавуҷудомада дар соҳили чапи дарёи Панҷ, рӯ ба рӯи қишлоқи Сохчарви ноҳияи Шуғнон ҳам воқеъ аст, ки он ҳам бо ҳамин унвон байни мардум маъмул аст. Ҳамчунин, сокинони қишлоқи Сохчарв дар бораи ду санги калоне, ки он ҷо вуҷуд доранд, ривоят мекунанд, ки яке гӯё кулоҳи Ландаҳур ва дигаре «виздоҷжир» - санги фалахмонаш будааст. Албата дар ин ҷо унсурҳои асотирӣ ва хаёлу бофтаи мардум ҷой дошта бошад ҳам, лекин ин гурӯҳи ривоятҳо сабаби пайдоиши номи мавзеъҳои алоҳидаро маънидод мекунанд. Асбоби рӯзгор ба монанди бел дар дигар матнҳои ривоят низ дучор мегардад, ки дар ин қабил ривоятҳо ин олоти меҳнат бисёр вақт маҳз дар дасти шахсони муътабар ҳамчун силоҳи муъҷизакорӣ истфода мешавад. Доир ба ин масоил мулоҳизаҳои алоҳидаро тақозо мекунад.

Яке аз хусусиятҳои жанрии ривоятҳо ин аст, ки дар онҳо этимологияи мардумӣ ҷой доранд. Сабаби пайдоиши ягон ашёи табиат ё ном ва номгузории маҳал ва мавзеъҳоро мардум аз рӯи салиқаю дониши худ шарҳ ва маънидод мекунанд. Дар ривоятҳо этимологияи мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ашёҳо ва ҳодисаҳои табиат аз тарафи мардум маънидод карда мешаванд. Аммо чунин шарҳу тафсирҳо бештар асоси илмӣ надоранд ва аксаран дар пояи боварҳо ва ақидаҳои омиёна устувор мебошанд. Чунин мазмун дар ривоятҳое, ки доир ба мавзеҳои ҷуғрофӣ гуфта мешаванд, баръало намудор мегардад.

Доир ба жанри ривоят фолклоршиноси тоҷик Д. Обидов корҳои назаррасро анҷом додааст. Аз рӯи таснифоти муҳаққиқ ривоятҳое, ки бо номи ҷуғрофии ин ё он маҳал вобастаанд, ба гурӯҳи ривоятҳои тасмиявӣ ё топонимӣ дохил намудааст [149, с. 36].

Ривоятҳои топонимӣ ё тасмиявӣ яке аз намудҳои қадимии жанри насрии шифоҳӣ ва байни мардум маъмул маҳсуб меёбад. Онҳо асосан доир ба пайдошавӣ ва маскуншавии ягон маҳал ё мавзеъҳои аҳолинишин ва номгузории онҳо маълумот медиҳанд. Хусусияти асосии ривоятҳои топонимӣ дар он аст, ки онҳо пайдоиши ном ё бавуҷудоии объектҳои ҷуғрофӣ (мавзеъҳо, дарёҳо, кӯлҳо ва ғ.) ва мавзеъҳои аҳолинишин маънидод мекунанд. Дар чунин гурӯҳи ривоятҳо баъзан ҳодисаву шахсони алоҳидаи таърихӣ инъикос гардидаанд, ки заминаи таърихӣ доштани ин намуди ривоятҳоро бори дигар собит месозад.

Ривоятҳои топонимӣ, ки доир ба бавуҷудоии маҳалҳои аҳолинишин, доир ба номгузории ин мавзеъҳо нақл мекунанд, мисли дигар ривоятҳо заминаи таърихӣ доранд. Лекин худи асарро наметавон топонимӣ шуморид. Танҳо мавзуе, ки дар дохили он этимологияи номҳои мавзеъҳоро шарҳ медиҳад, онро метавон тасмиявӣ ё топонимӣ ҳисобид. Вай метавонад дар дохили асар бо дигар мавзуъ тавъам буда, дар матн ҷои марказӣ ё дуйумдараҷаро ишғол намояд. Баъзан вай метавонад маънои таърихии асарро гум накарда дар матн нақши мустақилро бозад.

Ҳодисаи топонимикаи хурд, ки дар матнҳои на чандон калон тасвир ёфтаанд, онҳо аллакай дар зери назари олимони соҳаи забоншиносӣ қарор гирифта, онро маҳз аз нигоҳи таърихи забон таҳқиқ мекунанд. Базан чунин ақидае ҳаст, ки аз таърихӣ будани ривоят ишора меравад. Бояд қайд кунем, ки худи ривоят таърихӣ шуда наметавонад, балки тасвир шудани ҳодисаҳои воқеии ягон маҳал дар онҳо метавонад таърихӣ бошад. Ривоят ин воқеанигори як ё якчанд маҳал, ки аз ҷиҳати инкишофи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо ҳам алоқамананд. Чунин маҳалҳо, асосан, дар резишгоҳҳои рӯду дарё, дар назди роҳҳои тиҷоратӣ ё заминҳои барои чорводорӣ ё кишт мусоид бунёд мегарданд.

Ном гузоштан ба маҳалҳо на фақат аз рӯи хусусият ва ҷойгиршавии онҳо ба амал меояд, балки вобаста ба ҳодисаву шахсоне, ки бо ҳамин мавзеъ алоқамандие доштаанд, боис мегардад. Масалан, ривоят дар бораи

Ишкошим ба гуфтаҳои фавқ мисол шуда метавонад. «Замоне як бача бо номи Ҳошим ба ин тарафҳо омада, ба як духтари зебо дил мебандад. Аммо падари духтар ҳеҷ розӣ намешавад, ки духтарашон ба ҷавон расад. Писар дар ишқи духтар обу адо мешавад ва бо ин рафтораш чун «Ишқи Ҳошим» дар байни мардум паҳн мегардад» [13]. Ба ҳамин монанд ривоятҳо доир ба қишлоқҳои Шувҷев, аз калимаи «х̇ӯвд» – шир, ки дар ин ҷо як вақтҳо шир фаровон будааст ва қишлоқи Сумҷев аз калимаи «сум», яъне он дар ҷое воқеъ аст, ки аз он ҷо фақат нахчир гузашта метавонистааст, низ таалуқ доранд [42]. Ё сабаби ном гирифтани қишлоқи Равмед дар ривояти мардумӣ ба маънои «рав ба умед» шарҳ дода шудааст [22]. Ҳамчунин, дар ривоятҳое, ки доир ба деҳаҳои Ғунд ва Аличур гуфта мешаванд аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба ривоятҳои фавқ монанд мебошанд.

Чунин шарҳу тафсири этимологии номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ ақидаҳои мардумӣ ҳастанд, лекин аз нигоҳи илми забоншиносӣ бештари номҳои мавзеъҳои Кӯҳистони Бадахшон аз забонҳои ҳиндуориёӣ ва эрони қадим маншаъ гирифтаанд ва этимологияи бархе аз онҳо то ҳанӯз номаълуманд. Масалан, доир ба топоними Ишкошим бори аввал муҳаққиқи эроншинос Т. Н. Пахалина фикру андешаҳои худро иброз намудааст. Ба ақидаи ӯ ин топоним аз забони ҳиндуориёӣ маншаъ гирифта, Ишкошим дар забони ишкошимӣ - Šьkošьm, ба вахонӣ - Š(ə)kōšum, ба шуғнонӣ - Šikōšum талаффуз мешавад. Дар ҳамаи ин забонҳои помирӣ ин калима қариб як хел талаффуз карда мешавад. Дар ҳиндуориёӣ ин топоним дар шакли śakā - samā таркиб меёбад, ки қисми якум ҳамчун номи кишвари сакҳо ё қабилаи сакҳо маънидод карда шавад, қисми дуйум – samā ва khamā «замин»-ро ифода мекунад. Дар маҷмуъ калимаи śakā - samā маънои «Кишвари сакҳо»-ро дорад [133, с. 178]. Дар хусуси он, ки дар ҳудуди Ишкошими имрӯза ва навоҳии атрофи он қабилаҳои муттаҳидаи сакҳо иқомат доштаанд, маводҳои таърихӣ низ гувоҳӣ медиҳанд. Б. А. Литвинский дар як асараш қайд мекунад, ки «ҳамаи рӯйхати манбаъҳои хаттӣ ва ишораҳо доир ба ҳодисаҳои

таърихӣ аз он далолат мекунанд, ки дар ҳамҷавор бо Ҳинду Бохтар яке аз калонтарин гурӯҳи қабилаи сакҳо иқомат доштаанд» [133, с. 165].

Дар бораи қишлоқи Хабост (н. Роштқалъа), ки дар баландӣ воқеъ аст, чунин ривояте ҳаст, ки мардум замини киштро аз рӯдхонае, ки дар ҳамин мавзеъ ҷорӣ аст, об медиҳанд. Зиёд ё кам шудани оби ин рӯдхона аз боришот вобастагӣ дорад. Агар дар фасли зимистон барф зиёд борад, сокинони деҳа аз оби ин рӯдхона то фасли тирамоҳ боғу заминҳои худро шодоб мекунанд ва агар барф кам борад, дар рӯдхона об кам ҷорӣ мешавад ва сокинон гӯё аз кам шудани ҳосили зироаташон дар ҳамон сол дар «хаwос» - тарс, ҳарос меафтанд. Аз ин ҷиҳат номи ин мавзеъро Хабост мегӯянд [10]. Лекин ин топоним аз нигоҳи забоншиносӣ маънои дигарро ифода мекунад. Дар водии Бартанги ноҳияи Рӯшон низ мавзее бо номи Хабуст мавҷуд аст, ки он ҳам монанди деҳаи Хабости ноҳияи Роштқалъа дар баландӣ воқеъ аст. Аз эҳтимол дур нест, ки этимологияи ин топонимҳо ба мавқеи ҷуғрофиашон, дар баландӣ ҷойгир буданашон, вобаста аст ба мисли мавзеъҳои Хуф (н. Рӯшон), Хуфак (ш. Хоруғ), Дашт (ин топоним қариб дар ҳамаи навоҳии ВМКБ мавҷуд аст ва ҳамаи онҳо аз сатҳи рӯдхона дар баландӣ ҷойгиранд).

Ҳамчунин ривоятҳое, ки дар бораи Ҳазрати Алӣ гуфта мешаванд, дар онҳо шарҳи этимологии номҳои мавзеъҳо аз тарафи мардум ба назар мерасанд, махсусан, аз мазмуни ривоятҳои дар бораи мавзеи Аличур ва қалъаи Қаҳқаҳа [77, с. 76, 200] овардашуда чунин вижагиҳо баръало намудор мегарданд. Роҷеъ ба ин масъала дар боби III рисолаи мазкур шарҳи муфассал дода мешавад.

Доир ба мавзеи Наматгут маскунони ин деҳа чунин ривоят мекунанд, ки гӯё дар гузашта дар ин ҷо кони зиёди намак будааст. Ҳазрати Алӣ, ҳангоми муҳориба бо ҳокими кофарон Қаҳқаҳа, садои баланд мебарорад, ки аз таъсири он ҳамаи кони намак нест мешавад. Аз ин рӯ сокинони ин мавзеъ номи Наматгутро чун Намак-кут - «намаки зиёд» ё Намак-куҳ – «Кӯҳи намакин» маънидод мекунанд [181, с. 184]. Чунин шарҳ додани маънои

калима этимологияи мардумӣ аст, ки онро бо шахсияти Ҳазрати Алӣ алоқаманд медонанд.

Аз нигоҳи лингвистӣ бошад забоншинос И. М. Стеблин-Каменский чунин шарҳ додааст, ки ин топоним дар забони вахонӣ Nəmətgɯt талаффуз шуда, аз калимаи эрони қадим namatagāt - «ҷои саҷда», «саҷдагоҳ» маншаъ мегирад. Қисми якум аз решаи nam - «хам шудан» ва қисми дуюми калима аз -gāt (форсӣ -gāh, -ga - «ҷой», «макон») таркиб ёфтааст, ки ин топоформант дар ҳудуди Помири Ғарбӣ низ интишори васеъ дорад [181, с. 184-185].

Аҷиб он аст, ки дар харитаи сайёҳии Б. Л. Громбчевский, ки онро соли 1895 тартиб дода буд [86], мавзеи Наматгут ба таври Намазга ишора шудааст, ки бо тоҷикии «намозгоҳ» шабоҳат дорад. Дар ҳақиқат ҳам, маскунони маҳалӣ истилоҳи «намазга»-ро дар нисбати мазору зиёратгоҳҳое, ки дар назди мавзеи Наматгут ҷойгиранд, истифода мебурданд.

Этимологияи мардум дар ривоятҳое низ дида мешавад, ки доир ба ашёи табиат ва дар бораи ҳайвоноту парандагон гуфта шудаанд. Масалан, ривоятҳои дар бораи «Шутурсанг» [77, с. 233] «Сумби Дулдул» [77, с. 235], «Аждаҳорсанг» [77, с. 141] ва дар бораи парандаҳои «Капук» (ку-ку) [77, с. 300], «Шодиғалбел» [77, с. 298] гуфта шуда аз ҷумлаи чунин ривоятҳо мебошанд. Ин ривоятҳо бо ривояти зайл, ки дар бораи парандаи бо номи «чӯк» гуфта мешавад ҳаммаъно мебошанд. Мазмуни ин ривоят чунин аст: «Ҳамин чӯк гӯё аввал зан будааст. Вай ба айлоқ рафтааст. Рӯзе Хӯҷаи Хизр омада, аз вай қаймоқ мепурсад. Ба ӯ қаймоқ надода гуфтааст, ки «аз ман шир нест, ҳарчанд мечӯкаму мечӯкам». Хӯҷаи Хизр баъд дар ҷавоби он зан гуфтааст, ки «илоҳим, чӯк гардӣ!» Пас он зан ба чӯк табдил ёфтааст... Чӯк ҳам дар баҳорон беист «чӯк, чӯк, чӯк» мегӯяд [37].

Монанди ривоятҳо дар жанри нақл ҳам мавзуъҳои доир ба мавзеъҳои ҷуғрофӣ, пайдоиш ва сабаби номҳои муайян гирифтани ин мавзеъҳо ҷой доранд. Лекин аз лиҳози мазмуну мундариҷа байни онҳо тафовут дида мешавад. Дар нақл бештар шахси таърихӣ ва ҳодисаи воқеӣ тасвир меёбад ва баъзан сол ва таърихи он низ ишора мегардад, гарчанде гӯянда баъзан

мувофиқи донишу салиқаи худ баъзе иловаҳо дохил намуда он хусусияти тахаюлиро касб мекунад. Ин матлаб дар нақли зайл возеҳ баён ёфтааст. Дар мавзеи имрӯзаи Боғи ботаникии Помир замоне ҷои холӣ ва чарогоҳ буд. Саидмаҳмудшоҳ, ки аслу насабаш аз Мунҷони Афғонистон буда дар деҳаи Тавдем зиндагӣ мекардааст, мардумро ҷамъ карда, аз чашмае, ки болотар аз ин мавзеъ ҷорӣ буд, ҷуй канда то ба дашт об мебароранд. Баъди чанд соли дигар Саидмаҳмудшоҳ дар як гӯшаи хушманзараи дашт хона месозад. Аз ҳамон вақт ин мавзеъ бо номи «Шодā̆хт» маъмул гардид [53, с. 23].

Ҳамон этимологияи мардумӣ, ки дар ривоят дида мешавад, дар жанри нақл, чи тавре ки дидем, вуҷуд надорад. Нақл бештар ба санадҳои таърихӣ такя мекунад ва ҳодисаҳое, ки дар он инъикос гардидаанд, воқеӣ мебошанд. Маҳз ҳамин гуна мазмуну мундариҷа – аз ҷониби мардум шарҳу тафсир шудани маънои номҳои ашёҳо, ғорҳо, кӯҳу теппаҳо, мавзеъҳо ва мавҷудоти зинда – ривоятҳоро аз дигар намуди жанрҳои насрии халқӣ, махсусан аз жанри нақл, ки онро дар бисёр маврид бо жанри ривоят омехта мекунанд, тафовут месозад.

Дар асоси андеша ва мулоҳизаҳои зикршуда ба ақидае омадан мумкин аст, ки ривоятҳои топонимӣ аз гурӯҳҳои асосӣ ва интишорёфтаи жанри ривоят ба ҳисоб рафта, хусусияти жанрии онро муайян месозад ва фарқияти онро аз дигар жанрҳои насрии халқӣ нишон медиҳад. Ривоятҳои доир ба мавзеъҳои ҷуғрофӣ ё топонимӣ на фақат дар мавриди фикру ақида ва муносибати мардум нисбати ном гирифтани мавзеъҳои алоҳида, ашёҳои табиат ва монанди инҳо аҳаммияти махсусро касб кардаанд, балки барои омӯхтани масоили марбути таърихи номгузории маҳалҳои гуногуни Кӯҳистони Бадахшон низ аз маводҳои хеле муфид ва пурарзиш ба шумор мераванд.

Ҳувайдост, ки доираи ба таҳқиқу таҳлил гирифта шудани мавзуъҳои эҷодиёти бадеии даҳанакии мардумӣ тадриҷан вусъат пайдо намуда, ҳаллу фасл ва баррасии онҳо амиқтар мегардад. Бо вуҷуди ин, қисме аз мавзуъ ва масоили ба таҳқиқ гирифта шудаи фолклори тоҷик нафақат ҳанӯз ба

омӯзишу таҳлили амиқтару дақиқтари илмӣ ниёз доранд, балки бисёре аз масоили дигари марбути ин сарвати бузурги маънавӣ ва фарҳангии мардумӣ аз доираи тадқиқот берун мондаанд. Алалхусус, чун дар фолклоршиносии кишварҳои дигар, дар фолклоршиносии тоҷик ҳам вижагиҳои жанрии навъу намудҳои ҷудогонаи асарҳои фолклорӣ ҳанӯз дуруст ва мушаххас таъйин нашудааст ва ё истилоҳи аниқи илмии онҳо ба вуҷуд наомадааст. Сабаби ин ҳолат, ба назар мерасад, ки ба худи сохту шакл ва мазмуну муҳтавои онҳо ҳамбастагии зич дорад. Душвории таснифу тафсири аниқи хусусиятҳои хоси жанрии навъу намудҳои қисме аз асарҳои фолклорӣ дар он аст, ки онҳо дар заминаи ҳамдигар ба вуҷуд омада, дар омехтагӣ инкишоф ёфта, ба таҳаввулоти шаклӣ ва аз нигоҳи инъикоси ҳодисаҳои зиндагӣ низ дучор гаштаанд. Ба мисли он ки матни сурудҳо дар заминаи нақаротҳо ба вуҷуд омада, шакл гирифтаанд, бунёди қисми муҳимми асарҳои насри шифоҳӣ, бахусус, **афсона** устура мебошад. Устура маҳсули тасаввуроти ибтидоии инсонҳо доир ба ашё ва ҳодисаҳои табиат ва ғайритабиӣ бошад, афсона чун яке аз жанрҳои мукаммал ва барҷастаи фолклорӣ эҷоди дараҷаи баланди тахайюлот, ё худ тафаккури бадеии истеъдодҳои мардумӣ мебошад. Ҳамин ҳодисаи фарҳангӣ аст, ки дар фарҳангҳои ҳам барои омма пешбинишуда ва ҳам илмӣ-адабӣ устураву ривояту афсонаҳо ва дигар жанрҳои насри шифоҳӣ дар омехтагӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Чунончи, муаллифони «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» мафҳуми **асотир**-ро ба тарзи зайл маънидод кардаанд: «Дар истилоҳ ба маънии афсонаю ривоят ба кор бурда мешавад. Асотир ривоятҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо аз урфу одат, ақидаҳои динӣ ва тасаввуроти одамони давраҳои қадим оид ба пайдоиши дунё ва ҳаёт, воқеаю ҳодисаҳои табиат ва қаҳрамонҳои афсонавӣ ҳикоят кардаанд» [217, с. 13-14]. Дар ҳамин фарҳанг роҷеъ ба **ривоят** омадааст: «Дар фолклоршиносӣ ҳикояҳое, ки мардум дар хусуси баъзе шахс, воқеа ва маҳалҳои муайян нақл мекунанд, ривоят ном доранд. Ин ҳикояҳо баъзан афсонавӣ ва аз ҳақиқат дур бошанд ҳам, аксаран барои фаҳмидани фикри халқ дар бораи фаъолияти шахсҳои таърихӣ ва ҳодисаҳои воқеӣ аҳаммияти

калон доранд» [217, с. 89]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи **асотир** (шакли муфрадаш «устура») ба маънои **хурофот** ва **афсона** тафсир шуда бошад [215, с. 93], **ривоят** ба ин тарз шарҳ ёфтааст: «нақл кардани сухан ё хабар аз қавли касе; **достон, қисса, нақл**» [216, с. 137]. «**Афсона** низ муродифи калимаҳои **достон, қисса** ва **ҳикояту нақлу саргузашт**» маънидод шудааст [215, с. 101].

Пайдост, ки ба истиснои тавзеҳи истилоҳи **ривоят** аз ҷониби муаллифони «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ», мураттибону муаллифони ҳар ду фарҳанг ҳам дар тафсиру ташреҳи навъу намудҳои ёдшуда ҳамон ягонагии бунёд ва омехтагии унсуру моҳияти аслии онҳоро зери назар гирифтаанд. Ба ин ҳанӯз дар сатҳи паст қарор доштани фолклоршиносӣ ва ба таври ҷиддӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтани жанрҳои алоҳидаи фолклорӣ, ба вижа, асарҳои насри шифоҳӣ, ё худ омиёна боис гаштааст. Тавзеҳи истилоҳи ривоят ба он маънӣ истисно шуд, ки агар он комил набошад ҳам, дар қисми дуйум ба вижагии муҳтавои он ишорае муҳим рафтааст.

Чун зарбулмасал ва мақол, рубоӣ ва дубайтӣ дар бисёр маврид имрӯз ҳам истилоҳоти **нақл** ва **ривоят** дар пайвастагии ҳамдигар дар истеъмол ва истифодаи фолклоршиносон низ мебошанд. Оё дар асл ҳам ин ду истилоҳ як мафҳумро ифода мекунанд?

Дар фолклоршиносии тоҷик аз ин бора Ҳ. Раҳматов бори аввал ибрози назар карда, нигоштааст: «Дар ривоятҳо ақидаи мардум дар бораи зиёратгоҳҳо, ёдгориҳои қадимии таърихӣ, шахсҳои машҳури таърихӣ, сардорон ва ходимони намоёни давлатӣ, пешвоёни барҷастаи илму адабиёт, паҳлавонон ва ғайра нақл карда мешавад. Аз ин рӯ, дар гуфтугӯи одамон гоҳе ба ҷои калимаи **ривоят** калимаи **нақл** омада ва гоҳо ҳар дуи ин калима якҷоя барои ифодаи як фикр хизмат мекунанд» [162, с. 90]. Ҳ. Раҳматов дар баробари мавзуъҳои номбаркарда, ҳамчунин ҳамаи он чиро, ки дар бораи кӯҳу тепа, нақшҳои рӯи санг, одамон ва дигар махлуқоти санггашта, ғорҳо, чашмаҳо, олами наботот, ҳайвонҳо, парандаҳо, хазандаҳо, Луқмони Ҳаким,

Ҳотами Той, Хуҷаи Хизр, авлиё ва пайғамбарон, ҳодисаҳо ва воқеаҳои табиат ва ғайраву монанди инҳо дар байни мардум нақл мешаванд, якҷо дар ҷумлаи нақлу ривоят маҳсуб донистааст ва ба сифати намунаҳо ривоятҳои «Чокак» (паранда), «Хӯҷаи Гулибодом» (номи мазор), «Одамсанг», «Кӯҳи Мирдӯст» (ҷои паноҳгоҳ) ва нақли «Овозаи Рустам беҳ аз Рустам»-ро ба чоп омода кардааст [162, с. 92-96].

Баъдҳо фолклоршинос Д. Обидов доир ба нақл мақолаи алоҳида таълиф намуда, менависад: «Як хусусияти нақли халқӣ он аст, ки асоси сюжети вай аз воқеаҳои аниқи ҳаётӣ фароҳам меояд. Дар нақл тасвирҳои муболиғадор ва ҳодисаҳои хаёлии аз ақл берун мавқеъ надоранд. Образ ва предметҳои тасвир ҳам дар нақл конкрет ва реалӣ мебошанд». Дар баробари ин, Д. Обидов низ «Нақл бо хусусиятҳои жанрии худ ба ривоят хеле наздик аст… Баъзан ҳам нақл ва ҳам ривоят барои ифодаи як мақсад истифода мешавад» - гуфта, мавзуъҳоеро ёдовар мешавад, ки ҳам заминаи ҳаётӣ-воқеӣ доранд ва ҳам вижагию тобишҳои тасаввуроти қадимии одамонро дар бораи ашё ва ҳодисаҳои табиӣ ва фавқултабиӣ фаро мегиранд [211, с. 125].

Д. Обидов доир ба ривоят низ мақолаи махсус таълиф намуда, онро дар ҷумлаи «ҳикояти даҳанакии халқӣ» маҳсуб донистааст, ки «дар асоси он образи хаёлӣ (фантастикӣ) ва тасаввурот қарор дорад». Ҳамчунин, «дар ривоятҳо аз рӯйдодҳову воқеоти гузашта, имрӯза ва оянда сухан меравад» ва ӯ ривоятҳоро тибқи мавзуъ ва муҳтавои онҳо ба шаш гурӯҳ: ривоятҳои топонимӣ – оид ба бунёди шаҳрҳо, номи мавзеъҳо, дарёҳо, кӯлҳо, чашмаҳо; ривоятҳои динӣ – оид ба пайдоиши мазорҳо, ғорҳо, пайғамбарон, ҷину аҷина, деву парӣ; ривоятҳои таърихӣ ва қаҳрамонӣ – оид ба шахсони бузурги таърихӣ ва қаҳрамонони асотирӣ; ривоятҳои иҷтимоӣ-хаёлӣ дар бораи «асри тиллоӣ»; ривоятҳо дар бораи ҳайвонот, паранда ва хазандагон ва ривоятҳои космогонӣ – дар бораи пайдоиши замину осмон, ситорагон ҷудо намудааст [212, с. 359].

Солҳои охир дар таъйин намудани истилоҳоти нисбатан дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои насри омиёна, ё худ мансуб ба эҷодиёти бадеии

шифоҳӣ аз ҷониби фолклоршиноси таҷрибаандӯхтаи тоҷик Равшани Раҳмонӣ кӯшиши пайгирона дарк мешавад. Ба ин гуфта таълифоти ӯ бо унвони «Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ» далолат мекунад [166]. Муаллиф ба ҳаллу фасли мавзуъ бо нияте даст задааст, ки «илми фолклоршиносӣ (адабиёти омиёна), ки ҳанӯз барои мардумони форсизабон ҷавон аст, аз ҷиҳати назарӣ ҳамаҷониба омӯхта нашудааст ва ҳудуди жанрҳои он дақиқ нагаштааст» [166, с. 24].

Равшан Раҳмонӣ тибқи таҷриба ва мушоҳидаҳое, ки дар тӯли солҳои зиёд дар ҷамъоварӣ, нашру табъ ва тадқиқи осори бадеии насри шифоҳӣ ҳосил намудааст ва ҳамчунин, маъхазу адабиёти зиёди илмӣ, ки роҷеъ ба адабиёти омиёна зери назар доштааст, аз хусуси вижагиҳо ва ҳудуди жанрҳои насри фолклорӣ ба таври муфассал ибрози назар кардааст. Дар бисёр маврид натиҷагириҳои олим аз баҳсу мулоҳизаҳои илмии хеш ҷолиби таваҷҷуҳ ва қобили қабули мутахассисон бояд бошанд. Махсусан, мулоҳизаву андешарониҳои муҳаққиқ перомуни хусусиятҳои жанрии **афсона** ва таснифу тафсири намудҳои он тибқи вижагиҳо ва мақоми ҳар яки онҳо дар ҳаёти маънавии мардуми форсизабон ҳам аз нигоҳи вусъат ва ҳам аз лиҳози бунёди илмӣ нисбатан комил ва бебаҳс мебошанд.

Мавриди гӯшзад аст, ки доир ба ин ду истилоҳ дар фолклоршиносии Аврупо, алалхусус дар Русия низ фикри аниқу мушаххас вуҷуд надорад. Ба гуфтаҳои фолклоршиноси рус Н. А. Криничная таваҷҷуҳ кунем: «Параллельно то с биличками, то с легендами возникают и так называемые этиологические рассказы повествующие о происхождение вселенной, земли со всеми особенностями ее рельефа, людей, животных, растений. На наш взгляд, в рабочем порядке, они могут быть выделены в особый вид народной несказочной прозы, но при ближайшем рассмотрении окажется, что один из них примыкают к быличками, другие же к легендам. Подобного рода рассказов в русском фольклоре сохранилось немного.

Что касается преданий, то истоки их коренятся в родоплеменных сказаниях, глухие отголоски которые подчас слышны в дошедших до нас

генеалогических сюжетах. Уже с первых шагов своего становления предание формируется на основе исторической действительности, исторического факта» [123, с. 76].

Соли 1990 аз ҷониби эроншиноси рус А. З. Розенфелд ва Н. П. Ричкова маҷмуаи «Сказки и легенды горных таджиков» ба чоп расида буд. Дар маҷмуа зери сарлавҳаи умумии «Легенды» 26 матне, ки дар фолклоршиносии тоҷик бо «нақлу ривоят» ифода мешаванд, дарҷ гардидаанд [68], «Гӯрӯғлӣ», «Дарёи Панҷ ва аждар», «Қалъаи Қаҳқаҳа», «Мӯйсафед ва Алӣ», «Шаҳри сеҳргашта», «Искандари Зулқарнайн», «Пайдоиши оҳан дар Ванҷ», «Паҳлавоне аз Ванҷ», «Ғори Кофарсилоҳ», «Бурхи муқаддас», «Парӣ», «Аҷина», «Лаъли Бадахшон» аз ҷумлаи он нақлу ривоятҳо мебошанд.

Дар худи ҳамон сол ду маҷмуа – яке бо унвони «Фолклори диёри Восеъ» ва дигаре бо номи «Фолклори Ӯротеппа» интишор ёфтаанд. Дар маҷмуаи якум 7 матн [77, с. 150-154] ва дар маҷмуаи дуйум 31 матн [82, с. 169-208] таҳти сарлавҳаи «Нақл ва ривоят» дарҷ гардидаанд. Бояд ёдовар шуд, ки «Фолклори Ӯротеппа» ҷанбаи илмӣ низ дорад. Мураттиб Ҷалил Рабиев дар баробари чанд санадҳои илмӣ дар маҷмуа «Тавзеҳот» низ дарҷ намудааст, ки дар он матнҳои №№ 6, 7, 15, 16, 20, 21, 22 ва 24-ро **ривоят**, матни 26-ро **нақл** ва матнҳои №№ 27, 29, 30 ва 31-ро **ёддошт** гуфта, баъзе унсурҳои дохилии онҳоро шарҳ додааст. Муҳаққиқи жанрҳои насри шифоҳӣ дар партави таълифоти иддае аз олимони Ғарб ва Шарқ дар нисбати **устура** [155, 58-61] ва **қисса** [155, 68-77] мулоҳизаҳои нисбатан саҳеҳ низ баён кардааст.

Аз он ишораҳои мураттиб, ки дар таснифоти асарҳои насри халқии тоҷикӣ тадқиқоти арзишнокро анҷом додааст [155, с. 67-133], ба таври возеҳ бар меояд, ки дар он асарҳое, ки ақида ва тасаввуроти қадимии одамон оид ба ашёву ҳодисаҳои табиат ва фавқултабиӣ, ашхоси бузурги таърихӣ ва хаёлӣ, аломати рӯи санг ва ғайра баён ёфтааст, онҳо ба ҷумлаи **ривоят** дохил мешаванд, дар мафҳуми **нақл** он матнҳо зери назар гирифта шудаанд, ки

онҳо ҳодисаҳои воқеии зиндагиро бозтоб мекунанд. Дар **ёддошт** бошад, саргузашти ашхоси воқеӣ ва ё хотираи онҳо дар бораи ягон ҳодисаи зиндагӣ нақл шудааст.

Пайдост, ки дар байни **нақл** ва **ривоят** ҳамчун жанрҳои алоҳидаи фолклорӣ ҳудуди аниқ гузоштан мушкил бошад ҳам, ҳар яки онҳо вижагиҳо ва тобишҳои хоси жанрӣ доранд, ки агар ин вижагиҳо ва тобишҳо бо камоли ҷиддӣ зимни маҷмуи маводҳои аниқу дақиқ мавриди омӯзиш қарор гиранд, истилоҳи аниқу мушаххаси онҳоро ба вуҷуд овардан мумкин мегардад. Дар ин маврид, ба назарам, мулоҳизаву ақидаҳои ҷудогонаи фолклоршиносон, бавижа, чанде аз мулоҳизаҳои доир ба **ривоят** ва **нақл** баённамудаи Д. Обидов ва он таснифотеро, ки мураттиби «Фолклори Ӯротеппа» Ҷ. Рабиев дар «Тавзеҳот» ба ҷо овардааст, ба эътибор гирифтан лозим меояд. Агар аз ҳамин нигоҳ матнҳои бачопрасондаи Соат Чалишевро аз «Фолклори диёри Восеъ» мутолиа кунем, ҳамаи онҳо дорои вижагиҳои **ривоят** бошанд [74], аз маҷмуаи «Сказки и легенды горных таджиков» асарҳои «Александри Мақдунӣ», «Паҳлавоне аз Ванҷ», «Пайдоиши оҳан дар Ванҷ», «Ғори кофарсилоҳ», «Шоҳносир», «Лаъли Бадахшон», «Лоҷвард» ва «Сангтудаи Чарсем» дар ҷумлаи **нақл** дохил мешаванд [68].

Албатта, ба вуҷуд овардан ва ба аҳли илм пешниҳод намудани истилоҳи дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои фолклорӣ ҳамон вақт муяссар мегардад, ки агар аз маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин ё худ мардуми форсизабони навоҳӣ ва вилоятҳои мухталиф шаклҳои гуногуни ифода ва иборaҳои ин истилоҳот дастрас шаванд. Ба ҳалу фасли ин масъала фикру мулоҳизаҳои саҳеҳ ва боэътимоди фолклоршиносон ҳам мусоидат мекунанд.

**Раванди тасниф ва таҳлили жанри ривоят аз нигоҳи имрӯз.** Пеш аз он ки ба тасниф сохтани асарҳои таърихии насрии халқӣ шуруъ кунем, бояд хусусияти худи маводи мураттабгардида муайян гарданд. Дар амал ин дар тафриқаандозии ривоят аз дигар жанрҳои ҳамранг чун устура, нақл, қисса ва ғайра мебошад. Муайян сохтани асарҳои номбурда, чи аз лиҳози хусусияти жанрӣ ва ҳам аз нигоҳи истилоҳӣ, душвориро ба вуҷуд меорад.

Навъҳои асосии асарҳои насри халқӣ – устура, афсона, нақл, ривоят, қисса, ҳикоят, ҳикояҳо ё ривоятҳои асотирӣ – аз якдигар тафовут доранд. Аввалан бо давру замони бавуҷудоии худ, дуйум аз нигоҳи инъикоси ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти инсон ва сейум, аз лиҳози тасвири ҳодисаҳои воқеӣ. Лекин асарҳои гуногунжанри насри халқиро чи хеле ки номбар накунем, бо кадом усуле, ки онҳоро аз якдигар ҷудо насозем, ҳамеша рӯшан мемонад, ки ба ин гурӯҳи асарҳо сужа, мотив, образ ва тасвирҳои бадеӣ хос аст. Тасвирҳои бадеӣ бештар дар афсонаҳо мушоҳида мешавад. Бинобар ин вижагиҳои жанри афсона барҷаста ифода ёфтаанд. Хусусиятҳои жанрии дигар асарҳоро бошад ҳар як муҳаққиқ аз нигоҳи худ бо ҳар усул шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ба ақидаи ин ҷониб ҷудо сохтани асарҳои гуногунжанри насрӣ пеш аз ҳама дар воқеанигории онҳо ҷустан лозим аст. Чи хеле ки маълум аст, дар зинаи муайяни инкишофи шуури ҷомеа ҳамаи жанрҳои номбаршуда заминаи воқеӣ доштанд ва танҳо дар тӯли асрҳои зиёд онҳо ба таҳаввулот дучор шуда, баъзан унсурҳои хаёлиро касб кардаанд. Вале ба ҳар сурат вазифаи эстетикии худро нигоҳ дошта меоянд.

Дар солҳои охир аз ҷониби Д. Обидов [149], Н. Шакармамадов [77] ва Д. Раҳимов [160] таснифоти жанри ривоят ба илми фолклоршиносии тоҷик ворид гардиданд. Таълифоти илмии Г. Ризвоншоева доир ба хусусият ва мундариҷаи афсонаҳои мардуми Бадахшон [78, 161], Н. Қурбонхонова доир ба жанри устура [131] интишор ёфтанд. Лекин хусусиятҳои жанрии нақл, қисса ва ҳикояҳои мардумӣ то ҳанӯз ба таври пурра омӯхта нашудаанд ва истилоҳоти дақиқи илмии онҳо муайян нагардидааст.

Аз жанрҳои номбаршуда ривоятҳои асотирӣ доир ба инсу ҷинсро қадимтарин шумурдан мумкин аст. Зеро мазмуни онҳо бештар хусусияти асотирӣ дошта, решаи онҳо ба давроне мерасад, ки инсон дар зери қувваи ҳодисаҳои табиат оҷиз буданд ва ҳамаи ҳодиаҳои дар рӯзгорашон ба амаломадаро ба ашёву ҳодисаҳои табиат вобаста меҳисобиданд. Дар тасаввуроти инсон гӯё ашё ва ҳодисаҳои табиат хислати махлуқи зиндаро гирифта ва дар образи хуҷаини қувваҳои гуногуни табиат чун дев, ҷин, парӣ,

алмастӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Дар ин қабил ривоятҳо одам бо ин махлуқи ғайритабиӣ алоқа пайдо намуда, аз ҷониби онҳо ё кӯмак мегирад, ё дар акси ҳол зарар мебинад. Лекин чунин намуди асарҳои лафзиро чун жанри ривоят ҳисобидан шубҳае ба миён меорад, зеро аз рӯи мазмун, чи тавре ки Равшани Раҳмонӣ қайд намудааст, онҳо бештар ба ҳикояти асотирӣ ё демонологӣ иртибот доранд [166, с. 62].

Дар натиҷаи ба миён омадани адёни нав мунтазам ҷои тасаввуроти ибтидоии одамонро афкори нав ишғол намуд. Чи хеле ки суннатҳои дини Ислом дар мувофиқа бо урфу одати қадимӣ дар ҳаёти одамон ҷорӣ мегашт, ҳамин тариқ ривоят низ хусусиятҳои аслии асотирро нигоҳ дошта, нақлҳои доир ба ашёву ҳодисаҳои табиатро бо рангу тобишҳои нави диниву мазҳабӣ бозтоб мекунад. Масалан, дар замонҳои пеш барои иҷрои маросим ҳатман дарахт ё ягон ашёи дигари табиат чун объекти муқаддас интихоб мегардиданд. Баъдтар, ҳангоми ҷорӣ ва мустаҳкам шудани дини Ислом пйдоиши ин ашёҳои табиат аз рӯи нақлу ривоятҳо ба ягон шахси бузург нисбат дода мешуд ва ин мавзеъ ба остон ё зиёратгоҳ табдил ёфта, ихлосу эътиқоди мардум нисбати онҳо ҳамчун қадамгоҳи шахси бузург зиёдтар мегашт [197]. Бо вуҷуди ин ба ташакулёбии сужаи ривоят ба назар нагирифтани таъсири асарҳои хаттӣ низ нодуруст аст. Лекин ин навиштаҳо худашон таъсироти зиёди асарҳои фолклориро аз сар гузаронидаанд, пеш аз ҳама аз тарафи нақлу ривоят. Доир ба ин масъала аз ин ҷониб дар мақолаи «Ривоят ва афсонаҳо доир ба Носири хусрав дар осори хатӣ» ибрози назар шудааст [202]. Аз ин ҷиҳат дар мазмуну мундариҷаи ривоятҳо мавҷуд будани ду ҳодисаи гуногун – шифоҳӣ ва китобӣ ба назар мерасад.

Дар як вақт ҳам бо қисса, ҳам бо ривоят нақлҳои этиологӣ (асотирӣ) ба вуҷуд меоянд, ки сабаби ба вуҷуд омадани ҳар гуна ашё ва ё ҳодисаҳоро ба мисли пайдоиши оламу одам, ҳайвоноту набототро шарҳ медиҳад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки онҳо жанри мустақили насри халқӣ ҳисоб меёбанд, лекин агар бо диққат аз назар гузаронем, маълум мешавад, ки агар бархе аз онҳо ба асотир пайваст шаванд, баъзеи онҳо ба ривоят муносибат

доранд. Чунин навъи асари халқӣ дар фолклори Бадахшон кам нестанд. Чунончи, доир ба «Пайдоиши оламу одам», «Аз ҷаннат рондани одам», «Умри одам», «Маънии охирзамон» ва монанди ҳамин дар нисбати онҳо истилоҳи «устура»-ро, ки дар забони русӣ «миф» ё «легенда» мегӯянд, истифода бурдан мумкин аст.

Агар гап сари ривоят равад, дар он хусусиятҳои асотири давраи қадими инсон инъикос мегарданд, ки имрӯз баъзе аз он нишонаҳо дар мазмуни ривоят боқӣ мондаанд. Ривоят ҳанӯз аз давраи аввали пайдоишаш дар заминаи воқеӣ-таърихӣ ба вуҷуд меояд. Дар зинаҳои мухталифи инкишофи таърихии башарият дарки олами ҳастӣ аз ҷониби инсон ба таври бадеӣ ва ратсионалӣ ҷараён мегирад. Барои фаҳмидани чи тавр одамон ахбори дар ривоят бударо қабул мекунанд ба воқеанигории асримиёнагӣ назар меандозем ва он гоҳ маълум мешавад, ки одамони давраи асримиёнагӣ ба асарҳои насри халқӣ ҳамчун санадҳои боэътимод боварӣ доштанд. Ҳамин тариқ, ҳодисаҳои воқеие, ки дар таърихнигорӣ акс ёфтаанд, дар ҳамбастагӣ бо инъикоси ҳолатҳои тахаюлӣ арзи вуҷуд мекунанд. Бо ҳамин, ривоят аз дигар жанрҳои насри халқӣ бо ифода кардани ҳақиқати таърихии худ фарқ мекунад. Ё ба таври дигар гӯем, ривоятҳои бофтаву хаёлӣ вуҷуд надоранд.

Ривоятҳои топонимикӣ, ки доир ба пайдошавии маҳалҳои аҳолинишин, доир ба номгузории мавзеъҳо иттилоот медиҳанд, мисли дигар мавзуи ривоятҳо таърихӣ мебошанд. Мавзуи вай метавонад дар дохили асар бо дигар мавзуъ тавъам буда, дар матн ҷои матрказӣ ё дуйумдараҷаро ишғол намояд. Баъзан вай метавонад маънои таърихии асарро гум накарда дар матн нақши мустақилро бозад.

Ривоят ин ҳодисаҳои воқеии як ё якчанд маҳал, ки аз ҷиҳати инкишофи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо ҳам алоқамананд, тасвир мекунад. Чунин маҳалҳо, асосан, дар резишгоҳҳои рӯду дарё, дар назди роҳҳои тиҷоратӣ ё заминҳои барои чорводорӣ ва кишт мусоид бунёд мегарданд.

Қисмати ин жанри ба худ хос нақли таърихи ҳодисаҳои маҳаллӣ мебошад, новобаста аз миқёсе, ки онҳо аз аввали пайдоишашон ё бо гузашти вақт пайдо мекунанд.

Чӣ тавр таърихи маҳаллӣ дар ривоятҳо бозтоб мегардад? Пеш аз ҳама, ҳодисаҳо дар асар заминаи воқеӣ доранд. Чунин замина ба воситаи воқеаҳои гуногун (таърихӣ, этнографӣ, ҷуғрофӣ), дар маҷмуъ гирифташуда, дар асар ҷой мегирад. Ба ғайр аз ин заминаи воқеии асар барои интихоби мавзуи муайян ва ҳамбастагии устувор барои ба вуҷуд овардани сохтори ривоят таъсири худро мерасонад. Аз тарафи дигар баъзан ин мавзуъҳо маҳаллӣ набуда, дар бисёр мавридҳо онҳо бунёди байналхалқӣ низ доранд. Ё ба таври дигар гӯем мавзуъҳои ривоят дар истифода маҳаллӣ буда, сарчашмаи онҳо умумихалқӣ мебошад. Маҳсули онҳо шароитҳои монанди фарҳангӣ-таърихӣ ва иҷтимоӣ-таърихӣ буда, танҳо ҳодисаҳои хоси дар асар тасвирёфта, ба ин мавзуъҳо ранги аслӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои фавқ доир ба хусусияти таърихии ривояти мардумӣ бармеояд, ки ҳангоми таснифи ривоятҳо бояд чунин шартҳоро ба назар гирифт, ки ин асар дар тӯдаи асарҳои гуногунмазмун хусусиятҳои хосашро гум накарда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи устувору возеҳ дар байни асарҳои дигари насрӣ ҳамчун жанри мустақил тафовут пайдо кунад.

Барои ба тартиб даровардани матнҳои ривоят аз рӯи таърихан ташаккулёфтаи ҳамон мавзеъҳо, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маданӣ-таърихӣ монанд ва бо ҳам алоқаманд ҳастанд, дуруст мешуморем. Агар ҳудуди минтақае, ки асари фолклорӣ дар он ҷо арзи ҳастӣ мекунад, дуруст муайян гардад, маълум мешавад, ки ривоятҳои хоси ин минтақа ё маҳал берун аз он ё тамоман дучор намегардад, ё дар мавридҳои махсус ба чашм мерасанд. Ривоятҳое, ки дар асоси таърихи минтақа пайдо шудаанд, танҳо дар маҷмуъ бо дигар асарҳои таърихии халқие, ки дар ҳамин минтақа интишор ёфтаанд, дуруст фаҳмида мешаванд. Агар дар мазмуни ривоят ҳодисаи воқеӣ дида нашавад, заминаи таърихии вай аз ягон ҷиҳат дар системаи мавзуъҳои устувор, ки ба ин асар хос аст, намудор мегардад.

Барои намуна як матни ривоятро меорем, ки доир ба пайдоиш ва номгузории деҳаи Танг ахборот медиҳад. «Номи Тангро гӯё Носири Хусрав ба он раво дидааст. Ӯ замоне ба ин ҷо омада будааст, ки ин ҷо на ягон роҳи дурусту на ягон чизи дигар доштааст. Баъд ӯ гуфтааст: Чун ин ҷои танг аст, худо онро тангтар гардонад. Аз ҳамон рӯз номи Танг ба он насб шудааст». Ва дар нақли дигар дар бораи аввалин маскунони ин мавзеъ маълумот дода мешавад: «Ҳамин Танг замонҳои пеш айлоқҷо будааст. Дар ин ҷо касе зиндагӣ намекард. Баъдҳо аз бобоёни мо се бародар дар ин ҷо хона сохтаанд. Яке дар Танги поён, дуйумӣ дар Танги боло ва сейумӣ дар Миёнатанг хона сохта, сокини муқимии он ҷо гаштаанд» [77, с. 187-188].

Ба ҳамин монанд ривоятҳо доир ба деҳаҳои Бадчорв (Шуғнон) [77, с. 192], Басид (Рӯшон) [77, с. 194], Ишкошим [77, с. 198] ва дигар мавзеъҳо вуҷуд доранд, ки ҷиҳати муҳтаво ба ҳамдигар шабоҳат доранд.

Дар ин ривоят ҳодисаи воқеӣ, аслан, ба назар намерасад ва аз мавзӯи анъанавӣ иборат аст (маскуншавӣ ва бунёди деҳаҳо, ном гузоштан ба деҳаҳо). Ба ҳар ҳол, заминаи таърихии он аз таркиби сужаи анъанавӣ баръало аён мегардад, ки ба бунёди хоҷагиҳои аввалин алоқаманд буда, хусусияти иттилоотӣ дар он ба таври возеҳ намудор мегардад.

Ривоятҳое, ки дар манотиқи гуногун интишор ёфтаанд, бо баъзе аломатҳои худ ҳамрангу монанд низ мебошанд, зеро сохтори ҳар яке аз онҳо тавассути мавзуъҳои анъанавӣ, ки ба мазмуни ривоятҳои мансуби ин ё он маҳал дохил мешавад, муайян мегардад.

Маводҳоро аз рӯи мансубият ба маҳалашон ҷо ба ҷо гузошта, мо имкон пайдо мекунем, ки ҳар яке аз матнҳоро аз рӯи се ҷанба таҳлил кунем, яъне аз нигоҳи заминаи таърихӣ, ҳодисаи воқеӣ ва сохту таркиби матн.

Ривоятҳоро аввал аз рӯи мазмуну мундариҷа ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, нnövобаста аз макони интишори онҳо, диққати худро ҳатман ба ҷанбаи сейум равона мекунем.

Барои таснифи ривоятҳо аввал ба маҳалли муайян тааллуқ доштаро интихоб намуда, ба ин восита таснифоти минбаъдаи матнҳоро мо аз нуқтаи

назари мазмуну мундариҷаи матнҳои таърихии минтақаи додашуда ҷудо месозем. Чунин усули ҷудо намудани асарҳои фолклорӣ нав набуда, дар мураттаб сохтани намунаҳои назми халқӣ низ васеъ истифода мегардад. Гирд овардани маводҳо дар доираи мавзуи ягона вазифаи навбатӣ мешуморем. Ҳар як матнҳои гирдоваришуда аз мавзуъҳое иборатанд, ки пеш аз ҳама бо заминаи таърихӣ доштаи худ умумият доранд. Масалан, аз рӯи мазмуну мундариҷа ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшонро, ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин мегардад: 1) ривоятҳо доир ба ҳодисаҳои таърихӣ ва маишӣ; 2) доир ба ашёҳо ва ҳодисаҳои табиат; 3) доир ба маскуншавӣ ва номгузории мавзеъҳо ё ривоятҳои топонимикӣ.

Таснифи маводи овардашуда асло хилофи таснифоте, ки аз тарафи Д. Обидов [149, с. 31-50], Н. Шакармамадов [77] тартиб ва пешниҳод шудааст, нестанд. Дар ҷилди дуйуми «Фолклори Помир» мундариҷаи матнҳои асотир, нақл ва ривоят, ки аз мавзеъҳо ва манотиқи гуногуни Кӯҳистони Бадахшон гирдоварӣ шудаанд, пеш аз ҳама аз нигоҳи типологӣ баррасӣ гардидаанд. Азбаски мавзуъҳои ривоятҳо хеле васеъ ва доманадор ҳастанд, дар ин мақола кӯшиш бар он меравад, ки мундариҷаи асосии ривоятҳое, ки тафовути он аз дигар жанрҳои насри халқӣ ба осонӣ дарк карда мешаванд, интихоб гардидаанд. Ба рӯйхати мундариҷа дохил намудани нақлҳо доир ба махлуқоти ғайритабиӣ бояд махсус ишора намуд. Зеро, тафовут байни ривоят ва нақлҳое, ки доир ба ҷин, парӣ, албастӣ гуфта мешаванд, аксар вақт хусусияти нисбӣ доранд ва чунин асарҳои халқиро ба жанри муайян маҳсуб донистан вобаста аз заминаи таърихӣ доштан ё надоштани онҳо ошкор мегардад. Лекин новобаста аз чунин ҳодисаҳои алоҳидаи аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар ва аз як жанр ба жанри дигар интиқол гирифтани мавзуъ, доираи мавзуъҳои ба як гурӯҳ тааллуқдошта ба ҳар ҳол устувор ва нисбатан маҳдуд аст. Вале муайян намудани хронологияи мавзуъҳо мушкилотро дар пеш гузошта, нисбат додани онҳо ба ин ё он давра тадқиқоти алоҳидаро талаб мекунад.

Маълум мегардад, ки сохтори анъанавии асари насри халқӣ аз ду ҷиҳат таърихӣ мебошад: 1) ба давраи муайян нисбат додани пайдошавии онҳо ва 2) ба вуҷуд овардани заминаи таърихӣ барои ривоятҳо.

Дар маҷмуъ сохти заминаи таърихии ҳар яке аз асарҳоро ошкор намуда, мо метавонем дар таснифу мураттабсозии минбаъдаи ривоятҳо усули таърихиро ба кор барем, яъне дар дохили гурӯҳ ҷо ба ҷо гузоштани матнҳои асар аз рӯи пайдарҳамии хронологии ҳодисаҳои дар онҳо тасвирёфта. Масалан, дар гурӯҳи ривоятҳои доир ба маскуншавӣ ва азхудкунии мавзеъҳо чунин намуди ривоятҳо баръало зоҳир мегарданд: аз тарафи бародарон бунёди деҳот; бунёди деҳот бо ҳамсояҳо; бунёди деҳот аз тарафи шахси мусофир; интихоби ҷои зист; унвонгузорӣ ё пайдошавии номҳои мавзеъҳо ва ғайра.

Ҳар кадом намуди ривоятҳои зикршуда мавзуъҳои асосии мувофиқи худро дошта, дар дохили матн метавонад ягона бошад, ё метавонад бо дигар мавзуъҳо алоқаманд бошад. Намунаҳои асарҳои фолклорӣ аз ҷиҳати сохтор гурӯҳи хронологиро ташкил медиҳанд ва агар хронологияи асарҳои гирдомада риоя шавад, раванди тасниф намудани осори фолклорӣ аз рӯи мавқеи ҷуғрофиаш кори муҳаққиқро сабук месозад. Барои ҳамин, ҷойгиркунии ривоятҳо аз рӯи сужа ва ба қадри имкон, аз рӯи намуд пайдарҳамии хронологии ҳодисаҳоро, ки дар мундариҷа омадаанд, халалдор намесозад.

Фолклоршиноси рус Криничная Н. А. дуруст менависад, ки «что касается вариантов сюжета (если публикация вариантов окажется практически осуществимой), то их следовало бы расположить в хронологическом порядке записи текстов, поскольку от времени записи во многом зависит их стиль, отдельные реалии, соотношение реального с вымыслом и т. д. Но такая возможность у нас не всегда имеется, особенно в тех случаях, когда мы обращаемся к старым разрозненным публикациям. В связи с этим при расстановке вариантов приходится одни варианты (полевые записи) располагать в хронологической последовательности их

записи, другие же (старые тексты) – в хронологической последовательности их публикации, что далеко не одно и то же» [123, с. 83].

Чи тавре ки зикр карда шуд, жанрҳои насри лафзиро танҳо аз рӯи мансубияти онҳо ба воқеият метавон аз ҳамдигар ҷудо сохт. Ҳар як мавзуъ одатан дар жанри муайян шакл мегирад, баъд метавонад, баъзан дар дохили асаре намудор гардад, ки ба дигар жанр тааллуқ дорад. Масалан, мусофире дар мавзеи муайян барои худ макони зист интихоб мекунад ва ин мавзеъ ба деҳаи аҳолинишин табдил меёбад. Минбаъд ин ҳодиса дар нақлу ривояту қиссаҳои зиёд гуфта мешаванд.

Ҳамин тариқ, на ҳар як матни фолклориро метавон ба жанри муайян нисбат дод, зеро вай метавонад шакли нопурра дошта, аз хусусиятҳои хоси жанрӣ орӣ бошад. Ҳатто чунин ҳолат дар назми халқӣ, ба мисли сурудҳо низ ба назар мерасад, ки онҳоро ба як жанри мустақил марбут ҳисобидан барои ягон муҳаққиқ муяссар намегардад.

Таснифи ривоят вобаста ба мавзуъҳо муҳаққикро ба душворӣ дучор меорад, зеро ривоят чунин мавзуъҳои устуворро надорад, ҳамон тавре, ки дар афсонаҳо дида мешавад. Ба ҳар ҳол, таснифи асарҳои таърихии халқӣ яке аз масоили аввалиндараҷаи фолклоршиносон ба ҳисоб меравад, дар акси ҳол таҳқиқи жанрҳои насри халқӣ барои муҳаққиқони оянда имконнопазир мегардад.

### 1.2. Тафовути ривоят аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ

Гарчанде дар фолклоршиносии тоҷик дар партави таҳлилу баррасии жанрҳои насри омиёна ва бевосита доир ба нақл ва ривоят таълифоту гузоришоти Ҳ. Раҳматов [162, с. 90-96], Д. Обидов [149, с. 29-52; 213, с. 55; 212, с. 359], Ҷ. Рабиев [155, с. 67-133], Х. Шарифов [220], Ю. Салимов [177], Р. Раҳмонӣ [166; 167, с. 92-102], Н. Шакармамадов [77], О. Шакармамадов [200, с. 92-97], Д. Раҳимов [160], Г. Ризвоншоева [174], Н. Қурбонхонова [131] ва дигарҳо ба муомилоти илм дохил шуда бошад, ҳанӯз бисёр вижагиҳои жанрии онҳо мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Дар натиҷа, дар

истифода ва истеъмоли илмии асотир, ривоят, нақл, қисса, ба ғайр аз афсона, то ба имрӯз истилоҳи дақиқу аниқ ба вуҷуд наомада, онҳо дар омехтагии ҳамдигар шарҳу тафсир меёбанд. Асотиру ривоят ва нақл ба мисли чанде аз жанрҳои эҷодиёти бадеии лафзӣ, ба вижа, зарбулмасалу мақол ва рубоию дубайтӣ бо баъзе хусусиятҳои бадеӣ ва усулу тарзи инъикоси ҳодисаҳои зиндагӣ, аз як тараф ба ҳам алоқаи зич дошта бошанд, аз ҷониби дигар, байни онҳо тафовути назаррас низ вуҷуд дорад.

Шояд барои гӯяндаҳои ин навъҳои асарҳои лафзӣ хусусияти жанрии онҳо он қадар муҳим набошад ва ба он чандон аҳаммият ҳам надода, дар нисбати онҳо ҳар кадоме аз ин истилоҳот: қисса, нақл, ҳикоя, ривоятро истифода мебаранд. Вале аз лиҳози илмӣ муайян намудани хусусияти жанрӣ, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, мавзуъҳо, сохтору шакл, услубу тасвири бадеӣ байни онҳо вазифаи аввалиндараҷаи фолклоршиносон мебошад.

Дар мавриди афсона, ки яке аз жанрҳои маъмули халқи тоҷик маҳсуб ёфта ва доир ба он таҳқиқоту омӯзиши зиёде анҷом дода шудаанд ва тафовути он аз дигар асарҳои насри халқӣ хеле назаррас мебошад дар ин самт бо ин жанр сару кор намешавем. Ин ҷо танҳо ба он навъи асарҳои насри шифоҳӣ, ки аз рӯи истилоҳ бо ҳам муродифанд ва аз нигоҳи жанрӣ ба ҳам наздик ҳастанд, ба мисли устура, ривоят ва нақлро дар асоси шарҳу тафсири аҳли илму адаб таҳлилу баррасӣ мекунем.

Дар нақл агар саргузашту ҳасби ҳоли ашхоси таърихӣ ва ҳодисаҳои воқеӣ асосан тасвир ё акс ёбад, реша ва домани мавзуъ ва муҳтавои ривоят нисбати бисёре аз жанрҳои фолклорӣ, ба хусус, насри мардумӣ паҳнотару жарфотар аст. Ривоят тибқи инъикоси ҳодисаҳои зиндагӣ ва ифодаи муносибатҳои гуногунпаҳлуи одамон ба ашёву ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият, аз як сӯ, тасаввуроти асотириро фаро гирад, аз сӯи дигар, онҳо ҳикояҳои нимвоқеию хаёлиро ёдрас мекунанд.

Нақл ё ҳикояҳои шифоҳӣ, ки аз жанрҳои насри халқӣ шуморида мешавад, то ҳоло ба таври комил омӯхта нашудааст. То он даме, ки маводи зарурӣ гирдоварӣ нашудаанд ва бо далелҳои илмӣ исбот нагардидаанд,

роҷеъ ба хусусиятҳои жанрии ин намуди насри халқӣ хулосаи дақиқи илмӣ баровардан номумкин аст. Нақлро дар байни мардум зиёд метавон мушоҳида кард ва намунаҳои зиёди онро низ фолклоршиносон сабт намудаанд. Мутаассифона ба ин жанри халқӣ кам аҳаммият додаанд. Онро ҳам дар омезиш бо ривоят истифода мебаранд, гарчанде байни ин ду жанр фарқиятҳо мавҷуд аст.

Муҳаққиқи фолклор Д. Раҳимов тафовути нақл аз ривоятро ба таври зайл маънидод мекунад: «Нақл, ки онро ҳикояи шифоҳӣ ҳам меноманд, аз нигоҳи шаклу ҳаҷму сохтор ва дарбаргирии ҳодисаву персонажҳо ба ҳикояти китобӣ монанд мебошад. Хусусияти фарқноки нақл аз ривоят дар ин аст, ки ҳодисаи дар нақл баёншаванда ба замони ҳозира ва ё гузаштаи начандон дур тааллуқ дорад. Дар нақл бештар он ҳодиса баён мешавад, ки иштирокчии он ё худи гӯянда аст ва ё ягон шахси муайяни ба гӯянда шинос мебошад» [160].

Нақл бо хусусиятҳои жанриаш ба ривоят бештар иртибот дорад ва бинобар ин гӯяндагони халқӣ ба ҷои нақл баъзан истилоҳҳои ривоятро низ ба кор мебаранд. Баъзан шарҳу тафсири вижагиҳои ин асарҳо низ, ки аз тарафи аҳли илм оварда мешавад, яз як тараф бо ҳамдигар монанд бошанд, аз назари дигар мухталифи якдигаранд ва барои аниқу возеҳ таъйин намудани хусусиятҳои жанрӣ мушкилотро пеш меорад. Ба ақидаи муҳаққиқон Х. Шарифов ва Д. Обидов «нақл аз ҷиҳати сохт, тарзи тасвир, мавзуъ, образ ва истифодаи воситаҳои бадеӣ ба ёддошт наздик аст. Нақл чун дигар навъҳои насри лафзӣ таърихи қадима дошта, мавзуъҳои гуногунро дар бар мегирад. Оид ба муҳити ҳар маҳал, рӯйдодҳои муҳимми он ҷой, мазору зиёратгоҳҳо, шаҳру деҳот, гузарҳо, чашмаҳо, ёдгориҳои меъморӣ, шахсони машҳури таърихӣ нақлҳои бисёре мавҷуданд. Як қисми нақлҳо дар асоси ақидаҳои асотирии мардум ба вуҷуд омада бошанд ҳам, аз унсурҳои ҳаёти воқеӣ холӣ нестанд. Дар бораи ҷонварон ва пайдоиши онҳо низ нақлҳои зиёде вуҷуд доранд» [220, с. 438]. Муаллифони мутазаккира дар хусуси ривоят низ чунин шарҳ медиҳанд, ки «Ривоят дар ҳаёти маънавии

одамон мавқеи муайян дорад. Вай барои дарки афкору ақоид, эътиқод, пиндошту боварҳо ва донистани тарзи зиндагии мардум кӯмак мерасонад ва дар бобати омӯзиши таъриху тамаддуни халқ маводи фаровоне медиҳад. Ривоят хусусан барои шиносоӣ бо ақидаҳои мардум дар бораи ҳодисаҳои гуногуни ҳаёт, пайдоиши шаҳрҳо, маҳалҳо, мазорҳо ва доир ба муносибати онҳо нисбат ба шахсони таърихӣ, донишмандон, олимон, шоиру нависандагон аҳаммияти махсусро дорост» [213, с. 55].

Ҳамин гуна ихтилофи назарҳо ва ақидаҳои мухталиф доир ба ривоят ва дигар жанрҳои насри лафзӣ низ ба чашм мерасад.

Иддае аз муҳаққиқон ба ривоят ҳамаи он чиро, ки дар онҳо дар бораи кӯҳу тепа, нақшҳои рӯи санг, мазорҳо, зиёратгоҳҳо, ғорҳо, чашмаҳо, олами ҳайвоноту наботот, парандаҳо, хазандаҳо, ашхоси асотирӣ, Хӯҷаи Хизр, Ҳотами Той, Луқмони Ҳаким, авлиёву анбиё, ашёву ҷисмҳову махлуқоти фавқуттабиӣ ва ғайра нақл мешавад, маҳсуб медонанд.

Бояд гуфт, ки пеш аз ҳама, ривоятҳо хусусияти маҳаллӣ доранд. Онҳо асосан дар бораи ҳамон ашёҳои табиат гуфта мешаванд, ки онҳо аз ягон ҷиҳат ғайримуқаррарӣ буда, дар пеши назар аҷиб менамоянд ва сабаби чунин хосият ё шакл доштани онҳоро шарҳ медиҳанд.

Нақл таҷрибаи иҷтимоӣ ва мушоҳидаҳои табиии мардумро ба таври бадеӣ ҷамъбаст менамояд. Аз ин ҷиҳат вай як шакли маънавиёт ва худшиносии мардум мебошад. Як хусусияти нақли халқӣ он аст, ки асоси сюжети вай аз воқеаҳои аниқи ҳаётӣ фароҳам меояд. Дар нақл тасвирҳои муболиғадор ва ҳодисаҳои ҳаётии аз ақл берун мавқеъ надоранд. Қаҳрамонон ва ашёи тасвиршаванда низ дар нақл аниқ ва воқеӣ мебошанд. Сохти композиционии нақл нисбатан сода аст. Дар нақл тасвирҳои муфассал ва печ дар печи воқеаҳо дида намешаванд. Умуман, нақл дар ҳаёти маънавии халқ мавқеи муайян дорад. Ин шакли насри халқӣ барои донистани андешаву ақидаҳо, хаёлот ва тарзи зиндагии мардум кӯмак расонида, оид ба омӯзиши таъриху маданияти халқ маводи фаровон медиҳад [220, с. 438].

Ҳарчанд устура яке аз жанрҳои қадимтарини эҷодиёти лафзӣ ва осори хаттӣ дар даврони ибтидоӣ ба шумор мерафт, имрӯз онро ҳамчун жанри алоҳидаи адабиёти шифоҳӣ маҳсуб донистан ба назарам дуруст нест. Зеро дар адабиёти шифоҳии даврони муосир танҳо тобишҳои асотирӣ, аз ҷумла, персонажҳо ё ҷинсҳои асотирӣ, ҳодисаҳои ғайримуқаррарӣ ё фавқуттабиӣ дар ривояту нақл, қиссаву ҳикоя барин жанрҳои насри шифоҳӣ намудор мегарданд.

Асотири замони қадим бо ҳамон шакли аввалааш то замони мо нарасидааст. То замони мо намунаҳое аз устураҳои пешиниён тавассути катибаҳо ва осори адибон боқӣ мондааст.

«Яке аз манобеи муҳимтарини устураҳои Эрони қадим «Авасто» мебошад. Дар ин асари безавол роҷеъ ба худоҳои некӣ ва бадӣ – Аҳурамаздо ва Аҳриман нақлҳои зиёде ҳаст. Худои дигар ба мисли Анаҳито, ки ҳамаи обҳои рӯи замин дар дасти ӯст, симои покӣ ва озодагист. Ба ҳамин тариқ худои Варасрағна сулҳпарвару мубориз ва зидди девон аст. Худои Митра инсонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Вайу худои ҷангҷӯ аст. Таштарийа худои борон аст. Атар (оташ) дар оини зардуштӣ фарзанди Аҳурамаздо ва Ҳавма худои тандурустӣ ва қуввату маҳсулоту арзонӣ ва монанди ин аст.

Бузургтарин китобе, ки роҷеъ ба устураҳои бостонӣ маълумоти ҷолиб медиҳад, «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Ҳакими бузург дар бораи қаҳрамонони асотирӣ чун Қаюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок ва то зуҳури Фаридун, ҳамчунин то пайдо шудани давлатдорӣ, омӯхтани зироаткорӣ ва ҳунар сухан меронад» [167, с. 60].

«Ҳикояи асотирӣ» яке аз жанрҳои насри шифоҳӣ мебошад, ки то имрӯз ба таври дақиқу аниқ омӯхта нашудааст. Истилоҳи «ҳикояҳои аотирӣ» бори аввал аз ҷониби фолклоршиноси тоҷик Р. Раҳмонӣ ба илми фолклоршиносии тоҷик ворид гардидааст. Ӯ дар асари худ нисбати ин жанр чунин шарҳ меорад, ки «нақлҳое кӯтоҳе ҳастанд, ки ҳоло низ дар миёни мардум шӯҳрат дошта, мардум бо боварии комил онҳоро баён мекунанд. Ин нақлҳо воқеаҳои ҳақиқие мебошанд, ки дар бораи Хизр, парӣ, бало, аҷина,

ҷин, албастӣ ва дигар махлуқоти ба чашм нонамоён маълумот медиҳанд. Шахсоне, ки ин ҳикояҳоро баён мекунанд, боварӣ доранд, ки чунин махлуқоти фавқуттабиӣ дар зиндагӣ мавҷуданд» [167]. Ҳамчунин, «ривоятҳо дар бораи офариниши бад – дев, аждар, ҷин, аҷина, албастӣ ва замину осмон ва ҷирмҳои осмонӣ», ки аз тарафи Д. Обидов оварда шудааст, ҳамин мавзуъҳои ҳикояҳои асотириро дар бар мегиранд [149, с. 32-34]. Ё дар гурӯҳи дигари «ривоятҳои динӣ – оид ба пайғамбарон, ҷаннату дӯзах, мазорҳо, ғорҳо, ҷойҳои муқаддас, ҷину аҷина, деву парӣ» [149, с. 40-41] низ мавзуъҳоеро дар бар гиррифтаанд, ки ҳам дар жанри «қисса»-и аз тарафи Р. Раҳмонов шарҳу тафсирдода барьало намудор мегардад [166, с. 76].

Муҳаққиқ дар ҷои дигар ишора мекунад, ки «яке аз хусусиятҳои «ҳикояҳои асотирӣ» дар он аст, ки бо зиндагии одии мардум дар робитаи ногусастанӣ қарор дорад. Воқеаҳои дар ин ҳикояҳо инъикосёфта, ҳатман дар пайвандии ин ё он лавҳаи ҳаёт баён мегарданд. Дар асл лавҳаҳое, ки дар «ҳикояҳои асотирӣ» нақл карда шудаанд, саҳеҳ аст, яъне ба саргузашти ягон шахсе иртибот дорад. Аммо гап дар он ҷост, ки фақат персонажи асотирии ин навъ ҳикояҳо фавқуттабиӣ ҳастанд ва мардум ба он бовар доранд. Ҳатто гӯяндагони чунин нақлҳо талош мекунанд, ки шунавандагонаш бовар кунанд» [167].

Ҳикояҳои асотирӣ дорои шакл, мазмун ва ғояи хоси худ мебошанд, ки аз ривоят тафовут доранд. Ин жанри насрӣ бештар бо афсона робита дорад. Масалан, махлуқоти ғайритабиӣ ба мисли парӣ, ҷин, албастӣ дар ҳар ду намуди жанр ҳам вуҷуд доранд.

Дар асоси ҳамин гуфтаҳо устурашинос Н. Қурбонхонова дар тадқиқи худ ба хулосае омада иброз медорад, ки «аз рӯи хулоса ва натиҷагириҳои аҳли адабу илм маълум мегардад, ки асотир баробари як навъи махсуси тафаккури бадеии ибтидоии халқҳо буданаш, он нафақат чун манобеи жанрҳои дигари насри мардумӣ қарор дошт ва ё дар шаклгирии онҳо нақши муҳим бозид, балки он бо вижагиҳояш дар қисме аз навъу намудҳои нақлу ривоят, қиссаву афсона ва ғайра мавқеашро нигоҳ дошта меояд. Ин аст, ки

иддае аз муҳаққиқони осори бадеии шифоҳӣ дар нисбати чунин навъу намудҳои фолклорӣ истифодаи ибораву ифодаҳои «афсонаҳои асотирӣ», «ҳикояҳои асотирӣ», «ривоятҳои асотирӣ», «қиссаҳои асотирӣ» ва ғайраро раво донистаанд» [131].

Муаллифи номбурда нисбати бисёрии намуди ривоятҳо, ки бо тобишҳои асотирӣ ба таври синкретӣ дар истеъмол мебошанд, баробари мафҳуми «устураҳо» ё «асотир» истифода бурдан, ибораи «ривоятҳои асотирӣ»-ро низ раво донистааст [131, с. 10].

Дар бораи устура Д. Раҳимов чунин ибрози ақида намудааст: «Устура – шакли ибтидоии ҷаҳонбинии инсонҳои қадим буда, дар улуми ҷамъиятӣ ва инсонӣ як навъи ҳикояест, дар бораи офариниши оламу одам, худоёну фариштагон, қувваҳо ва ҳодисаҳои табиат ва пайдоиши ин ё он ҷонвару гиёҳ, ҷирмҳои осмониву ашёи заминӣ ва ғайра» [160].

Вожаи устура, ки дар забони русӣ онро миф мегӯянд, бо «история»-и русӣ, «historia»-и лотинӣ ва «story»-и англисӣ ҳамреша аст.

Устураи антиқаи халқҳои мутамаддин чун юнониҳо, чиниҳо, ҳиндуҳо ва эрониҳо дорои сужаи монанд буданд. Муборизаи доимии байни худоҳо, ки таҷассумгари ашёву ҳодисаҳои табиат буданд, дар маркази асотири ин халқҳо ҷой дошт. Бо гузашти ҳазорсолаҳо худоҳои асотир тадриҷан хислатҳои одамиро гирифта, ба дараҷаи заминӣ мерасанд ва аз дараҷаи эзадӣ ба дараҷаи паҳлавонӣ мегузаранд.

Ривоят як навъ ҳикояи адабиёти шифоҳӣ буда, дар бораи ин ё он ҳодиса, номи маҳал ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ, шахсони таърихию асотирӣ ва пайдоиши ашёву растаниҳо ва ҷонварон маълумот медиҳад. Нишонаи асосии ривоятҳо хусусияти иттилоотии онҳост, ки гӯянда ва қисман шунавандагон ба ҳақиқат будани ин маълумот бовар доранд.

Дар бештари ривоятҳо сухан дар бораи ҳамон мавзеъҳо ва шахсоне гуфта мешавад, ки онҳо дар назари мардум ғайримуқаррарӣ менамоянд. Чуноне ки мазорҳо, сангҳо, кӯҳҳо, чашмаҳо, ғорҳо ва дигар ҷисмҳо; шахсиятҳои бузург: аҳли тасаввуф, аҳли дин, шоирону олимон ва ғайра дар

ривоятҳо бузург ва ғайриодӣ тасвир меёбанд. Яъне дар тасвири образи онҳо ягон амал, хусусият ё истеъдоди фавқулода нишон дода мешавад.

«Ривоят аз забонӣ арабӣ иқтибос шуда, ба маънои нақл кардани сухан ё хабар аз қавли касе фаҳмида мешавад. Шахси гӯяндаи ривоятро ровӣ низ мегӯянд. Ривоят жанри насрии эҷодиёти шифоҳист, ки дар асоси он образи хаёлӣ (фантастикӣ) ва тасаввурот қарор дорад ва аз тарафи гӯянда ва шунаванда он ҳақиқӣ дониста мешавад. Дар ривоятҳо аз рӯйдоду воқеоти гузашта, имрӯза ва оянда сухан меравад. Ривоятҳои халқии тоҷикро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: 1) Ривоятҳои тасмиявӣ (топонимӣ – номи мавзеъҳо) дар бораи бунёди шаҳрҳо, мавзеъҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, кӯлҳо, чашмаҳо ва ном гирифтани онҳо; 2) Ривоятҳои динӣ – оид ба пайғамбарон, ҷаннату дӯзах, мазорҳо, ғорҳо, ҷойҳои муқаддас, ҷину аҷина, деву парӣ; 3) Ривоятҳо дар бораи офариниши бад – дев, аждар, ҷин, аҷина, албастӣ ва замину осмон ва ҷирмҳои осмонӣ; 5) Ривоятҳо дар бораи набoтот, меваҷот ва растаниҳо; 6) Ривоятҳои таърихӣ – зиндагиву фаъолияти шахсони бузурги таърихӣ – файласуфони қадим, уламо ва удабо, салотин ва сарлашкарон, қаҳрамонони асотирӣ; 7) Ривоятҳои иҷтимоии хаёлӣ дар бораи «асри тиллоӣ»; 8) Ривоятҳо дар бораи ҳайвонот, паранда ва хазандагон.

Ривоят бо банду басти содаи худ ва теъдоди маҳдуди персонажҳояш аз дигар жанрҳои адабиёти шифоҳӣ, аз ҷумла, афсонаҳо фарқ мекунад, яъне ривоят жанрест, ки табиатан тасвирҳои муғлақ ва печ дар печу мураккаб ва баёни муфассалу тӯлонии воқеаҳоро намеписандад. Хусусан, тасвирҳои мутантану пурдабдаба ва гаштаю баргашта такрор ёфтани эпизодҳо ва лаҳзаҳои ҷудогона ба ривоят хос нест.

Баъзе ривоятҳо то имрӯз тавассути осори хаттӣ ва насри классикии форс-тоҷик чун «Қассас-ул-анбиё», «Самаки айёр», «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ ва дигарон то замони мо расидаанд» [213, с. 55].

Аз хусуси жанри насри шифоҳӣ «қисса» низ Р. Раҳмонӣ дар асари худ ибрози ҷолибе кардааст. Ба ақидаи ӯ истилоҳи «легенда», ки дар Аврупо ба

кор мебаранд, бо жанри қисса мувофиқ мешуморад. Р. Раҳмонӣ доир ба истилоҳи «қисса» ва хусусияти жанрии он чунин ибрози ақида намудааст: «Нақлҳои бадеии динии шифоҳӣ ва китобие, ки дар тӯли таърих аз ҷониби қиссахонон ва қиссагӯён ҳамчун асари насиҳатомез баён гардида, ҳамчун панди зиндагӣ дар миёни мардум густариш ёфтааст, қисса номида мешаванд» [166].

Ин хусусиятҳо дар баъзе ривоятҳое, ки дар онҳо доир ба Одаму Ҳаво, Довуд, Ҳазрати Алӣ, пайғамбарону авлиёҳо ва дигар шахсиятҳои динӣ нақл меравад, дида мешавад. Чунин алоқамандӣ дар тафовут гузоштан ва аз ҳамдигар ҷудо сохтани жанрҳо мушкилиро дар миён мегузорад.

Шакл, мазмун, симоҳо ва дигар ҷиҳатҳои қисса аз ривоят тафовут дошта бошанд ҳам, дар байни онҳо як робитаи ногусастани ҳам ба назар мерасад.

«Қисса як навъ матни бадеии адабиёти шифоҳию китобии мардумони форсизабон мебошад, ки дар мундариҷаи он силсилаи ҳодисаҳои бофтаву таърихӣ ва саргузашту корнамоиҳои шахсони мӯътабари динию мазҳабӣ ва қаҳрамонҳои ормонии мардум дар замону макони муайян тасвир мегарданд. Ба гуфти Д. Раҳимов қисса ба ғайр аз вазифаи иттилоотии худ, инчунин хусусиятҳои таблиғӣ ва пандомӯзӣ дорад. Он бештар дар мавзуъҳои иҷтимоӣ ва динӣ эҷод мегардад ва ҳаводиси дар қиссаҳо ҳикояшаванда воқеаҳои сирф таърихӣ набуда, балки инъикоси бадеии биниши таърихии мардум мебошанд» [160, с. 130].

Қиссаро профессор Худоӣ Шарифов чунин тафсиру таъбир намудаст: «Қисса аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои афсона, ҳикоят, саргузашт, шарҳи ҳолро ифода мекунад. Қисса як навъ асари насрӣ дар адабиёти хаттӣ ва эҷодиёти даҳанакии халқ аст, ки дар он ҳолату саргузашти шахс ба тавсифу тавзеҳ нақл ё тасвир мешавад. Баъзан онро ба маънои ҳикоя ва достон ҳам истифода мебаранд. Вале фарқи қисса аз достон он аст, ки вусъати саргузашти шахсро аз замоне то замоне дар бар мегирад. Аз ҷиҳати ба корномаи шахс асос ёфтани қисса вай ба маъно ва мафҳуми

«повествование»-и русӣ, ки аз истилоҳи повест баромадааст, қаробат дорад. Пайвастагии қисса бо амали як шахс имкони васеъ шудани сюжети онро бозмедорад ва ҳаҷми он миёна – аз ҳикоя калон ва аз достон хурдтар аст. Қиссаҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа таърихӣ, қаҳрамонӣ, динӣ ва саргузаштӣ мешаванд. Ҳоло дар адабиёти тоҷик ба ҷои қисса истилоҳи повест истифода мешавад. Бо номи қисса имрӯз ҳам баъзе асарҳо офарида мешаванд, ки манбаи онҳо эҷодиёти халқ аст» [218, с. 421].

Дар мавқеъ ва мазмуни ҳикоя бошад, донишманди зикршуда андешаҳояшро ба ин тарз хулоса намудааст: «Ҳикоя, ҳикоят калимаи арабӣ буда, маънои нақл, қисса, ривоят, суханро ифода мекунад. Ҳикоят як навъ асари эпикист, ки лаҳза ва ҳолатҳои муҳимми зиндагии инсонро дар бар мегирад. Ҳикоят яке аз навъҳои адабии қадимтарини адабиёти форс-тоҷик мебошад. Истилоҳи ҳикоя бори аввал дар «Тафсири Табарӣ» истифода шудааст. Баъдан ҳикояҳо дар китобҳои адабӣ, таърихӣ, динӣ, тасаввуфӣ барои такмили воқеаҳо ва шарҳи матлаб, чун воситаи намоишу тасдиқи андешаҳои тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва динию мазҳабӣ омадаанд. Намунаи комили ҳикоя дар «Қобуснома», «Сиёсатнома» ба назар мерасад. Ҳикояҳо дар асарҳои мансури «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфӣ, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва асарҳои манзум – «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ, «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ хеле зиёданд. Қисме аз ҳикояҳо маҳсули нависандагон ва бештари онҳо парвардаи хаёлу андешаи мардуманд, ки аз тарафи мусаннифон таҳрир шудаанд. Ҳикояҳо аз китобе ба китобе бо андаке таҳриру такмил кӯчида, ҳамчун асари адабиёти даҳанакӣ дар байни мардум паҳн шудаанд» [219, с. 461].

Дар мисоли ҷадвали зерин, ки дар асоси шарҳу тафсирҳои дар боло зикргардида тарбиб дода шуд, метавон ин жанрҳоро аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ва дигар хусусиятҳои жанрӣ аз якдигар ҷудо намуд:

| Хусусиятҳои жанрӣ | Жанрҳои насри халқӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Ривоят** | **Устура** | **Нақл** | **Қисса** | **Ривоятҳои асотирӣ** |
| **Инъикоси ҳодисаҳо** | Таърихию нимвоқеӣ | Тахаюлӣ | Таърихӣ, воқеӣ | Саргу-заштӣ | Нимвоқеи ю тахаюлӣ |
| **Мундарича** | Доир ба ашёҳои табиат, доир ба ҳодисаҳои табиат, доир ба мавзеъҳои чуғрофӣ | Дар бораи пайдоиши олам, пайдоиши одам, дар бораи охирзамон, дар бораи ҳайвоноту парандаҳо | Ҳодисаҳо и таърихӣ | Доир ба пайдо-иши оламу одам, биҳишт у дӯзах ва монанд и ин | Доир ба ҳайвоноту парандаҳо, махлуқоти фавқут-табиӣ |
| **Мавзуъ** | Итти-лоотӣ | Космогонӣ, антрополо-гӣ, эсхатологӣ, тотемистӣ | Таърихӣ | Динӣ, ахлоқӣ | Тарбивию ахлоқӣ |
| **Симоҳо** | Таърихӣ | Одаму Ҳаво, ҳайвоноту паранда | Таърихӣ | Анбиёв у авлиё | Луқмони Ҳаким, Хучаи Хизр, Ландаҳур, Ҳотами Той |

## 1.3. Сохтор ва мавзуи жанри ривоят

Ривоят ҳамчун жанри махсуси эҷодиёти шифоҳӣ аз ҷиҳати сохту банду баст, услубу сабки баён, дар бар гирифтани унсур ва воситаҳои тасвири бадеӣ дорои хусусияти хос буда, ба таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷониба ниёз дорад. Ривоятҳо аз ҷиҳати шаклу ҳаҷм ва тарзи баён, сабку услуб ва бадеият гуногун ҳастанд. Ин аз шахсони гӯянда, аз синну сол, маълумоту касбу кори онҳо, аз қобилияту салиқаи онҳо вобаста аст. Бархе аз ривоятҳо, агар батафсил бо санаду далелҳои қотеъ нақл шуда бошанд, қисми дигарашон дар шакли кӯтоҳ бо ишораи муъҷази воқеаву ҳодисаҳо баён ёфтаанд.

Мусаллам аст, ки барои таъйин намудани хусусияти жанрии асарҳои фолклорӣ, аз муайян намудани тарзу услуби баён, ҳаҷму шакл ва дигар махсусияти онҳо вобастагии зич дорад. Жанри ривоят ҳам аз ин бора истисно нест. Дар баъзе ривоятҳо агар унсурҳои афсона дида шавад, дар қисми дигаре хусусиятҳои нақлӣ-воқеӣ ҷой доранд. Баъзан дар ривоят дар маҷмуъ ҳам хусусияти нақлӣ-воқеӣ ҷой дошта ва ҳам хаёлҳои бофтаву муболиғаомези гӯяндаҳо акс ёфтаанд. Дар ин ҳолат ривоят дар байни афсонаҳо ва ҳикояҳои таърихӣ ё воқеӣ қарор мегирад, ки чунин ҳолат барои муайян сохтани вижагии жанрии ривоят мушкилиро ба миён меорад.

Бисёр ривоятҳо, одатан бо ибораҳои «Мегӯянд, ки», «Нақл мекунанд, ки», «Падарам нақл карданд, ки» ё «Аз падарам шунида будам» ва ба ҳамин монанд сар мешаванд. Аммо ривоятҳое низ ҳастанд, ки ба ғайри истифодаи ин қабил ибораҳо бо ҷумлаҳое, ки хоси афсонаҳо мебошанд, шуруъ мешаванд. Масалан, «Подшоҳе будааст. Умраш ба охир мерасид. Рӯзе ба фарзандонаш гуфтааст…», «Подшоҳ зани соҳибҷамол доштааст. Рӯзе азми сафар карданӣ шуда, дилаш дар ҳавос будааст…», «Дар замони қадим дар Тем марде будааст, зани парӣ доштааст, аз онҳо ду писар будааст». Дар матни чунин намуди «ривоятҳо» ҳодисаи воқеию нимвоқеӣ зиёд ба назар мерасанд, ки ба жанри ривоят мансуб донистани онҳо шубҳа ба миён меояд. Ба назари мо, онҳо бештар вижагии нақлӣ ё ривоятҳои асотириро доранд.

Дар чунин намудҳои асарҳои насри лафзӣ ҷумлаҳои хотимавӣ низ ба афсона шабоҳат доранд, ки онҳоро ҳам ба ривоят мансуб донистаанд. Ба монанди «…Кампир баъд аз ин соҳиби молу гови бисёр, гӯсфандҳои сафед, ширу дӯғи зиёд гаштааст», «…Аз ҳамон вақт одамон аз хавфи аждаҳор халос шудаанд», «…Алқисса, онҳо соҳиби ёздаҳ писар ва ёздаҳ духтар гаштаанд».

Дар баъзе ривоятҳо барои шарҳу тафсири ҳодисаҳо ва симоҳои тасвиршаванда аз ҷузву лавҳаҳои маъмули афсонаҳо истифода шуда, байни ин жанрҳо ҳудуди муайян гузоштан душвор мегардад. Ин ишора ба ривоятҳое дахл доранд, ки дар онҳо тасвири ҳодиса ва шахсияти одамон хусусияти сеҳру ҷоду касб мекунанд ва тавсифу қудрати инсон дар назди махлуқҳои ғайритабиӣ тасвир ёфтаанд. Ривоятҳои «Сеҳргари Мансурбой» [77, с.210], «Аждаҳор ва Тирандоз» [77, с. 232], «Санги аждаҳор» [77, с. 239], «Дари дев» [77, с. 247] ва амсоли ин аз он ҷумла мебошанд. Чунончи, дар ривояти дар бораи остони Питфӯнҷ [77, с. 228] бо ҷумлаҳое, ки сароғози афсона аст, шуруъ шуда, аз лавҳаҳои афсонаи сеҳромез иборат аст: «Як ятими бечора чӯпон будааст. Ӯ хизматгори бой будааст…» ва ривоят бо ҷумлаи «Он сағира боз ба нони арзанӣ зор мондааст» анҷом меёбад, ки хоси ҷумлаи хотимавии афсонаҳо мебошад.

Дар натиҷаи чунин ҳодиса баъзе ривоятҳо хусусиятҳои жанрии афсонаро гирифтаанд.

Такрори ибораву ифода ва ҷумлаҳои пурра аз хусусиятҳои сохт ва банду басти асарҳои насрии эҷодиёти лафзӣ буда, ҳангоми нақл кардани ривоятҳо аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа ба ҳамдигар наздик мавриди истифода қарор мегиранд. Аз матнҳои ривоят ҳамчунин бармеояд, ки ба ин ҳолат ҳодисаву ашёҳои тасвиршаванда низ мусоидат мекунанд ва боиси умумӣ шудани тасаввуроту эътиқодот нисбати ин ашёҳо гардидаанд.

Дар матни ривоятҳои доир ба пайдоиши кӯлҳо, баробари такрор ёфтани ҳодисаҳои мавриди тасвир қарорёфта, инчунин, дар онҳо ба монанди бисёр афсонаҳои дар манотиқи Бадахшон интишорёфта – мӯйсафед

(қаландар, Хӯҷаи Хизр), кампир, набера, буз, хурӯс, ғалбел аз персонажҳои асосӣ ва ҷузъӣ буда, дар маҷмуъ хусусияти рамзӣ пайдо кардаанд.

Ба тариқи сеҳромез баён намудани нияту мақсад, муносибат ба шахсияти таърихӣ ва асбобу анҷоми ба онҳо тааллуқдошта аз хусусиятҳои дигари услубӣ-бадеии ривоятҳо низ мебошад. Ба хислатҳои шахсҳои алоҳида нисбат додани унсурҳои сеҳру ҷоду, аслан, аз эътиқоди гӯяндаҳо ба «бузургӣ» ва «муъҷизаофаринии» онҳо, аз як тараф, вобаста бошад, аз ҷониби дигар, ин ҳолат барои ба нақл бахшидани обу ранги мутаассиркунанда воқеъ гаштааст. Чунончи, дар ривояте нақл шудааст, ки «Шоабдулло лақаби Парвозӣ доштааст. Чунки вай аз болои санге ба болои санги дигар мепаридаст. Ӯ дар як рӯз аз қишлоқи Сижд то қалъаи Барпанҷаи Афғонистон, ки беш аз дурӯза роҳ аст, рафта меомадааст. Агар ӯ дар ягон ҷо пайдо мешуду ба табъаш ягон чиз намефорид, якбора ғайб мезадаст…» [77, с. 224].

Ба ақидаи Дилшод Раҳимов «Забони ривоят мӯҷаз аст ва дар он ягон ҷумла ва ҳатто калима беҳуда баён намешавад. Ҳар як ҷумла дар матни ривоят вазифа ва дар занҷири тасвир мавқеи хоси худро дорад. Яъне дар ривоят тасвири бадеӣ, чуноне ки дар афсонаҳою қиссаҳо ҳаст, камтар сурат мегирад» [160, с. 135-136].

Маълум аст, ки тарз ва услуби баёни ҳар жанру намудҳои эҷодиёти бадеии шифоҳии халқ ба ҳаҷму шакл ва дигар махсусияти онҳо вобастагии зич дорад. Ривоятҳо низ аз ин бора истисно нестанд. Дар намунаҳое, ки хаёлҳои баланду пардозҳои муболиғаомези гӯяндаҳо гоҳ-гоҳ роҳ ёфта бошад, дар ин маврид ривоятҳо дар байни афсонаҳо ва нақлҳои воқеӣ қарор мегиранд.

Такрори иборaву ифода ва ҷумлаҳои пурра, ба тариқи сеҳромез баён намудани нияту мақсад ва муносибат ба симоҳои ашхоси таърихӣ ва асбобу анҷоми ба онҳо тааллуқдошта, барои таъкиду тақвияти андеша ва хулосаи фикр истифодаи намунаҳои назмӣ дар ривоятҳо аз хусусиятҳои сохт ва банду баст, услубӣ-бадеии ривоятҳо мебошанд.

Чун бунёди қисми муҳимми навъу намудҳои асарҳои эҷодиёти бадеии шифоҳии халқ тасаввурот ва ақидаҳои асотирии мардумӣ мебошад, дар давраҳои минбаъда низ ин ҳодисаи адабӣ ҳамчун унсур ва воситаҳои тасвири бадеӣ, дар асарҳои насри лафзии мардумӣ, махсусан, дар ривоятҳо ба мушоҳида мерасад. Чунончи, агар оид ба қаду басти Қаҳқаҳаи нимнимвоқеию асотирӣ «Қадаш дувоздаҳ газ баландӣ дошт. Хоҳараш низ монанди ӯ қаду баст дошт» [77, с. 77] гуфта шуда бошад, қувваи ҷисмонии Шоҳмаланги таърихӣ-воқеӣ ба ин тариқ тавсиф шудааст: «…Сайид Шоҳмаланг аз он тарафи соҳили дарё барои шӯхӣ санги калонеро ба сӯи Шоҳбурҳони Валӣ ҳаво медиҳад. Санги азим андаке дуртар аз Шоҳбурҳон ба замин меафтад» [53, с. 33]. Аз мисолҳои зикршуда возеҳ аст, ки тасвиру тавсифи симои шахсҳои алоҳида, қатъи назар аз он ки аз фардҳои воқеианд, аз ташбеҳи муқарарӣ шуруъ шуда, он тадриҷан ба муболиға гузашта, аз он хусусияти асотириро пайдо намудааст. Ба образҳои рамзӣ ва унсурҳои сеҳромез табдил ёфтани белчаву асо, дегу пӯстак ва ғайра аз чунин зинаҳои тахайюлоти мардум аст.

Дар ривоятҳо ҳам, чун дигар асарҳои насри бадеӣ, барои таъкиду тақвияти баёни ақида, андеша ва хулосаи фикр истифодаи намунаҳои назмӣ чун рубоиву дубайтӣ ва мақолу зарбулмасал ва ибораҳои ҳикматомези халқ ба назар мерасад. Доир ба деҳаи Шоҳхиризм (ноҳияи Роштқалъа) чунин ривояте мустаъмал аст, ки аз рӯи он гӯё замоне ба он ҷо муғулҳо ҳуҷум мекунанд. Онҳо аз халқ боҷу хироҷи зиёд меситонанд. Халқ аз ин ба дод омада, ба Эрон хат навиштаанд, ки онҳоро аз зулму асорати муғулҳо халос кунанд. Мазмуни хаташон гӯё чунин будааст:

Гар шакли муғул фаришта аст, бад аст,
Гар номи муғул ба зар навиштааст, бад аст.
Зинҳор зи хирмани муғул хуша магир,
Гар тухми муғул касе бикоштааст, бад аст [33].

Мусаллам аст, ки аз рӯи маълумоти таърихнигорон, ки вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳаёти мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар охири асри

XIX-ро дар асарҳояшон тасвир намудаанд, рӯзгори сокинони ин манотиқ басе душвору сангин буд. Аз тарафи зулму бедодгарии хонигарии Афғонистон аҳволи халқ вазнин буда, минбаъд ҳам дар даврони ҳукумати аморати Бухоро ҳаёти онҳо беҳтар нашуд. Дар рубоии фавқ тавассути калимаи муғул дар маҷмуъ он аҷнабиҳое, ки ба сокинони ин манотиқ фишор меоваранд, ифода ёфтааст.

Дар ривояти дигар Носири Хусрав ҳамчун шахси муъҷизакор тасвир шудааст, ки вижагии жанрии афсонаро ба мушоҳида мерасонад. Дар охири ҳамин ривоят барои обу ранг додани нақли худ аз тарафи гӯянда рубоӣ оварда шудааст, ки ба таври зайл мебошад:

Шоҳносири Хусрав, назаре бар мо кун,
Андар дами марг нотиқаму гӯё кун.
Худ медонам, гуноҳи беҳад кардам
Ғамхории мо дар лаҳаду танҳо кун [77, с. 100].

Дар ривояти зайл чунин нақл меравад, ки Ҳазрати Алӣ баъди муҳориба бо душман хаставу монда шуда хобаш мебарад. Дар хоб арақ карда, он ба замин мерезад. Чанде нагузашта дар он ҷо гули хаспирух (райҳон) мерӯяд. Чун одамон он гулро диданд, мафтуни накҳаташ мегарданд. Ин рафтори онҳо гули савсанро, ки то он замон шоҳи гулҳо шумурда мешудааст, хиҷил сохта, дар ҳаққаш забон ба таънаву маломат мекушояд. Гули хаспирух ҳам ба забон омада, ба савсан чунин ҷавоб гуфтааст:

Савсан чи гул аст, ки мезанад таъна маро,
Ман аз арақи Алӣ, ӯ аз хок бувад [77, с. 217].

Ҳамин тариқ, истифода бурдани намунаҳои назмӣ, иборaву ифодаҳои рехтаву ҳикматомези халқ дар ривоятҳо зиёд ба чашм мерасад, ки ин аз завқу салиқаи худи гӯянда вобаста будааст.

Баъзан ҳолатҳое мешавад, ки маънои намунаҳои назми халқӣ, ки дар охири матни ривоят оварда мешавад, бо мазмуни он ягон алоқамандӣ

надоранд. Онҳо ҳам барои муассиру ҷолиб шудани ривоятҳо ё ба ҳаяҷон овардани шунаванда истифода мешаванд.

Таъсири рӯҳии асарҳои насрии лафзӣ аз бисёр ҷиҳат ба воситаҳои тасвир вобаста аст. Бинобар ҳамин гӯяндаҳо баъзан ифода кардани мақсаду ғояи асосии худ аз воситаҳои тасвири бадеӣ ва санъатҳои маънавӣ истифода мебаранд.

Ривоятҳо ҳамчун жанри махсуси эҷодиёти бадеии шифоҳии мардумӣ аз ҷиҳати сохту банду баст, услубу сабки баён, дар бар гирифтани унсур ва воситаҳои тасвири бадеӣ ба хусусияти хос молик буда, қобили таҳқиқ ва омӯзиши ҳарҷониба мебошанд.

Дар натиҷаи ифода шудани ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёту рӯзгори мардум мавзуи ривоят низ гуногун ва беохир гардидааст. Барои ҳамин аз ҷиҳати мавзуъ омӯхтани ривоятҳо кори тадқиқотчиро мураккаб месозад. Аз ин бора худи Криничная Н. А. низ чунин ишора мекунад: «Таснифи ривоят вобаста ба мавзуъҳо муҳаққиқро ба душворӣ дучор меорад, зеро ривоят чунин мавзуъҳои устуворро надорад, ҳамон тавре, ки дар дигар асарҳои насри халқӣ дида мешавад. Ба ҳар ҳол, таснифи асарҳои таърихии халқӣ вобаста ба мавзуъҳо яке аз масоили аввалиндараҷаи фолклоршиносон ба ҳисоб меравад, дар акси ҳол таҳқиқи ривоят дар оянда номумкин аст» [123].

Бештари ривоятҳои мардумӣ мазмуни ба худ хос доранд, таъсири хос ва такрорнашавандаи ин ва ё он ҳодисаву воқеаҳои зиндагиро бо забони муҷазу фишурда инъикос менамоянд, муносибатҳои гуногуни одамро нисбати муҳит ва ашёву ҳодисаҳои табиат ҷилвагар месозанд.

Ривоят ба он намудҳои асарҳои насри халқӣ мансуб аст, ки бо вуҷуди ҳаҷман хурд будани худ, дорои мазмуни амиқ буда, баъзан чанд ҳодиса ва санади таърихиро нишон медиҳад.

Ривоятҳо ба монанди дигар жанрҳои насри халқӣ гуногунмавзуъ буда, дар онҳо ҷанбаҳои мухталифи ҳаёту рӯзгори инсон ниҳон гардида, муносибату фаҳмиши онҳо нисбати муҳиту ашёҳо ва ҳодисаҳои воқеию нимвоқеӣ баръало тасвир меёбад. Ҳар як ривоят дар кадом мавзуе, ки гуфта

шудааст, мақсади асосии он аз тарғиби рафтори неку писандидаи инсонӣ мебошад.

Дар гурӯҳи ривоятҳои доир ба ашёву ҳодисаҳои табиат асосан паҳлуҳои гуногуни муносибати одамон нисбати ҳамдигар ба назар мерасад, ки мухтавои асосии онҳо аз панду ҳикмат иборат буда, дастгирӣ намудани ниёзмандону дармондагон, мағрур нашудан ба сарвату моли худ барин хислатҳои инсонӣ ташвиқ мешаванд. Махсусан, ривоятҳое, ки дар бораи ҳодисаҳои фалокатбори табиат гуфта мешаванд, ба мисли кӯлҳои Сарезу Дурум ва Шева ё дар ривоятҳои доир ба шахсҳо ва ҳодисаҳои таърихӣ монанди мавзеи Аличур ва қалъаи Қаҳқаҳа зулму бедодгарӣ, дороиву худписандӣ ва ноадолатии баъзе шахсон маҳкум гардида, меҳру шафқат нисбати шахсони нодор ва дастгирии дармондагон тарғиб мешаванд. Ба ҳамин монанд аз ривоят дар бораи «Сеҳргари Мансурбой» [77, с. 210] чунин маънӣ бармеояд. Гӯё ҳамаи фалокатҳои табиие, ки бар сари сокинони ин мавзеъҳо расидааст, аз рафтори зишти сокинон ё зулму беадолатии ҳокимони онҳо ба миён омадааст. Чунин ақидаҳо баъзан имрӯз ҳам ба назар мерасанд. Ҳангоми ба фалокати табиӣ дучор шудани ягон маҳал ва аз байн рафтани мавзеъҳои ободу нобуд шудани сокинони он маҳз ба ноадолатӣ ё аз ягон ҷиҳат хислату рафтори бади баъзе аз сокинони он вобаст медонанд. Албата чунин фикру андешаи бархе аз ашхос нисбати одамони ҷабрдида хилофи инсонгароӣ мебошад ва мақсади асосии ин қабил ривоятҳо на ба чунин маънӣ ифода меёбад, балки аз ташвиқу тарғиби рафтору кирдори неки инсонҳо иборат мебошад.

Дар бархе аз ривоят дар баробари инъикоси ҳодисаҳои гуногуни зиндагӣ, инчунин, ақида ва муносибатҳои гуногуни одамонро ба ашё ва ҳодисаҳои воқеии зиндагӣ низ баён мекунанд. Бунёди қисмати афкору ақидаи мардум, боварию эътиқоди онҳо нисбати ашёву олами ҳастӣ маншаи таърихӣ дорад. Он ба даврае мансуб аст, ки одамизод ҳанӯз як махлуқи ҷудонашудаи табиат буда, вай аз асли бисёрии ашёву ҳодисаҳои он огоҳӣ надошт. Масалан, барои нарасидани чашму офат ва эмин доштани аҳли

хонадон дар таги дар кӯфтани мех ва дар назди равзанаи хона гузоштани хори ангат яке аз эътиқоду бовариҳои мардум мебошанд. Ин бовариҳо дар як ривояте чунин маънидод шудааст, ки ҳамин ашёҳо нишонаҳои алмастӣ (аҷина) ҳастанд. Ҳар вақте, ки алмастӣ дар хонаи касе ин нишонаҳоро бинад агар, ба он хонадон кордор намешавад [45]. Ҳамин тасаввуроту бовариҳои қадимии мардумиро ривояти дигаре, ки ба мазмуни ривояти фавқ монанд ҳаст, акс кардааст. Мазмуни мухтасар ин аст, ки махлуқи ғайритабиӣ войд (бало) ба Худодод ном шахсе гуфтааст: «Дар таги дарат наъли аспро кӯфта монед, ҳар боре ки омада истам, хонаатро фаҳмида тавонам ва авлодатро ташвиш намедиҳам» [44]. Аз ҳамон замон гӯё мардум дар остонаи дари худ наъли аспро кӯфта мемонанд. Инҳо аз ҷумлаи он тасаввуроти қадимии мардумӣ будаанд, ки баъзан имрӯз ҳам мардум ба он боварию эътиқод доранд.

Алмастӣ, войд, ки дар мафҳуми умумии «бало» низ номбар мекунанд, аз махлуқоте ҳастанд, ки ба мавҷудияти онҳо дар қадим ва баъзеҳо дар замони мо ҳам боварӣ дошта, аз хусуси зарару нафъи онҳо нақлу ривоятҳо офаридаанд. Гарчанде бештари ин намуди ривоятҳо хусусияти афсонавӣ ё ривоятҳои асотириро касб кардаанд, лекин дар онҳо мавзеъҳою шахсони воқеӣ ёдрас мешаванд, ки ба ҳақиқати воқеӣ будани ин ҳодисаҳо далолат мекунад.

Азбаски чорводорӣ яке аз машғулиятҳои асоӣ дар рӯзгори мардум ҳисоб меёфт, дар байнашон доир ба чорвою чорводорӣ низ ҳаргуна кешу оин ва эътиқодот ба вуҷуд омада, чун анъана ба расмият даромадааст. Масалан, мардум ҳангоми бо чорво ба айлокҷои тобистона рафтан, зани дӯшанда бо худ ба нияти фаровонии ширу равған ва дигар анвои ширӣ ҳатман як миқдор равғани маска аз деҳа ба айлокҷой мебурдааст. Агар ҳангоми ба айлоқгаҳ рафтан дар дасти зани дӯшанда равған набошад, ҳамон сол дар айлоқгаҳ равғану дигар анвои ширӣ гирифта наметавонад, яъне, ӯро парандаи чӯк мезадааст. Аз рӯи ривояти мардум ҳамин чӯк гӯё як вақтҳо зане будааст. Хӯҷаи Хизр омада, аз вай қаймоқ мепурсад. Зани дӯшанда дар

ҷавоб гуфтааст, ки «аз ман шир нест, ҳарчанд мечӯкаму мечӯкам». Хӯҷаи Хизр ба он зан гуфтааст, ки «Илоҳим чӯк гардӣ!» Ҳамин чӯк ҳам дар баҳорон беист «чӯк, чӯк ...» мегӯяд [37].

Аз ин мулоҳизаҳо бармеояд, ки ривоятҳо дар таъйин намудани афкору ақидаҳои гуногуни одамон оид ба ашёву ҳодисаҳои табиат маводи пурарзиш ба ҳисоб меравaнд ва онҳо доир ба дигар паҳлуҳои ҳаёти моддӣ ва маишии мардум низ маълумоти пурқимат медиҳанд.

Эҳтиром гузоштан ва расидан ба қадру қимати ашёҳои табиат аз мавзуъҳои дигари ривоятҳое, ки ба гурӯҳи ривоятҳои доир ба ашёву ҳодисаҳои табиат шомиланд, мебошад. Чунин мавзуъҳо дар мисоли ривоятҳои доир ба пайдоиши чашмаҳо, ба мисли чашмаҳои Абутолиб, Шоҳносир, Шоҳбурҳониддин, Чилтан ва ғайра, ихлоси мардум нисбати дарахтҳо, ба мисли чанор, арча ва бед ва амсоли ин гуна ривоятҳо дида мешаванд. Чунин арҷгузорӣ нисбат ба ин ашёҳои табиат тавассути нисбат додани пайдоиши онҳо ба шахсони барӯманди таърихӣ бошад, аз тарафи дигар, дар ин намуди ривоятҳо ба таъкид гуфта мешавад, ки аз тарафи шахсе осеб расонидан ба ашёҳои табиат боиси дучори фалокат гаштани ҳамон кас мегардад. Ба ҳамин маънӣ, ҳадафи асосии ин гуна ривоятҳо нисбати ин ашёҳои табиат ихлосу эҳтиром зоҳир кардан аст.

Дар самти муайян намудани эътиқоди мардум ба чашмаву дарахтон ва барасии ривоятҳо доир ба онҳо дар боби минбаъдаи тадқиқотамон муфассалтар таҳлилу ибрози ақида хоҳем намуд.

Аз таҳлилу баррасии хусусиятҳои жанрии ривоят ба хулосае омадем, ки агар ба таҳқиқу омӯзиши ҷиддӣ ва ҳарҷонибаи ривоятҳо машғул шавем, боз бисёр паҳлуҳои дигари мавзую мундариҷа ва моҳияти аслии мазмуни онҳо ошкор хоҳад гашт.

Мазмун ва мундариҷаи ривоятҳо ба таври синкретӣ аз асотир ва нақл иборат буда, дар маҷмуъ баёнгари афкори қадимаи мардум нисбати ашё ва ҳодисаҳои табиат мебошанд. Новобаста аз он, ки ривоят доир ба як маҳалли

муайян маълумот медиҳад, нусхаҳои он дар дигар минтақаҳо бо ҳамон смазмун интишор ёфтаанд.

Ривоят хусусияти иттилоотӣ дошта, дар онҳо пеш аз ҳам этимологияи мардум ҷои асосиро ишғол мекунад. Сабаби ба вуқӯъ омадани ҳар гуна ҳодисаҳо, маънидод кардани номи маҳал, деҳа, мавзеъҳо аз тарафи худи одамон шарҳ меёбад.

Бархе аз ривоятҳо бо вуҷуди ҳаҷман хурд буданашон биёр ҷанбаҳои ҳаёту рӯзгори халқро нишон медиҳанд, муносибати мардумро ба ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ бозтоб мекунанд ва барои ошкор намудани санадҳои таърихӣ ҳамчун маводи муътамад ба ҳисоб мераванд.

# БОБИ II

# БАРРАСИИ РИВОЯТҲОИ МАРДУМИ БАДАХШОН

## 2.1. Таҳқиқи ривоятҳо оид ба ашё ва ҳодисаҳои табиат

Ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшону дигар манотиқи Тоҷикистон аз лиҳози мазмуну мундариҷа бо ривоятҳои дигар халқият ҳамрангу ҳамсанг мебошанд, махсусан, бо кишварҳои ҳамҷавор, ки сокинони ин сарзамин бо онҳо аз давраҳои қадим иртиботи маданиву фарҳангӣ доштанд.

Бақои умр ва пойдориву устувории зиндагии худро одамон ба ашёҳои гуногуни табиат ва ҳодисаҳои он вобаста мепиндоштанд. Яке аз чунин ихлосу эътиқоди зиёд, ки дар ҳаёти маънавии мардум то ба имрӯз ҳам ҷой дорад, нисбати оби чашмаву рӯдхонаҳо мебошад. Об чун унсури муҳими табиат ба рӯзгори инсонҳо аз рӯзи азал ҳамбастагии ногусастанӣ дошта, дар ҳаёти ҳамарӯзаашон аҳаммияти фавқулода бузургро касб кардааст ва онҳо нисбаташ ихлосу эътиқоди қавӣ зоҳир намуда, онро аз муқаддасоти олами ҳастӣ маҳсуб донистаанд.

Мафҳуми об бо таркибу ифода ва муродифҳояш дар эҷодиёти бадеии лафзӣ, хоса дар лирикаи мардумӣ ба образи бадеӣ табдил ёфта, дар баробари покӣ ва равшаноӣ, зебоӣ ва дилкашӣ ба маънии ҳаётбахшӣ ва манбаи зиндагӣ низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Чунончи, дар як рубоии маъруфи мардумӣ, ки байти аввали он ин аст,

Дунё ба мисоли кӯзаи заррин аст,  
Гаҳ об дар он талх, гаҳе ширин аст. [64, с. 99]

мафҳуми «об» ҳатто ба маънии зиндагӣ истифода шудааст.

Чунин тасаввурот, ки баъзан хусусияти асотирӣ пайдо мекунанд, сабаби он гардидаанд, ки одамон аз қадимулайём ҳангоми ба ҷо овардани ҳар гуна расму оин ва маросимҳо «ба мақсади гирифтани фоли нек ва барои

ифодаи ақидаву пиндоштҳои худ аз об ҳамчун муъҷизаи муродбахш истифода ба амал меоварданд» [147, с. 134].

Чун аксари кулли қитъаҳои замини барои кишти зироату боғдорӣ ва сабзавот нисбатан мусоиди мавзеъҳои Кӯҳистони Бадахшон ва навоҳии дигари Осиёи Марказӣ аз сатҳи баҳр дар баландии аз андоза беш воқеъ буда, иқлими хушк доранд, эҳтиёҷи онҳо нисбати борон, ба оби наҳру рӯдхона ва чашмаҳо бештар мебошад. Чунин ниёзмандӣ ва эҳтиёҷ боиси ба вуҷуд омадани ривоёти зиёд оид ба пайдоиши чашмаҳои ҷудогона низ гардидаанд, ки қисми онҳо тобишҳои маънӣ ва моҳияти оину маросимҳои мардумро, ки ба ашёву ҳодисаҳои табиат алоқаманд буда, онҳо осори тасаввуроти қадимии мардум асотирро акс кардаанд, тақвият бахшида, ақидаву фаҳмиши одамон, дарку маърифати ҳодисаҳои табиатро аз ҷониби онҳо дар зинаҳои мухталифи инкишофи шуури ҷомеа бозгӯй мекунанд [201, с. 79].

Аз ин хусус дар байни сокинони манотиқи Кӯҳистони Бадахшон ривоятҳое паҳн гаштаанд, ки дар онҳо доир ба сабаби пайдоиши чашмаҳо нақл меравад. Иддае аз ин чашмаҳоро ба Хуҷаи Хизр, Ҳазрати Алӣ, Шоҳносири Хусрав, Шоҳраҳматуллои Валӣ, Шоҳбурҳониддин ё умуман, ба бузурге, мӯйсафеде нисбат медиҳанд. Чашмаҳои ҷамоати Поршинев (Шуғнон), маҳаллаи Наводак (Хоруғ), деҳаҳои Деррӯшон (Рӯшон), Ширгин (Вахон), Тусён (Рошткалъа) аз он ҷумла мебошанд. Барои намуна ривояте, ки соли 1992 Зарифа Назарова аз сокини деҳаи Рини ноҳияи Ишкошим Гулчимо Раҳматуллоеваи 64-сола навишта гирифтааст, оварда мешавад. Воҷиби ёдоварӣ аст, ки мазмуни қисме аз ин гурӯҳи ривоят, ки тобишҳои асотирӣ доранд, ба мазмуни ривояти зайл қариб ҳамсанганд: «Замоне сокинони деҳаи Рин аз камии об дар ранҷу азоб буданд. Баъзан киштзор ва боғҳояшон аз беобӣ талаф меёфт. Боре шахси бузурге бо номи Абутолиб ба қишлоқ омада, ҳолати ногувори мардумро аз набудани об дида, мепурсад, ки дар он наздикӣ магар чашмае нест. Мегӯянд, ки аз қишлоқ дуртар дар он сӯи селканд, дар Харав ном мавзеъ каме хистӣ (намӣ) аст, вале аз чашма нишоне нест. Пас Абутолиб ду-се мӯйсафеди деҳаро ҳамроҳ гирифта,

ҷониби он мавзеъ мераванд. Дар даст белча доштааст. Белчаро он ҷое, ки намӣ буд, монда дуое мехонад. Пас баробари даст ба рӯй кашидан оби дидагонаш шашқатор мегардад. Лаҳзае баъд ба мӯйсафедон мегӯяд, ки акнун онҳо пешопеш ва ӯ аз қафояшон ба қишлоқ бармегарданд ва ҳаргиз ба қафо нигоҳ накунанд. Мӯйсафедон пеш-пеш ва Абутолиб аз қафои онҳо бо белча ҷӯйча канда, сӯи деҳа равон мешаванд. Ба қишлоқ расидан замон мепурсад, ки об омад ё не. Онҳо «не» мегӯянд. Субҳи рӯзи дигар аҳли қишлоқ аз хоб хеста, мебинанд, ки ҷӯе пур аз об ҷорӣ аст. Аз он замон то ба имрӯз дар баробари аҳли деҳаи Рин ҳамсоядеҳа Нюд ҳам аз ҳамон чашмае, ки онро чашмаи Абутолиб мегӯянд, об мехӯранду баҳра мебардоранд. Он шахси бузургу бокаромат гӯё қиблагоҳи Ҳазрати Алӣ (р) будааст» [17].

Мавриди зикр аст, ки ривоятҳои дар бораи оби чашмаҳои дар Наводак ва Тусён мавҷудбуда низ қариб бо ҳамин мазмун нақл мешаванд. Аз ҷумла, дар онҳо ҳам, белчаи сеҳромез (дар баъзе нусхаҳо асо), ибораи «ба қафо нигоҳ накардан» истеъмол шудаанд.

Дар иртибот бо ривояти фавқ овардани нусхаи як ривояти дигар, ки соли 1961 аз сокини ҷамоаи Сучон (Шуғнон) Шоҳзода Атолиғшоев навишта гирифта шудааст, мувофиқи матлаб аст: Дар қишлоқи Сижд Шоҳабдулло ном шахс бо лақаби Парвозӣ ду-дувуним қарн аз ин пеш зиндагӣ карда будааст. Ӯро барои он «Парвозӣ» мегуфтанд, ки роҳи дурӯзаро дар як рӯз тай мекардааст. Аз авлоди саидҳо будааст. Ӯ Бибӣ Зайнаб ном хоҳари соҳибҷамол ва покдомане доштааст. Аҳолии Сижд то он замон аз надоштани об азоб мекашидаанд. Дар фарозии қишлоқ тангное тӯл кашидааст, ки дар фасли гармо ҳам камоб будааст. Дар баландии паҳлуи ҳамин тангно харсанге барҷо аст. Боре Бибӣ Зайнаб он ҷо баромада, чиҳил шабонарӯз бе хобу хӯрок ба худованди мутаъол тоату ибодат карда, илтиҷо мекардааст, ки аҳли қишлокро бо қудрати хеш аз об таъмин кунад. Баъди чиҳил рӯз оҳу таваллояш ба даргоҳи худованд расида, арзу ниёзаш мустаҷоб гаштааст. Баъди боридани борони сахт аз ду тарафи харсанг ба сӯи қишлоқ

оби фаровон ҷорӣ мешавад ва оби он чашма имрӯз ҳам дар чаҳор фасли сол ба воситаи тангно ҷорӣ аст [34].

Пайдост, ки ривоят заминаи воқеӣ-ҳаётӣ дошта бошад ҳам, он аз ибораву ифодаҳои қолабӣ, ки вижагии асотирӣ доранд, орӣ нест ва маҳз онҳо хусусияти жанрии онро таъйин намудаанд. Мазмуни ривоят, ҳамчунин, оини «Сусхотун» ва ё «Ашаглон»-ро, ки дар он даъвати борон ба ҷо оварда мешавад, то андозае бозгӯй мекунад. Бунёди ривоят бар ҳикмате қарор ёфтааст, ки онро ба ин маънӣ тавзеҳ додан мумкин аст: танҳо тири ашхосе ба ҳадаф мерасад, ки некрою поксиришт ва ғамгусори халқ бошанд.

Чунин тасаввурот, ки баъзан хусусияти асотирӣ пайдо мекунанд, сабаби он гардидаанд, ки одамон аз қадимулайём ҳангоми ба ҷо овардани ҳар гуна расму оин ва маросимҳо «ба мақсади гирифтани фоли нек ва барои ифодаи ақидаву пиндоштҳои худ аз об ҳамчун муъҷизаи муродбахш истифода ба амал меоварданд» [147, с. 134].

Аз ин хусус дар байни сокинони манотиқи Кӯҳистони Бадахшон ривоятҳое паҳн гаштаанд, ки доир ба пайдоиши чашмаҳо нақл меравад. Иддае аз ин чашмаҳо ба Хуҷаи Хизр, Ҳазрати Алӣ, Шоҳносири Хусрав, Шоҳраҳматуллои Валӣ, Шоҳбурҳониддин ё умуман, ба бузурге, мӯйсафеде нисбат медиҳанд.

Вобаста ба ин дар ноҳияҳои Шуғнону Рӯшон ва навоҳии Кӯҳистони Бадахшон чашмаҳое ҳастанд, ки ё бо номи «Шаҳмори Сафед» ёд мешаванд ва ё пайдоиши онҳо ба ин ҷинси сеҳромези асотирӣ нисбат дода мешавад. Воҷиби зикр аст, ки мазмуни қисме аз ин гурӯҳи ривоятҳо, ки тобишҳои асотирӣ доранд, ба мазмуни ривояти зайл ҳамбастагӣ дорад: «Ҳоҷиён барои бурдани моли Мавло озими пирхона мешаванд. Аз Шуҷанд ҳам як нафар ҳамроҳи онҳо фиристонда, гуфтанд, ки рафта арзи онҳоро пеши парвардигор (аз набудани об) гӯяд. Баъд инҳо ба пирхона рафта мерасанд. Дар он ҷо ҳукм шуд, ки бо худ Шаҳмори сафед гирифта баранд. Баъд онро дар кулвор андохта оварданд. Омада-омада дар ҳамин Бомак расиданд.

Чун ҳоҷиёни дигар рафтанд, он мард фикр кардааст: «Бинам-чи, шояд ин мурда бошад, онро куҷо барам?» Баробари кушодани даҳани кулвор Шаҳмори сафед парида, дохили ковокии шахи Бомак гардид, ки аз он ҷо чашма баромад (аз оби чашма ба ҷуз ба мусофирон ва соҳибони айлоқҷой фоидаи дигараш нест). Он мард кулворашро бо саргини вай гирифта назди бедзор омада, фикр кард, ки «Шаҳмори сафедро аз даст додаму саргинаш барои ман чи лозим аст?» Баъд саргинашро гирифта, дар назди бедҳо холӣ кард, ки дар ин ҷо ҳам чашма баромад. «Ҳамин саргинаш агар насиби мо мешуд, Шуҷанди мо ҳам бе об намемонд» [26].

Пайдост, ки ривоят заминаи воқеӣ-ҳаётӣ дошта бошад ҳам, он аз иборaву ифодаҳои қолабӣ, ки вижагии асотирӣ доранд, орӣ нест ва маҳз онҳо хусусияти жанрии онро таъйин намудаанд.

Мавриди зикр аст, ки ривоятҳои дар бораи чашмаҳои Шаҳмори сафеди дар ҷамоати Басиди н. Рӯшон ва ҷамоати Сучони н. Шуғнон мавҷудбуда низ бо ҳамин мазмун нақл мешаванд.

Сабаби чунин ном гирифтани чашма, яз як тараф, агар намуди зоҳирии он (аз доманаи кӯҳ бо ранги сафед печу тоб хӯрда ба поин ҷорӣ аст) ба мор шабоҳат дошта бошад, аз тарафи дигар, дар тасаввури мардум осори ақидаи қадимаи асотирӣ боқӣ мондааст, ки гӯё мор ё аждаҳор манбаи бавуҷудорандаи чашмаву оби тоза мебошад. Аз ин бора муҳақиқи рус А. З. Розенфелд низ чунин ибрози ақида намудааст, ки гуфтаҳои фавқро барҷаста маънидод мекунад: «Древние верование горных таджиков нашли отражения в характеристике такого сказочного персонажа, как дракон – аждахар. Он олицетворяет злые силы, враждебные человеку. Его образ связан с водой, он живет в воде (в озере, реке) или вблизи от воды» [68, с. 11].

Дар баробари ҳамин гуна тасаввуроту ихлос парастиши об ба умқи таърихи башарият рафта мерасад. Ва чунин парастишу эътиқодот танҳо хоси маскунони вилояту навоҳии Осиёи Марказӣ набуда, он дар рӯзгори чандин халқу қавмҳои олам низ решаи чуқур дорад. Тибқи асотири қавму қабилаҳои кишварҳои дигар ҳам мор аждаҳор яке аз образҳои маъмул

будааст. Аз ҷумла, дар Африқо худои Фаро ва дар Хитои қадим олиҳаи Пангу бо намуди зоҳириашон ба мор шабоҳат доштаанд. Ғояи муборизаи қаҳрамонони асосии асотир махсусан дар осори Мисри қадим таҷассум ёфтаанд, ки дар муборизаи доимӣ байни Офтоб ва мори Апоп намудор мегардад [114, с. 51-54].

Ба ҳамин маъно дар нусхаи ривояти фавқ низ муборизаи инсон бо шаҳмор таҷасум ёфтааст, ки иштиёқу кӯшиши дидани Шаҳмори сафед одамро ба дараҷае бесаранҷом мекунад, ки оқибат одамро ба нокомӣ дучор мегардонад.

Бо вуҷуди тафовутҳои зиёд дар асотири қадимии халқу қавмҳои аз ҳамдигар хеле дур баъзе лавҳаҳои монанд ҳам, ба мисли ба инсон зарар расонидани мор ё аждаҳор, хушксолӣ овардан, ба қишри замин пинҳон шудан, пайдо шудани оби чашмаҳо ё борон боридан ба мушоҳида мерасанд.

Ҳамин тариқ осори насри таърихии мардуми Бадахшон бо персонажҳои гуногуннамуди асотирӣ бой аст. Ҳарчанд пас аз ҷорӣ шудани дини Ислом бисёр унсурҳои диниву мазҳабӣ дар насри лафзии мардуми Бадахшон осори худро гузоштаанд, дар фаҳмиши динии онҳо бисёр ақидаҳои қадимӣ боқӣ мондаанд, ки инро худи ривоятҳои то замони мо омада расида собит месозанд.

Бо вуҷуди он ки асотири мардуми Бадахшон аз ҷиҳати сохти мазмунӣ аз давраи қадимаи умумибашарӣ маншаъ гирифтааст, тасаввуроти маскунони ин минтақа хусусияти этникии ба худ хосро доранд, ки он баъдтар дар жанрҳои насрӣ, махсусан дар ривоят, баръало инъикос гаштааст.

## 2.2. Таҳқиқи ривоятҳо дар бораи дарахти арча ва чанор

Инсонҳо, ки як ҷузви ногусастании табиат ҳастанд ва рӯзгорашон аз ашёву ҳодисаҳои он сахт вобаста аст, онҳо дар давоми таърихи мавҷудияти худ барои маҳфуз доштани бисёрии ашёҳои он, бахусус, ашёҳое, ки дар назарашон хосияти сеҳромезӣ ва муъҷизаофарӣ доштаанд, роҳу воситаҳои

гуногунро ҷустуҷӯй мекунанд. Яке аз ин воситаҳо дар бораи онҳо офаридани ривоятҳои таърихӣ ва ба шахсиятҳои таърихӣ ё асотирӣ нисбат додани онҳо мебошад. Дарахту рустанӣ аз зумраи ин ашёҳо ҳастанд, ки аз даврахои қадим мавриди парастиши халқиятҳои гуногун қарор доштаанд.

Ихлосу эътиқоди зиёд нисбати рустаниҳо ва дарахтон пеш аз густариш ёфтани дини ислом ҳам дар ҳаёти маънавии мардум ҷой доштааст. Онҳо чун яке аз унсурҳои муҳими табиат ба рӯзгори инсонҳо аз рӯзи азал ҳамбастагии ногусастанӣ дошта, дар ҳаёти ҳамарӯзаашон аҳаммияти фавқулода бузургро касб кардаанд ва инсон нисбаташ ихлосу эътиқоди қаввӣ зоҳир намуда, онҳоро аз муқаддасоти олами ҳастӣ маҳсуб донистаанд.

Мардуми Кӯҳистони Бадахшон низ чун дигар халқҳо ба дарахт, махсусан арчаву чанор, ихлоси калон ва муҳаббати беандоза дошта, онро аз ҷумлаи ашёҳои муқаддаси табиат маҳсуб медонанд. Дар бораи ҳамешасабз будани дарахти арча ва дар назди Худованд азиз буданаш мазмуни ривояте, ки байни мардум интишор ёфтааст, маълумот медиҳад. Гӯё дар дасти Муҳаммад пайғамбар оби ҳаёт будааст. Ӯ аккаи алоро наздаш хонда гуфтааст, ки ҳамин оби ҳаётро мегирию, ҳар чизе, ки ба ту маъқул ояду раво бинӣ, онро ба сараш мерезӣ. Он чиз як умр ҷавону бехазон мемонад. Аккаи ало гашта-гашта болои теппа арчаи хушқаде мебинад, ки болояш барф боридаву дар шуои офтоб барфпораҳо ҷилвагарӣ мекарданд. Ин манзара аккаи алоро мутаассир намуд ва ӯ даҳонашро кушода садо мебарорад. Оби ҳаёт болои арча рехтааст. Арча якбора ранги сабз гирифта, аз ҳамон рӯз дар тамоми фасли сол ранги сабзашро нигоҳ медорад [43].

Замонҳои пеш мардум буридани арчаро гуноҳи азим ҳисоб мекарданд. Ба гуфти сокинони кӯҳансол онҳое, ки ба мақсади аз байн бардоштани зиёратгоҳҳо арчаҳоро нест кардаанд, ба фалокат дучор гаштаанд. Дар байни сокинони Ғорони ноҳияи Ишкошим бо мазмуни зайл ривояте маъмул аст, ки ҳамин ақидаро то андозае қувват медиҳад. Апхарв аз деҳаҳои воқеъ дар водии Ғорон (ноҳияи Ишкошим) буда, солҳои 50-уми асри сипаригашта сокинони онро ба водӣ кӯчонда, он ҷоро ба чарогоҳи ҳайвонот табдил

додаанд. Дар ҳамин макон ду бех арча қад афрохтаанд. Аз рӯи нақли маскунон гӯё онҳо бародару хоҳар буданд. Хоҳар дар баландӣ воқеъ буд ва бародараш дар пастхамӣ. Аз ин ҷиҳат хоҳар бародарашро надида, аз фироқаш хушк шуд. Лекин бародараш, ки доимо хоҳарашро медид, сабз монд. Аз шоххҳои арчаи хушкшуда шахсе ҳезум тайёр намуда, ба хона баргаштанӣ мешавад. Ногоҳ ҳар ду пояш аз кор мемонанд. Ҳангоми ба замин мондани ҳезум, пойҳояш ба ҳаракт медароянд. То вақтҳои охир дар он мавзеъ ҳангоми айлокравӣ аз пилта чароғ дармегиронданд ва он ҷоро зиёрат мекарданд [17].

Поёнтар аз қишлоқи Сипонҷи ноҳияи Рӯшон мавзее бо номи Савзпӯш вуҷуд дорад. Аз рӯи нақли сокинон дар он ҷо як арчаи калон қад афрохта буд. Раҷаббек ном шахс аз қишлоқи Басид онро сӯзондааст. Мардум мегуфтанд, ки барои ин кораш ба ӯ осеб хоҳад расид. Дере нагузашта (солҳои 1937) ӯро бо гуноҳе ҳабс карданд. Сабаби ба ин ҳол гирифтор шудани ин шахсро дар амалу муносибати норавои ӯ нисбати ин мавзеъ медонанд. Чунин ҳодиса амри воқеӣ дошт ё ҳодисаи тасодуфӣ буд, лекин эътиқоди мардум нисбати ин макон зиёдтар гашт.

Аз рӯи нақли сокини дигари деҳаи номбурда Авазбеков Мавлододи 60-сола гӯё дар мавзеи Савзпӯш ду бех арча вуҷуд доштанд. Ва бо амри ҳукуматдорони он давра (нимаи аввали асри XX) як бехи аз ҳамон арчаҳоро барои сохтумони клуби деҳа буртриданд. Ҳамон шаб бехи дуйум гӯё бе дахолати касе оташ гирифта сӯхтааст. Баъди ин ҳодиса ихлосу эътиқоди мардум нисбат ба ин мавзеъ бештар гардид [1].

Аз чи сабаб бошад, ки дар чунин ҷойҳои муқаддас арчаҳо ё чанорҳои кӯҳан қад афрохта, касе аз таърихи онҳо хабар надорад, ҳатто пиронсолон низ аз онҳо воқиф нестанд. Ба назар чунин мерасад, ки барои қавӣ гаштани эътибору нуфузи ҷойҳои муқаддас дар байни одамон ин аломату нишонаҳои дарахтон сабаб мешуданд. Аз мазмуни ин қабил ривоятҳо, аввалан ягонагии тасаввуроту ақидаҳои гӯяндаҳои гуногун оиди муродбахшии ин мавзеъҳо бозтоб шавад, баъдан дар бархе аз онҳо ба таври мухталиф баён ёфтани

эътиқодот дар нисбати баъзе аз ашёҳои табиат, ба мисоли арчаву чанорҳо мебошад.

Баъзе аз гӯяндаҳои ривоят сабаби «Сабзпуш» унвон гирифтани ин мавзеъҳоро дар арчаи ҳамешасабзи ин макон донанд агар, ба ақидаи бархе онро ба шахси бузурге, ки дар тан сару либоси забз доштааст ва дар ҳамин ҷой қадамгоҳ ё мазори ӯ ҷойгир аст, нисбат медиҳанд.

Дар Хуҷанди вилояти Суғд мавзее бо номи «Мазори савзпушун» низ вуҷуд доштааст. Доир ба ин макон байни мардум ривоятҳо интишор ёфтаанд, ки мазмуни онҳо далели гуфтаҳои фавқ мебошанд. Дар як нусхаи он оварда шудааст, ки «Пеш вахто дар кучаи устоён одаму хуна набудагӣ. Як одами бузург аз кучо омада дар болои як ғор каппа зада мешиштагӣ. Касбиш таққачигӣ будагӣ. Ҳамун вахто Машраб саёҳат кара ба Пунғоз мебиёд. Машраб ба пеши ҳамун одами бузург рафта мебинад, ки дар атрофи ғору каппаи вай одам ҳиҷ дарахт не. Сунӣ Машраб як бех кучати тут ёфта мешинонаду ба вай одам мегут, ки калун шавад дар сойиш мешинад. Вай одам сару тани сабз мепӯшидис.

Баъди мурданиш вай одама ба қабристони дуртари ҳамун тут гур мекунанд. Вай дурунангӣ тут ҳозир ниҳоят калон шудагӣ. Аз ҳамун вахт ҳамун тутро мазори сабзпушун мегӯянд» [35].

Дар ин нусхаи ривоят бошад, на дарахти арча, балки ба дарахти тут ишора рафтааст. Воқеан, дар чунин ҷойҳои муқаддас асосан дарахтоне амсоли арча, чанор, бед ва сада низ шинонда мешуданд.

Ба гуфти файласуф А. Шохуморов дар Кӯҳистони Бадахшон зиёратгоҳҳое, ки дар он ҷо санг бо равған ё шир молида мешавад, қариб дар ҳамаи мавзеъҳои аҳолинишин вуҷуд доштанд ва имрӯз ҳам боқӣ мондаанд. Чунин макони зиёратгоҳро «Хоҷаи сабзпуш» мегуфтанд. Ба ақидаи А. Шохуморов пайдоиши шахсияти асотирии Хуҷаи Хизр ва ҳамаи тасаввуроти асотирӣ дар нисбати ӯ аз Хоҷаи сабзпуш маншаъ гирифтааст. Хоҷаи сабзпуш бошад, дар дини ориёиҳо ҳомии ҳамаи барзгарон ҳисоб

меёфт ва ин симо баъд аз ҷорӣ шудани дини Ислом ҳам байни мардум боқӣ мондааст [207, с. 76].

Ҳамин гуна боварию эътиқоди мардум дар нисбати ин ашёҳои табиат боис шуд, ки онҳо бо номҳои шахсони бузург пайвастагии зич пайдо кардаанд. Мазмуни ривояти дигар гуфтаҳои фавқро маънидод мекунад. Дар ноҳияи Рӯшон дар мавзеи Лангар ду чанори азиме паҳлуи ҳамдигар қад афрохтаанд. Ҳар ду чанор аз ҷиҳати қаду ҳаҷм якранг мебошанд. Аҷибаш ин аст, ки ба монанди ин чанорҳо дар ягон навоҳии Кӯҳистони Бадахшон вуҷуд надорад. Аз рӯи ривояти мардум онҳо гӯё аз асои Носири Хусрав ва Шоҳтолиби Сармаст, ҳангоми сафарашон ба Бадахшон, сабзида қад афрохтаанд. Дар зери он чанорҳо оромгоҳи Шоҳтолиби Сармаст мебошад ва он солиёни дароз чун ҷойи зиёратгоҳи мардум қарор гирифтааст.

Дар Бардара ном деҳаи водии Бартанг се бех арчаи кӯҳансолу азимҷусса вуҷуд доранд, ки ҳар се бех барои сокинони деҳа муқаддас ҳисоб меёбанд, вале тамоми маросимҳои мавсимӣ-мазҳабӣ, назру ниёз ва худоиро дар зери арчаи мобайнӣ, ки он нисбати ду арчаи дигар кӯҳансолтар менамояд, иҷро мекунанд. Ба гуфти сокинони ин деҳа арчаи мобайнӣ аз асои Носири Хусрав сабзида ва он ду бехи дигар аз решаи он нумӯъ кардаанд. Дар гузашта мардум аз танаи хушкшудаи арча ба сифати ҳезум танҳо дар пухтани таомҳои маросимӣ истифода мебурданд. Дар иртибот ба ин гуфтаҳо ба як расми қадимаи мардуми Кӯҳистони Бадахшон ишора кардан бамаврид аст. То ҳанӯз мардум бегоҳии пеш аз иди Фитр ва иди Қурбон дар остонаи дари хона ё дар манзилгоҳи гузаштагон барои ёди арвоҳгонашон танҳо аз чӯби арча чароғакҳо даргиронда он ҷо мегузоштанд.

Абӯсаид Шохуморов ду сабаби муқаддас будани дарахти арчаро нишон додаст: «1. Это дерево символизирует в арийской религии вечную жизнь. 2. Древесина и ветки можжевельника содержат большое количество антибактериальных веществ и имеют приятный запах. Поэтому из них делают свечи, которые зажигают по праздникам и в дни траурных мероприятий, тем самым очищают дом» [207, с. 81].

Лекин дар хусуси муқаддас будани дарахти арча муҳаққиқ В. Охониёзов ба ранги вай – ранги сабз доштанаш ишора намудааст: «Дар хусуси хулосаҳои олимон оид ба муқаддас будани дарахти арча дар оину суннатҳои ақвоми эрониасл, инҷониб фикри хилофе надорад. Танҳо зикр кардан зарур аст, ки хосияти муқаддас буданро барои дарахти арча, дар баробари баъзе хосиятҳои дигари табииаш, маҳз ранг – ранги сабзи он эҳдо намудааст. Агар арча ҷовидона сабз намебуд, чунин эҳтирому эътиқоди мардумро пайдо намекард» [151, с. 42].

Ашёҳои табиат ҳамчун рамз дар ривоятҳо мавқеи муҳимро касб кардаанд. Ба воситаи ин образҳо орзуҳои самимӣ, эътиқоду ихлос, маърифати дарки муҳити зисту зиндагонии одамон дар ривоят инъикос шудааст. Дар қисми зиёди ривоятҳое, ки ба ин гурӯҳ шомиланд, пайвастагии басо диққатангези инсону табиат аён мегардад. Рамзҳо бо табиат ва бо муҳити зиндагии одамон алоқаи узвӣ дошта, дар ин мавридҳо рамз мавқеи аввалиндараҷа дорад.

Дар нисбати дарахти чанор ҳам мардум ихлоси калон зоҳир менамоянд.Чанор шохҳои парешону сояафкан дошта, барои дар таги он бофароғат дам гирифтан ҷои муносибе аст. Умуман чанор дар Кӯҳистони Бадахшон нисбати дигар намуди дарахт хеле кам ба назар мерасад. Он чанорҳое, ки дар баъзе манотиқи Бадахшон вуҷуд доранд, умри дароз дошта, ҳатто одамони солхӯрда ҳам пайдоиши ин намуди дарахтро дар ёд надоранд. Одамон мегӯянд, ки чанор мисли дигар дарахтҳои бемева, ба мисли бед, арча ва сафедор, хоси Кӯҳистони Бадахшон набуда, онро аз ҷои дигар овардаанд.

Дар бораи аҳаммияти чанор дар рӯзгори мардум ва ба образи бадеӣ табдил ёфтанаш фолклоршиноси маъруф Раҷаб Амонов дар таълифоташ мулоҳизаҳои арзишноке баён намудааст. Ӯ ишора мекунад, ки «Чанор ҳам дарахти бемева. Вай ҳам бед барин сояи форам дорад ва дар рубоиҳои халқӣ аз ҷиҳати истеъмоли номаш дар байни дарахтони бемева ҷои дуюмро ишғол

кардааст. Ин ҳодиса гувоҳӣ медиҳад, ки чанор образи машҳуру маъруф аст» [92, с. 175].

Шикастани шохи чанор, иллат ёфтани арчаҳо, ба мисли ҳама гуна ашёҳои нуқсондор ва зарардида рӯйдодҳои ногувор ва фоҷиаву фалокатборро нишон медиҳад.

Байти аввали рубоии халқӣ ҳамин фикрро тасдиқ мекунад:

Дарё ҷола, миёни дарё ҷола,
Дарё овард чанори панҷоҳсола. [92, с. 176]

Аз маънии мисраи дуйум бармеояд, ки чанор решакан шуда будааст. Шикастани дарахт низ ба рӯй додани ҳодисаи фалокатбор далолат мекунад. Решакан шудан ва шикастани сари чанори панҷоҳсола аз бузургии ҳодисаи рӯйдода гувоҳӣ медиҳад.

Ё рубоии дигар бо ин байт шурӯъ мешавад:

Ман хоб будам таги чанори пургул,
Бедор шудам, ки нола дорад булбул. [92, с. 177]

Дар «таги чанор хоб будан» маънои бо фароғат умр ба сар бурданро дорад. Дар зери сояи чанор ҳамчун дар иҳотаи волидону хешу табор бофароғат будан ва «бедор шудан» ба ҳодисаи ногаҳоние рӯ ба рӯ шудан – маҳрум шудан аз навозиши волидон ё дур афтодан аз хешу наздиконро ифода мекунад.

Муҳаққиқи фарҳанги мардум Д. Раҳимов дар асари худ бо номи «Чинори пургул» доир ба хусусияти жанрии ривоят хулосаҳои назарӣ дода, дар боари байни мардум маъруф будан ва мавқеи хос доштани ин намуди дарахт ишораҳои ҷолибе кардааст ва доир ба ҳамин байти рубоии зикргардида чунин ибрози назари худро мекунад. Ба ақидаи муаллиф «хоб будан таги чанори пургул» маънои масти ишқ, бепарво аз воқеият будани қаҳрамони лирикиро ифода мекунад. «Чанори пургул» бошад, рамзи ишқи зебо, рангину ширин аст. «Бедор шудам, ки нола дорад булбул» яъне аз

олами хобу мастӣ баргаштан ба воқеият ва ин булбул худи ошиқ – шахси зери чанор хобида мебошад» [159, с. 98].

Ба ҳамин монанд муҳаққиқ доир ба хусусият ва образи бадеии чанор дар асараш шарҳу таҳлилҳои дақиқро овардааст, ки мавқеи ин дарахтро дар ҳаёту рӯзгори одамон боз ҳам баръало нишон медиҳад.

Дар ин рубоиҳои халқӣ ба воситаи образи дарахти чанор, аз як ҷониб, тарафҳои таъсирноки зиндагии мураккаби инсон, мавқеи онҳо дар зиндагӣ нишон дода шавад, аз тарафи дигар, пайвастагии басо диққатангези инсону табиат инъикос мегардад.

Ҳар яке аз ин ашёҳои табиат дар тасаввури инсон рамзеро ифода мекарданд, ки он дар осори бадеии мардумӣ маҳфуз дошта мешавад. Маҳз хусусиятҳои хоси табиӣ доштани чизе ё ҳодисае ба рамзи бадеӣ табдил шудани онҳо боис мегардад. Арча худ як дарахти муқаддас ҳисоб ёфта, гӯё рамзи сарсабзии ҳамешагии рӯзгор ва бақои умри одамизодро ифода кунад агар, сояи ғафси чанори азим, бинобар салқину сабуку форам будани худ, чун рамзи роҳату фароғат дар тасаввури одамон буда, гӯё ҳамчун аз пойдориву устувории зиндагӣ ва рӯзгорашон нишона аст. Маҳз, бо ҳамин хосияту аломатҳои рамзии худ ин дарахтон дар ривоятҳои мардумӣ ба номи шахсони бузург нисбат дода мешаванд.

Ҳангоми шунидани ривоятҳо доир ба ашёҳои табиат на ҳама вақт мазмуни аслии онҳоро зери назар доштан лозим меояд. Чун инсон як ҳиссаи табиат аст, рӯзгорашон ба ашёву ҳодисаҳои он сахт алоқаманд буда, онҳо дар давоми таърихи мавҷудияти худ барои ҳифз ва маҳфуз доштани бисёре аз ашёҳои табиат дар бораи онҳо ривоятҳо меовариданд ва онҳоро ба шахсиятҳои таърихӣ ва асотирӣ нисбат медоданд. Ба ин восита одамон мехостанд номи ин шахсони бузург, яз як тараф, чун чашмаҳои мусаффову ҳаётбахш ва чанори бузургу арчаҳои ҳамешасабз ҷовидон боқӣ монад ва аз тарафи дигар, эътиқоди мардум нисбати ин ашёҳои табиат зиёдтар гашта, онҳоро поку беолоиш нигоҳ дошта, аз осебу зарар расонидан ба онҳо худдорӣ кунанд. Бадеият ва муҳтавои ривоят, ки дар баробари инъикоси

ҳодисаҳои таърихиву нимвоқеӣ ҳамчунин тобишҳои асотирӣ низ дар онҳо ҷой доранд, дар ҳамин аст.

## 2.3. Таҳқиқи ривоятҳо роҷеъ ба кӯлҳои Бадахшон

Воқеан, мардум аксари фалокатҳои табиат, ки сабаби харобӣ ва ҳатто аз байн рафтани деҳаҳои обод гардидаанд, аз зулму золимӣ, бедодгариҳои беҳади ҳокимону шахсони фитнагару фитнаҷӯй, ба сарвату зиндагии бофароғати худ мағрур ва аз ҳоли дигар атрофиён тамоман бепарво мебинанд. Ин маънӣ аз ривоятҳое, ки оид ба пайдоиши кӯли Сарез [34], Дурум [21], Ёрх [38] ва Шева [45] гуфта шудаанд, ба осонӣ дарк карда мешавад.

Тибқи ақидаи мардум ҳар як ҳодисаи нохуш ва фалокате, ки бар сари одамизод меояд, қаблан, ба рафтору кирдор ва кору амали худи онҳо сахт вобаста аст. Гӯё онҳо, агар аз пешомади ҳодисае огоҳӣ ёбанду ба хатоии ҷиддии содиркардаашон иқрор шаванд, онро метавонанд бо назру ниёз, худоӣ ва садақа пешгирӣ кунанд. Чунин аст мазмуни ривоят дар бораи кӯли Сарез: «Кӯли Сарез аз қишлоқи Вархези ҷамоати деҳоти Ванқалъа (ноҳияи Шуғнон) 75 км дурӣ дорад. Мардум чунин нақл мекунанд, ки дар давраҳои пеш сокинони қишлоқи Сарез хеле бой будаанд. Машғулияти асосии онҳо чорводорӣ ва зироаткорӣ будааст. Агар ба қишлоқи онҳо ягон кас меҳмон мешуд, онҳо қарзи меҳмондориро ба ҷо намеоварданд. Рӯзе дар қишлоқ як мӯйсафед пайдо мешавад. Ӯ ба аҳолӣ ҳар гуна корро ба ҷо меовардаст, вале онҳо ба ивази кораш ба вай фақат як бурда нон медоданд, ҳатто агар ба ягон хона даромада мемонд, ӯро аз хона пеш мекарданд. Мӯйсафед дар қишлоқи Сарез ҳашт рӯз меистад. Оқибат маҷбур мешавад, ки ба хонаи як кампире, ки танҳо зиндагӣ мекард, омадааст. Кампир дарав хеста як коса ширруган ва нони гарм оварда, назди муйсафед мегузорад, ӯро хуш пазироӣ мекунад. Меҳмон як пора нонро бо равған молида, мехӯраду дуои хайр карда, аз хона баромадааст.

Кампир дар бисоташ як хурӯс, як ғалбел ва як чархи ремонресӣ доштааст. Ӯ соҳиби як фарзанд низ будааст, ки аз рӯи гуфтаи воқифон ӯ то ҳанӯз зинда аст.

Ҳамон шаб кампир мӯйсафедро дар хоб дидааст, ки гуфтааст: «Пагоҳ баробари дамидани субҳ чизу чораатро бардошта, аз қишлоқ берун шавед». Баробари дамидани субҳ кампир хеста, ғалберу чархашро гирифта, ба болои кӯх баромадааст. Ӯ ба ақибаш нигоҳ карда дидаст, ки қишлоқро кӯл зер кардааст. Хурӯс фарёдкунон ба тарафи ӯ шино карда меомадаст. Сокинони қишлоқ ҳама зери об мондаанд» [34].

Аз рӯи санади таърихӣ моҳи феврали соли 1911 дар натиҷаи заминларзаи сахт қишлоқи Висой бо тамоми сокинонаш зери кӯҳпораҳои азим монда сарбанди калонеро ба вуҷуд овард, ки он маҷрои дарёи Мурғобро баст. Ба гуфти куҳансолон охирҳои фасли тобистон, ҳангоме ки мавсими дарав ба анҷом расида буд, қишлоқи Сарез ҳам, ки болотар аз ҷои фалокат воқеъ буд, мунтазам зери об монд. Доир ба таърихи пайдоиши кӯлҳои Дурум ва Шева ягон маълумоти дақиқи таърихӣ вуҷуд надорад. Лекин ҳаминаш маълум аст, ки онҳо низ дар натиҷаи офати табиӣ пайдо шудаанд.

Дар бораи пайдоиши ин кӯлҳо чанд нусхаҳои ривоят интишор ёфтаанд, ки онҳо аз лиҳози мазмун ба ҳамдигар монандӣ доранд. Дар ҳар чор нусхаи ривоятҳои дар бораи кӯлҳои Сарез, Шева, Ёрх ва Дурум гуфташуда мӯйсафед, кампир ва ашёҳои рӯзгор ба мисли хурӯс, ғалбел ва чархи ремонрес, ки дар бисоти кампир буданд, ёдовар шудаанд. Фақат қисми аввали ривоятҳо аз ҳамдигар фарқ доранд. Мазмуни қисмати охири ривоятҳо бо ҳам монанд ҳастанд – ҳамаи аҳолии деҳа нобуд мешаванд. Танҳо кампире аз қишлоқ баромада, ба қафояш нигоҳ мекунад, ки қишлоқ зери об мондааст. Хурӯсаш дар даруни ғалбел рӯи об шино карда, ҷониби ӯ меояд: «Дар рӯбарӯи қишлоқи Шидз (ноҳияи Рӯшон) аз тарафи соҳили чапи дарёи Панҷ қишлоқе ҳаст бо номи Ёрх. Рӯзе як шахс ба хонаи як кампир даромада гуфтааст: «Кампир, ту хеста, ба болои ҳамон кӯҳ баромада рав».

Вай ҳамроҳи наберааш баромада, ба Видор (ҷоеро гӯянд, ки дар поёноби пирях марғзор ё тусзоре бошад) рафтаасту хурӯс ва ғалбелаш дар хона мондаанд. Заминҷунбии сахт шудааст. Пагоҳ хеста дидааст, ки дар ҷои қишлоқ кӯли калон пайдо шудааст. Ғалбелаш дар мобайни кӯлу хурӯсаш болои он чеғ мезадаст. Дигар тамоми халқ дар зери об мондаанд» [21].

Кӯли Дурум низ ҳамин тавр ба вуҷуд омадааст: «Аз қишлоқи Роштқалъа каме дуртар дар болои Сежд ном қишлоқ кӯли Дурум ҷойнир аст. Гӯё замоне дар ҷои он қишлоқ будааст. Маскунонаш бисёр бой буда, зиндагии бофароғате доштаанд. Бой ки буданд, ҳамдигарро ҳурмат намекарданд. Як рӯз ҳангоми намози шом як мӯйсафед дар қишлоқ пайдо мешавад. Мӯйсафед аз хона ба хонаи дигар меравад. Ба ҳар хонае, ки медаромад, ӯро аз хона берун мекарданд. Охир меояд дар канори қишлоқ, ки кампире дар як ҳуҷра танҳо зиндагӣ мекард. Мӯйсафед дохили ҳуҷрааш мегардад. Мегӯянд, ки кампир ба ғайр аз ҳуҷраи танг, як буз ва хурӯс чизе надоштааст. Барои меҳмондорӣ кампир бузашро дӯшида, ширро пухта пеши меҳмон мегузорад. Мӯйсафед ширро нӯшида болои пустак хоб мекунад ва қаблан ба кампир гуфтааст: «Шаб, ки нисф шуд, ба болои шах баро». Кампир нисфишабӣ бедор шуда мебинад, ки мӯйсафед нест. Кампир ҳайрон мондааст, чанде хаёл мекунад, гапи ӯ ба ёдаш расид. Кампир хеста меравад. Хеле ҷои шахро тай мекунад, ки субҳ медамад. Кампир болои шах баромаду сӯи хонааш ба поин нигоҳ мекунад, ки ба ҷои қишлоқ кӯл ба вуҷуд омадааст. Ногоҳ мебинад, ки хурӯсаш дар даруни ғалбер рӯи об шино карда, ҷониби ӯ меояд. Кампир каме поин фуромада, хурӯс ва ғалберашро аз об гирифта, боз болои шах баромад. Ин шахро «Шахи Гаар» мегӯянд (номи он кампир Гаар будааст) мегӯянд Гаар болои шах чанде фиғон карда, ба тарафи Шохиризм ном қишлоқ рафта, ба мардум воқеаи рӯйдодаро нақл мекунад. Мардум он ҷо рафта мебинанд, ки ҷои қишлокро кӯл гирифтааст. Барои ҳамин он кӯлро ба номи он қишлоқ «Дурум» номидаанд» [21].

Бархе аз матнҳои ривоятҳо хусусияти нақлӣ дошта, ҳаҷман калон мебошанд. Онҳо баъзе ҳодисаҳо ва шахсони воқеиро инъикос мекунанд.

Масалан, дар байни сокинони деҳаҳои ноҳияи Рошткалъа Гаар ҳамчун кампири некхоҳу накӯкор мустаъмал гаштааст. Дар бораи кампири Гаар дар чанд ривояти дигар низ ишораҳо меравад. ва аз эҳтимол дур нест, ки ин симои бофтаву хаёлӣ набуда, шахси воқеӣ будааст. Ба ҳамин монанд дар нусхаи дигари ривоят доир ба пайдоиши кӯли Сарез ба ҷои кампир шахсе бо номи Натмит ёдовар мешавад, ки пас аз заминларзаи сахт дар қишлоқи Висой танҳо вай зинда мондааст. Азбаски Натмит суханони бардурӯғу бофта мегуфт, ҳамдеҳогони ӯ дигар ба гапаш бовар намекрданд. Бинобар ин дар деҳоти Бартанги ноҳияи Рӯшон имрӯз ҳам агар касе гаппардозӣ мекард, нисбати ӯ «ту ҳам Натмит будаӣ» гуфта, таъна мезананд. Аз ин ҷиҳат аз эҳтимол дур нест, ки Гаар ва Натмит симоҳои бофтаву хаёлӣ набуда, шахсони воқеӣ будаанд.

Дар Кӯҳистони Бадахшон миқдори зиёди кӯлҳои хурду бузург вуҷуд доранд. Вале на дар бораи ҳамаи онҳо ривоят гуфта мешавад. Маҳз дар бораи он кӯлҳое, ки дар натиҷаи заминларза ё дигар офатҳои табиӣ пайдо шудаанд, доир ба онҳо ривоятҳои мардумӣ интишор ёфтаанд ва ҳамаи онҳо қариб бо як мазмун гуфта мешавад. Инчунин доир ба кӯли Яшиккул, ки дар ноҳияи Мурғоб воқеъ аст, чанд нусхаи ривоятҳо дастрас гардидаанд, ки ин кӯл дар ривоятҳо баъзан бо номи кӯли Суман низ ёдовар шудааст. Аз рӯи мазмуни як нусхаи ривоят гӯё сарлашкари чинӣ Фу Де, ки аз Синсзян ронда шудааст, бо худ ба соҳили кӯл сандуқеро овардааст, ки дар он симу зари ғораткардаашро пинҳон доштааст ва онро дар соҳили ҳамин кӯл пинҳон мекунад. Аз рӯи ривояти дигаре гӯё аз кӯли на он қадар калони Оқбалик то кӯли Суман (ба фикри ин ҷониб кӯли Суман дар нисбати кӯли Булункул ё Яшиккул гуфта шудааст – О. Ш.) дарёи зеризаминӣ вуҷуд доштааст. Инро одамон аз рӯи он исбот кардаанд, ки боре аспи дар кӯли Оқбалик ғарқшударо дар кӯли Суман ёфтаанд (масофа байни онҳо тақрибан бист километр аст).

Доир ба кӯли Шева ҳам байни мардум ривоятҳо интишор ёфтаанд. Шева номи дараест, ки дар Бадахшони Афғонинстон воқеъ мебошад. Аз рӯи

ривояте гӯё замоне он ҷо деҳаи ободе будааст, вале дар натиҷаи заминларзаи сахт он ҷо кӯл ба вуҷуд омадааст. Ривояти дигаре доир ба кӯли Шева бо номи «Дахмаи шоҳон» вуҷуд дорад. Дар ин ривоят чунин омадааст: «Искандар ҳанӯз хурд будааст, ки бобояш Дорлои III ба ӯ гуфта буд, ки «Искандар, ман тамоми ин лашкарро ба ихтиёри ту месупорам. Дониста мон, ки оромгоҳи падару бобоёни мо дар Бадахшон аст. Мо то ҷон дар рамақ дошотем, онро посбонӣ намудем ва то ба замони ту расондем. Ту коре кун, ки он оромгоҳ дар таърих бе осеб монад».

Рӯзе Искандар бо лашкараш ба сафари Бадахшон мебарояд. Ба Шева ном ҷой расида, дар он макон оромгоҳи бобоёнашро ёфт. Ин ҷоро аз қадим «Дахмаи шоҳон» номидаанд. Искандар фикр карда, ба хулосае омадааст, ки дараи Шеваро аз пеш маҳкам кунад ва «Дахмаи шоҳон»-ро абадан зери об пинҳон кунад. Ӯ бо қувваи лашкараш аз ҳар ҷой қӯрғошим ҷамъ оварда, болои «Дахмаи шоҳон» об карда, онро рӯпӯш намуд. Баъд дарёро аз пеш маҳкам кард ва дар натиҷа кӯли Шева ба вуҷуд омад.

Гузаштагон гуфтаанд, ки понздаҳ чақрим (тақрибан 16 км) дуртар аз Шева шохобаш ба дарёи Панҷ ҷорӣ мешуд, ки дар қадим онро шохоби Аму мегуфтанд. Ҳамин шохоб аз Арахненз ном дар ҷорӣ шуда, дар Дарморахт (ноҳияи Шуғнон) ба дарёи Панҷ ҳамроҳ мешавад» [77, с. 67].

Доир ба кӯли Шева дар нусхаи дигари ривоят омадааст, ки Хӯҷаи Хизр гӯё аз қишлоқи Сипинз (ноҳияи Шуғнон) бо белчааш хоку сангро гирифта, ба тарафи Шева партофтааст ва он хоку санг маҷрои дарёро баста, кӯл пайдо шудааст. Барои тасдиқи ин амали Хӯҷаи Хизр чуқурии қишлоқи Сипинзро гувоҳ меоваранд [53, с. 20].

Аз ин гурӯҳи ривоятҳо бармеояд, ки онҳо аз як тараф ифодагари боварӣ ва эътиқоди мардум оид ба омилу сабабҳои ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаҳои гуногуни табиат ва ҷомеа бошанд, аз тарафи дигар дар ин гуна ривоятҳо мазмун ва маънии маҷозӣ низ ниҳон аст, ки аз рӯи он одамон ба корҳои хайру нек ҳидоят карда мешаванд. Ҳар кас бояд ба молу давлати хеш мағрур набошад, зеро он дар нисбати ақлу хирад бақое надорад. Ва ё агар

дили бечорагон дар муқобили ин боигарӣ озурдаву хор гардад, он бегумон завол хоҳад ёфт.

## 2.4. Таҳқиқи ривоятҳо доир ба сангҳо

Ривоятҳо ҳамчун қисме аз фарҳангу анъанаи мардуми Кӯҳистони Бадахшон ба шумор рафта, аз даврони қадим ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ то замони мо омада расидаанд. Ривоят ба унвони яке аз маъмултарин ва писандитариин навъи эҷодиёти даҳанакии мардумӣ дар фолклори тоҷик мақоми хосае пайдо намуда, аз ҷиҳати пайдоиш ба давраҳои гуногуни таърихӣ иртибот дорад. Ривоятҳо бештар дар асоси шарҳу эзоҳи этимологии калимаҳо ва тавзеҳу тафсири пиндоштҳо, тасаввурот ва нуқтаи назари мардум дар бораи мавзеъҳо, маҳалҳо, ёдгориҳои таърихӣ, ашёҳои табиат, шахсони асотирӣ ва таърихӣ ва ҳамчунин дар бораи ҳайвоноту наботот ва дигар ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият ба вуҷуд омадаанд.

Дар Кӯҳистони Бадахшон ривоятҳое интишор ёфтаанд, ки доир ба нақш ва сурат дар рӯи сангҳо, мубаддал гаштани одамону ҷонварон ба санг ва пайдоиши сангҳое, ки имрӯз онҳо ба зиёратгоҳҳо табдил ёфтаанд, маълумот медиҳанд.

Парастиши санг аз ҷониби маскунони сарзамини кӯҳистон ба мисли ихлос ба хоки диёру зодгоҳ ба умқи давраҳои хеле қадим рафта мерасад. Давраҳои қадим одамон ҳангоми сокини ягон мавзеъ шуданашон, қаблан, барои ба ҷо овардани расму оин ва маросими суннатӣ ҷоеро интихоб мекарданд, ки дар он ҷо ягон ашё ё чизе барояшон муқаддас вуҷуд дошта бошад. Маҳз ҳамин ашёҳо ба мисли дарахт, чашма ва санг, ки бо намуди зоҳириашон дар назари аввал хеле аҷиб менамуд, дар нисбати онҳо ихлосу эътиқод пайдо намуда, бо гузашти солҳо доир ба онҳо ривоятҳо низ пайдо шуданд.

Табиист, ки парастиши санг дар муҳиту шароити манотиқи кӯҳистон бояд омилҳои дигареро низ касб кардааст. Яке аз омилҳои хеле муҳим, ба назарам, аз водиҳо ба маҳалҳои кӯҳистон дар давраҳои гуногун (аз замонҳои

хеле қадим шурӯъ шуда) иҷборан фирорӣ шудани одамон аст. Санг чун болину сарпаноҳи нахустини онҳо буд. Ин нуқтаро нақлу ривояти зайл рӯшан бозгӯй мекунад: «Дар боло як чашма дорем, он ҷо баромадан хеле душвор аст. Он ҷо як санги калон вуҷуд дорад, ки онро чун болин истифода мебурданд. Он ҷо Кӯҳнапӯш ҷойгузин мешавад. Остон аввал дар ҳамон ҷо будааст. Аз Кӯҳнапӯш ҷои шонааш, ҷои сармониаш ҳам рӯи он санг нақш бастааст. Аз он ҷо баъд ба Лангар омада будааст, дар ҳамин ҷо ҷомаашро табдил мекунад» [5]. Аз ин матн, ҳамчунин, бармеояд, ки он фирориён дар ибтидо дар ҷои тамоман душворгузар, ки чашма (манбаи зиндагӣ) низ доштааст, маскан гузида, тадриҷан ҷои зисти доимиро интихоб карданд, ки он макон Лангар ном гирифт. Санг чун болину сарпаноҳи нахустини онҳо буд:

Имшаб чи шабе? Шабаки ҷавзо имшаб,
Оби дидаюм чу мавҷи дарё имшаб.
Ҳар шаб сари зулфи ёр болинум буд,
Болини мани носуда санг аст имшаб. [25]

Дар байти охири як варианти ин рубоӣ бошад, омадааст:

Ҳар шав, ки аз болини баланд хов мекардум,
Болини мани ғариб сангай имшаб. [26]

Чунин рубоиҳое, ки дар онҳо санг ба болини шахси ғарибу ноосуда табдилёфтаро акс кардаанд, кам нестанд. Ҳатто дар мисраи охири як рубоӣ таъкидан омадааст: «Рафтай ба ғарибиҳо дил баста ба санг» [30]. Ин мисраъ маънии амиқеро дар замир дорад. Чун маҳалҳои кӯҳистон паноҳгоҳи мусофирони ҳар давру замон қарор гирифтаанд, ҳар санги он низ барои онҳо арзиши махсус пайдо кардааст. Онҳо ба сифати зиёратгоҳи онҳо низ интихоб шудаанд. Чаро ки онҳо идомабахши насли авлоди онҳо гаштаанд [197, с. 68].

Барои сокинони манотиқи кӯхистон ҳамчун сарпаноҳ хизмат кардани сангҳо то солҳои охири асри сипаригашта ба назар мерасид. Дар баъзе

манотиқи Кӯҳистони Бадахшон мавзеъҳое бо номи Бойен ё Бойин вуҷуд доранд, ки яке аз ин мавзеъҳо дар қишлоқи Хабости ноҳияи Роштқалъа ва дигаре дар қишлоқи Дашти деҳоти Бартанги ноҳияи Рӯшон воқеъ ҳастанд. Дар ин мавзеъҳо сангҳои азим хобидаанд, ки онҳо чун паноҳгоҳ барои одамон хизмат мекарданд. Солҳои пеш хонаҳои маскунон болопӯш надоштанд ва ҳангоми боришоти зиёди борон дар хонаҳои онҳо аз шифти хона ба даруни хона об ҷорӣ мешуд. Одамон маҷбур мешуданд, ки муваққатан дар таги харсангҳои калон то ба охир расидани боришот рӯзу шабро гузаронанд ва онҳоро чун сарпаноҳ истифода мебурданд. Аз ин сабаб чунин мавзеъҳоро, ки аз сангҳои калон иборат буданду дар зери онҳо ҷойи паноҳгоҳ буд, «Бой» ё ки «Бойин» мегуфтанд.

Аз баъзе ривоятҳо пайдост, ки барои остон санге таъйин шудаанд, ки он санги муқаррарӣ набуда, ё ба назар аҷиб расидааст ва ё ягон аломати ҷолибе доштааст. Дар ин сангҳо панҷаи даст, изи сумби асп нақш бастаанд ва ё онҳо аз рӯи шаклашон ба чизе монанд хастанд. Аз ин бора, ба нақл дар бораи остони Ҳазрати Шоҳ мутаваҷҷеҳ мешавем: «Аз ин остон (деҳаи Вазнавди ноҳияи Рӯшон) остони дар боло воқеи Ҳазрати Шоҳ зӯртар аст. Он ҷо сурати одам ҳам аст. Онро ҳозир обод кардаанд. Онро дар аввал пайхас кардан душвор аст, лекин агар бо диққат ба он зеҳн монда шавад, сураташ ҳам, ришаш ҳам ва саллааш ҳам ба назар мерасад» [14]. Табиист, ки дар ибтидо худи ҳамин аломати рӯи санг, чун барояшон ҳодисаи фавқулода ба сифати саҷдагоҳ қарор дошт ва он ба гузашти айём, ба хусус, баъд аз барқарор гаштани дини ислом ин мавзеъ бо унвони «Ҳазрати Шоҳ» маъруф гашт.

Дар он сангу камари кӯҳҳое, ки изи пои аспу панҷаи дасти одамӣ, сурати морону аждаҳор ва дигар инсу ҷинс акс ёфта, онҳо имрӯз бо номи ашхоси бузург, намояндаҳои дину мазҳаб иртибот пайдо кардаанд, ба замонҳое тааллуқ доранд, ки инсонҳо нисбати онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, онҳоро мавриди парастиш қарор додаанд. «Панҷаи шоҳ» низ аз ин ҷумла аст. Ба нақли зерин дар бораи остоне, ки бо ин ном дар деҳаи

Баррӯшон воқеъ аст, зеҳн мемонем: «Панҷаи шоҳ ҳамин хел остон аст. Дар он ҷо як санге ҳаст калон ва дар он санг изи панҷаи шоҳ аст ва дар қадим онро остоне карданд ва вақте ки роҳ сохтанд, он остон аз байн рафт ва он сангро бошад ба ҷои дигар кӯчонда он ҷоро остон карданд» [12].

Донишманди закӣ Абӯсаид Шоҳхуморов дар таълифоташ «Памир – страна ариев» («Помир – кишвари ориён») аз хусуси осори оташкадаҳо, қурбонгоҳҳо, зиёратгоҳҳо ва манзалати онҳо дар рӯзгори мардум ақидаҳои илмиашро баён намуда, махсусан, мулоҳизаҳои олим дар бораи нақши панҷаи даст дар рӯи сангҳо, ки чун зиёратгоҳҳо бо унвони «Панҷаи Шоҳ» («Панҷаи Шоҳи Мардон») байни мардум эътибор пайдо кардаанд, аз ҳар ҷиҳат ҷолиб мебошанд [207, с. 72].

Дар деҳаи Дашти Андароб (ноҳияи Ишкошим) ривояте ба қайд гирифта шудааст, ки аз чанд ҷиҳат ҷолиб аст: «Танҳо медонам, ки замоне подшоҳгардиш шудааст ва кӯч-кӯч сар шуда ва Худованд онҳоро санг кардааст. Бибӣ Некзан дар айлоқ будааст ва баъд тӯфон мешавад ва вай бо бачаву качаи хеш ва ҳайвоноташ ба лаби кӯл омада, дар он ҷо аз қудрати ҳақ бо ҳамаи онҳо санг гаштааст. Шавҳараш бошад дар поёнтар дар пушт кулвори пур аз орд санг мегардад. Ба саволи «Шояд онҳо аз таъқиб ба ин ҷо гурехта бошанд?» Чунин ҷавоб гирифта шуд: – «Дар ҳақиқат, агар гирем, онҳо аз зулми кофирон ва қинкунии онҳо ба ин диёри мо кӯчида омадаанд ва чун боз кофирон наздик шуданд, онҳо боз санг гаштаанд» [11]. Аз ин нақли кӯтоҳи гӯянда, ки ба «Замони подшоҳгардиш», «кӯч-куч» ва «баъди тӯфон мешавад» ишораҳо ва ба давраҳои хеле қадим руҷӯъ шуда, ба санг табдил ёфтани фирориён, ки ин ҳодиса дар тафаккури мардуми пешин, ки он танҳо хоси як халқ нест, хусусияти қолабӣ пайдо кардааст, чандин мулоҳизаҳо пайдо мешаванд.

Миқдори ин қабил ривоятҳое, ки аз рӯи аломатҳои рӯи санг ва кӯҳ офарида шудаанд, хеле зиёданд. Дар ривояти боло ба ҳодисаи таърихие ишора шудааст, ки ба давраҳои хеле қадим тааллуқ доштанаш низ аз эҳтимол дур нест. Хусусияти асотирӣ пайдо кардани мазмуни он ҳам бесабаб

нест. Ин ҳолат мазмуни амиқи иҷтимоӣ доштанашро барҷаста бозгӯй мекунад. Ҳодисаҳое, ки дар ин ривоятҳо тасвир шудааст, маҳз гурезаҳо ҷойҳои душворгузари кӯҳистон – девлоххоро паноҳгоҳи худ интихоб намуданд ва аз ин сабаб бисёре аз остонҳо дар он ҷоҳое воқеъ гардиданд, ки имрӯз онҳо қариб дастнорасанд.

Арзи ҳастӣ кардани баъзе аз ин гурӯҳи ривоятҳо дар назари аввал содалавҳона намоянд ҳам, дар асл, барои онҳое, ки дараҷаи шуурашон дар сатҳи паст қарор дошт, табиӣ ва дар айни замон, ҳайратангез буд.

Дар Кӯҳистони Бадахшон миқдори ривоятҳое, ки вобаста ба нақши сумби асп рӯи санг ба вуҷуд омадаанд, хеле зиёданд. Имрӯз аксар ин нишонаҳо дар рӯи сангҳоро, ба мисли қисми зиёди ашёҳои табиат, ки ба номи шахсҳои бузурги таърихӣ насб шудаанд, ба номи аспи Ҳазрати Алӣ - Дулдул нисбат медиҳанд. Дар маҳалҳои гуногуни Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба ҳамаи шахсҳои таърихӣ остонҳое, ки ба номи Ҳазрати Алӣ (а) иртибот доранд, аз ҳама зиёдтар мебошанд. Дар деҳаи Дриж (ноҳияи Ишкошим) остоне бо номи «Наълайни муборак» ба забон омадааст ва сокини ҳамон деҳа онро «нишонаи аспи Дулдул аст» - гуфтааст [18]. Вале дар ҷо-ҷо номҳои қадимаашро нигоҳ доштаанд. Дар деҳаи Деҳ (ноҳияи Рӯшон) остоне бо номи «Ворҷостон» - (айнан: Аспостон) вуҷуд дошта бошад, дар ҷамоати Сежд (ноҳияи Роштқалъа) мавзее бо номи Ворҷбиδ (изи пои асп) ёд мешавад. Дар ҷамоати деҳоти Сохчарв (ноҳияи Шуғнон) ва деҳаҳои атроф остоне бо номи Пири Нутман(д) хеле маъруф аст, ки он дар болои деҳаи Зевардашт дар пуштакӯҳ воқеъ буда, дар чанд ҷои Сохчарв мақомгоҳи он вуҷуд дорад. Сокини деҳаи Чохкандиз (ноҳияи Шуғнон) аз хусуси остони Пири Нутман нақл карда, аз ҷумла гуфтааст: «Дар он ҷо изи сумби аспи пири Нутман аст» [7]. Дар мавриди шарҳу тафсири ин қабил мавзеъҳо, ба назарам, ҳамчунин эътиқоду ихлоси одамонро нисбат ба асп ҳам зери назар бояд гирифт, чаро ки аз рӯи як ривоят асп қабл аз офарида шудани одам вуҷуд дошта, ба таъбири ривояти дигар вай аз ҷумлаи аввалин ҳайвонот будааст, ки мунисӣ одамон гаштааст. Бо ин номҳо, агарчи дар бисёр мавзеи

Кӯҳистони Бадахшон остонҳо бошанд ҳам, лекин онҳо имрӯз байни мардум эътибори зиёд надоранд. Ин ҳолат шояд ба воқеияти онҳо алоқаманд бошад.

Дар қишлоқи Вери ноҳияи Шуғнон низ ба ҳамин монанд санге вуҷуд дорад, ки дар он изи суми асп нақш бастааст. Аз рӯи ривояти мардум дар давраи қадим гӯё Ҳазрати Алӣ бо аспаш Дулдул аз он ҷо гузашта, ҷои суми аспаш боқӣ мондааст. Мардум он ҷоро остон қабул карда, онро остони «Сумби Дулдул» ном мондаанд [77, с. 235].

Доир ба ишораҳои фавқ солҳои 80-уми асри гузашта А. З. Розенфелд ва М. А. Колесников аз хусуси баъзе навиштаҳо ва аломатҳои рӯи санг чанд мақола ба табъ расонда, зимнан, ба мавқеи ҷойгиршавии чанде аз зиёратгоҳҳо, аз ҷумла зиёратгоҳҳое, ки дар мавзеи Лангар (ноҳияи Рӯшон) ва дар деҳаи Имом (ноҳияи Шуғнон) ҷойгиранд, ишора карда, намунаи ривоятҳои дар бораи онҳо гуфташударо зери назар гирифтаанд [176, с. 88-95].

Мундариҷаи ғоявии баъзе ривоятҳо ақидахои мухталифи мардумро оид ба ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият ба вуҷуд овардааст. Дар қисми муҳимми ин ақидаҳо панду ҳикмате нуҳуфта аст. Ба ақидаи мардум иддае аз ҷонварони олами табиат аз носипосӣ ва мунофиқӣ нисбати соҳибонаш бо ҳукми Худованд ба санг табдил ёфтаанд. Чунин маънӣ аз ривояте, ки байни сокинони водии Вахони ноҳияи Ишкошим маъмул аст, ба назар мерасад. Аз рӯи он гӯё замоне саиде бо шутураш ба айлоқ рафтааст. Ногоҳ шутур соҳибашро зада куштааст. Мардум дар ҷустуҷӯи соҳибаш шуда, аз дур онҳоро ба сурате мебинанд, ки гӯё соҳиби шутур дар паҳлуяш хоб рафта бошад. Наздик омада мебинанд, ки шутур ба ҳукми худо ба санг табдил ёфта ва соҳибаш мурдааст. Аз ҳамон рӯз он сангро шутурсанг номидаанд. Ин санг, ки дар мавзеи Ямг ҷойгир мебошад, воқеан, ба шутур бисёр монанд аст [77, с. 233].

Мувофиқи муҳтавои бисёре аз ривоятҳо дар аҳди бостон инсон ва ҳайвонот бо сабабҳои гуногун ба санг табдил меёфтанд, ки осор аз онҳо имрӯз ҳам дар бисёр ҷойҳо вуҷуд доранд. Масалан, хурӯсе, ки дар баландии

қуллаи кӯҳе дар ноҳияи Роштқалъа мавҷуд аст, чашмаи Биби Фотимаи Заҳро, мавзеи Чилдухтарон дар Муъминобод ва ё «Аждаҳорсанг» аз ҷумлаи чунин мавзеъҳо мебошанд, ки доир ба онҳо ривоятҳои зиёд интишор ёфтаанд.

Ақидаҳои анимистӣ ва тотемистӣ, ки ба воситаи ривоятҳои аз байни мардуми Бадахшон гирдомада пеши назар меоянд, бори дигар собит мекунанд, ки ин мардум бовуҷуди аз замонҳои хеле қадим дар дараю водиҳои душворгузар сукунат доштанашон бо дигар халқҳои сарзамину кишварҳои дуру наздик дар пайвастагӣ ва алоқа будааст. Ин қабил ривоятҳо аз бисёр ҷиҳат ҳамрангу ҳамсанг будани ҳаёти моддӣ ва маишии мардуми Бадахшон ва баъзе халқҳои дигарро нишон медиҳанд.

Тибқи асотири қавму қабилаҳои кишварҳои дигар ҳам мор – аждаҳор яке аз образҳои маъмул будааст. Аз ҷумла, дар Африқо худои Фаро ва дар Хитои қадим олиҳаи Пангу бо намуди зоҳириашон ба мор шабоҳат доштаанд. Ғояи мубориза қаҳрамонони асосии асотир махсусан дар осори Мисри қадим таҷассум ёфтаанд, ки дар муборизаи доимӣ байни Офтоб ва мори Апоп намудор мегардад [114].

Ба ҳамин маънӣ байни сокинони Куҳистони Бадахшон нусхаҳои ривоятҳое, ки дар бораи «Аждаҳорсанг» тафсир медиҳанд, интишори васеъ доранд. Яке аз чунин аждаҳорсанг, воқеъ дар деҳаи Ширгини ноҳияи Ишкошим, аз қадим боз на танҳо дар Вахон, балки берун аз он ҳам машҳур аст. Аз рӯи ривоят ин санг гӯё замоне аждаҳо будааст, ки одамонро мехӯрдааст. Бо қудрати Худованд ин аждаҳоро паҳлавоне сар бурида, он ба санг мубадал гаштааст [77, с. 141]. Санг бо шаклу намуди зоҳириаш ба аждаҳо хеле шабоҳат дошт, лекин одамон дар тӯли солҳо ба хотири он ки сангчаҳои он ба ҳар гуна бемориҳо даво мебахшад, аз ҳамон аждаҳосанг пораҳоро шикаста бо худ мебурданд ва имрӯз он аждаҳосанг қисман вайрон шудааст.

Монанди ҳамин аждаҳосанги дигар дар мавзеи Бозордараи ноҳияи Аличор, деҳаи Синдеви ноҳияи Роштқалъа ва деҳаи Вознавди ноҳияи Рӯшон

воқеъ ҳастанд, ки дар бораи онҳо ҳам ба ҳамин мазмун ривоятҳо байни мардум паҳн гаштааст ва баъзан он ҳодисаҳоро ба Ҳазарати Алӣ, ки мардумро аз аждаҳо халос намудааст, нисбат медиҳанд [77, с. 232, 246].

Дар бораи дашти Зӯрозимой, ки дар ноҳияи Шуғнон мавҷуд аст, ривояте боқӣ мондааст, ки аз рӯи он гӯё замоне хитоиҳо ба Шуғнон лашкар кашида, ба ин дашт расида, саркардаи онҳо амр медиҳад, ки ҳар як сарбоз яктоӣ сангро гирифта, дар як ҷо партоянд ва дар бозгашт боз аз ин тӯда он сангро бардошта бигиранд. Баъди ҷанг сарбозони зиндамонда баргашта, аз тӯда яктоӣ санг бардоштаанд, вале боз тӯдаи калони сангҳо боқӣ мемонанд. Ин он маъно дошт, ки соҳибонашон дар муҳориба кушта шудаанд. Дар ин ҷо то ҳанӯз ин тӯдаи сангҳо хобидаанд.

Аз рӯи мазмуни нусхаи дигари ҳамин ривоят бошад гӯё дар замони қадим Беҳмани Кӯҳистонӣ ва амир Ҳамза дар ин ҷо бо ҳам муҳориба кардаанд ва чун ҳеҷ кадоме аз онҳо мағлуб нагаштааст, даштро Зӯрозимой ном ниҳодаанд. Дар ин дашт сангҳои кулӯлаи даҳманӣ ва аз ин ҳам вазнинтар то ҳанӯз боқӣ мондаанд, ки ҳар як паҳлавон бояд онҳоро боло мебардошт ва қувваташро месанҷид [63, с. 14].

Вобаста ба ҳамин ривоят дар Ёгед (ноҳияи Дарвоз) расме барқарор аст. Дар ин деҳа санге ҳоло ҳам вуҷуд дорад, ки онро фақат дар айёми Наврӯз истифода мекарданд. Он санг сӯрохӣ дорад, ки ангушти одам дар он ҷо мегунҷад. Ба он сӯрохӣ ангушт меандохтанд ва қувваи худро месанҷиданд ва агар касе бо як ангушт онро мебардошт, ғолиб ҳисоб мешуд [209, с. 146].

Гурӯҳи махсуси ривоятҳои доир ба сангҳо нақлҳоеро ташкил медиҳанд, ки дар онҳо тасаввуроти қадимии одамон инъикос гаштааст. Ин ривоятҳо ба таври генетикӣ бо асотири давраи қадим алоқаманд буда, баъзан тасаввуроти қадимаи одамонро дар худ маҳфуз мондаанд. Одамон тавассути чунин ривоятҳо фикру ақидаҳои худро нисбати ба вуҷуд омадани сангу кӯхпораҳои азим шарҳ медоданд. Аз рӯи мазмуни бархе аз ин гурӯҳи ривоятҳо чунин ба назар мерасад, ки дар гузаштаи дур дар ин макон

одамони азимҷусса мезистанд, ки бо қувваи ғайричашмдошт сангҳои даҳманӣ ё кӯхпораро ба ҳар тараф ҳаво медоданд. Чунин ҳаст мазмуни яке аз ривоятҳо, ки гӯё боре яке аз чаҳор қаландарони машҳур Шоҳбурҳони Валӣ болои тахтасанге, ки ҳозир ҳам дар гӯшаи мавзеи Лангари ҷамоати Теми шаҳри Хоруғ ҷойгир аст, намоз мехондааст. Рафиқу ҳамсафараш Сайид Шоҳмаланг аз он соҳили дарё ӯро дида, барои шӯхӣ санги калонеро дар фалахмон монда, ба сӯи Шоҳбурҳони Валӣ ҳаво медиҳад. Санги азим андаке дуртар аз Шоҳбурҳон ба замин меафтад. Он санг ҳоло ҳам вуҷуд дорад ва мардуми Тем онро «виздоҷжир» (санги фалахмон) меноманд [53, с. 14].

Ё аз рӯи ривояти дигаре гӯё Ландаҳур аз тарафи соҳили чапи дарёи Панҷ санги калонеро бо фалахмон ба сӯи Хуҷаи Хизр ҳаво медиҳад. Он санг ба Хуҷаи Хизр намерасад ва ӯ дар навбати худ бо белча хокро гирифта ба сӯи Ландаҳур мепартояд ва дар ҷое, ки Ландаҳур истода буд, он белчаи хок аз болояш ба теппаи сангин табдил ёфтааст. Он сангтеппа дар мобайни қишлоқи Наводаки Афғонистон воқеъ аст ва мардум онро гӯри Ландаҳур ном мебаранд. Ба монанди ҳамин дар байни сокинони қишлоқи Сохчарви ноҳияи Шуғнон дар бораи ду санги калоне, ки он ҷо вуҷуд доранд, ривояте ҳаст, ки яке гӯё кулоҳи Ландаҳур ва дигаре «виздоҷжир» - санги фалахмони ӯ будааст. Дар баробари ҳамин мавзеъ, дар тарафи соҳили чапи дарёи Панҷ бошад сангтеппаи калоне бо номи гӯри Ландаҳур воқеъ аст.

Аксари кулли ривоятҳое, ки байни сокинони Кӯҳистони Бадахшон интишор ёфтаанд, хусусияти таърихӣ доранд. Лекин қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи санаду далелҳое, ки дар он ҷо зикр мешаванд, ҷавобгӯи дурусти асли воқеаву санаҳои таърихӣ нестанд. Албатта, чунин санаду маълумотҳои тахминӣ ва хилофи ҳамдигар аз салиқаю дониш ва ба муносибати шахсии ҳар як гӯянда нисбати воқеият вобаста аст. Вале қисми муҳимми ҳодисаҳое, ки дар ин ривоятҳо тафсир ёфтаанд, бебунёд нестанд. Онҳо асоси воқеӣ доранд. Аз рӯи мазмуни бархе аз ривоятҳо чунин ба назар мерасад, ки дар давраҳои пеш қисме аз сарзамини Кӯҳистони Бадахшон дар

тасарруфи ҳокимони Чин будааст: «Дар соҳили баланди кӯли Суман (Яшиккул) сандуқи сангин истодааст. Он сандукро гӯё сарлашкари чинӣ Фу Де, ки аз Синцзян ронда шудааст, бо худ ба соҳили кӯл оварда дар он симу зари ғораткардаашро пинҳон кардааст».

Аз рӯи нақли дигар гӯё Фу Де, ки аз таъқибкунӣ ба ҳалокат омада буд, дар он сандуқ васиятнома гузошта, худашро ба кӯл ғарқ мекунад. Асоси воқеӣ доштани ин ривоятро гуфтан амри маҳол аст. Аммо он сандуқи сангин то кунун мавҷуд аст [53, с. 30].

Мардум аксари ҳодисаҳои табиат, ки сабаби ба харобазор ва аз байн рафтани зару зевар ва бойгарӣ гардидаанд, аз зулму золимӣ, бедодгариҳои ҳокимону шахсони ба сарвату зиндагии бофароғати худ мағрур ва аз ҳоли дигар атрофиён бепарво мебинанд. Ин маънӣ дар ривояти бо номи «Чодартах» ба осонӣ дарк мешавад. Маънои чодартах дар забони шуғнӣ санги чодар аст. Ин санг аслан кӯҳпораи азим буда, дар водии Аличори ноҳияи Мурғоб ҷой гирифтааст ва аз рӯи ривоят он гӯё заррае аз боигарии Қорун будааст, ки ба ҳукми худо онро замин фурӯ мебарад. Зери чодар танҳо пашми гӯсфанд боқӣ мемонад, ки он ҳам оқибат ба санг табдил меёбад [53, с. 16].

Маскунони сарзамини кӯҳистон аз даврони қадим ба воситаи сангҳо ва ё теғаи кӯҳ инчунин ҳаракати офтоб ва рӯзҳои солро муайян мекардаанд. Дар мавзеъҳои Кӯҳистони Бадахшон ҳанӯз аз давраҳои қадим расадхонаҳои сангин боқӣ мондаанд, ки онҳоро имрӯз “сангҳои тақвимӣ” ё “сангҳои офтобӣ” ном мебаранд. Чунин тақвимҳои сангин дар деҳаҳои Хуф, Равмед ва Савноби ноҳияи Рӯшон, ноҳияи Шоҳдара, мавзеъҳои Рин, Зумудг, Зугванд, Ямги ноҳияи Ишкошим вуҷуд доранд, ки аз ин бора мардумшиносон ва бостоншиносон М. С. Андреев [93, с. 162], И. Муҳиддинов [142, с. 137], М. А. Бубнова [105, с. 17-26] дар таълифоти худ маълумоти муфассал додаанд.

Маъмултарин тақвими сангин тақвими донишманди маъруфи охири асри XIX ибтидои асри XX Сӯфӣ Мубораккадами Вахонӣ мебошад. Доир

ба ин тақвим Н. Шакармамадов [198, с. 18-20], А. Шоинбеков ва Ш. Юсуфбеков [209, с. 35-36] дар китоби худ маълумоти пурра додаанд.

Ҳамчунин дар Помири Шарқӣ ноҳияи Мурғоб тақвими сангин мавҷуданд, ки онро “Тақвими офтобӣ” мегӯянд ва ҳазорсолаҳо пеш аз мелод арзи вуҷуд кардаанд [105, с. 22-25].

Ривоятҳо доир ба сангҳо на фақат хусусияти иттилоотӣ доранд, онҳо аз ҳар ҷиҳат баёнгари бисёр расму оин ва маросимҳои суннатии мардуми кӯҳистон низ мебошанд, ки онҳо бо баъзе вижагиҳо бо расму оини дигар халқият шабоҳат доранд. Масалан, дар деҳаи Бароҷи ноҳияи Рошткалъа мавзеест бо номи «Жирwеδд-дара» (айнан, сангпаронӣ дара) вуҷуд дорад. Сокинони ин деҳа дар фасли баҳор «Иди ҷӯйбори Шоҳ Бурҳони Валӣ»-ро қайд мекунанд. Тарзи тайёрӣ дидан ва гузаронидани ин «ид» дар таълифоти Н. Шакармамадов муфассал дарҷ гардидааст [198, с. 79-80]. Баъди таъмиру тоза кардани рӯдхона ҷавонону калонсолони деҳа ба ҳамин мавзеъ мерасанд ва то ғуруби офтоб ба бозии «жирwеδдак» (сангпаронӣ) машғул мегарданд. Онҳо бо навбат сангчаҳоро гирифта ба тарафи таъйиншудаи баландии кӯҳ аз болои рӯдхона ҳаво медиҳанд ва санги касе ба нишон расад, ғолиби бозӣ дониста мешавад.

Чунин расм ба яке аз маросими ҳатмӣ, ки ҳангоми ҳаҷҷи муккарама дар Макка баргузор мешавад, шабоҳат дорад. Ҳоҷиён дар дашти Мино ба таври рамзӣ ҳафт дона санг ба тарафи се сутун “Ҷамрат-ал-сағрӣ”, “Ҷамрат-ал-васатӣ” ва “Ҷамрат-ал-кабирӣ”, ки ин сутунҳо гӯё нишонае аз шаётин ҳастанд, ҳаво медоданд. Онҳо ба ин восита ҳодисаеро аз зиндагии Иброҳим (а) ба хотир меоранд. Дар ин дашт Иброҳим (а) писари ягонааш Исмоилро қурбонӣ карданӣ мешавад ва ба тарафи Шайтон сангҳоро ҳаво медиҳад, то ки аз васвасаи Шайтон, ки ба қурбонӣ кардани писараш монеа мешуд, халосӣ ёбад.

Дар ҳар ду маврид ҳам, баъд аз сангпартоӣ дар дашти Мино дар рӯзи дигар Иди Қурбон баргузор мегардад ва ҳамчунин дар «Иди ҷӯйбори Шоҳ

Бурҳони Валӣ» дар болои рӯдхона низ қурбонӣ (забҳи бузу гӯсфанд) ба ҷо меоварданд.

Бояд хотирнишон кард, ки дар баъзе манотиқи ҷумҳурӣ занҳои тоҷик ҳангоми пухтани таоми наврӯзӣ суманак чунин сангчаҳоро, ки миқдорашон ҳафт адад аст, ба дег меандозанд, ки рамзи фаровонӣ ва файзу баракат ба шумор меравад. Аз рӯи маълумоти Н. Шакармамадов сангчаҳоеро, ки дар назди остон мегузоштанд, «онҳо дар ибтидо аз ҳафт дона иборат буда, ҳар яки онҳо ранги алоҳида доштаанд ва ин гуна сангчаҳо дар рӯи аксари сангҳои барои остон интихобшуда гузошта мешуданд. Ин сангчаҳо бо миқдору рангҳои худ вобаста ба ривояти оиди пайдоиши оламу одам дар рӯзгори мардум ба гузашти айём маъниҳои гуногуни рамзӣ пайдо намудаанд. Аз ҷумла, дар тасаввури қадимии одамон осмон (сипеҳр ё фалак) аз ҳафт табақа иборат буда, ҳар кадоми онҳо мадори яке аз ҳафт сайёра мебошанд ва ҳафт ранги гуногун ба ҳафт сайёра нисбат дода мешавад: сиёҳ ба Зуҳал, ҷигарӣ ба Муштарӣ, сурх ба Миррих, зард ба Офтоб, сафед ба Зӯҳра, кабуд ба Аторуд ва сабз ба Моҳ» [197, с. 66].

Парастиши санг аз ҷониби маскунони сарзамини кӯҳистон, ба мисли ихлос ба хоки диёру зодгоҳ ба қаъри даврaҳои хеле қадим рафта мерасад. Албатта, парастиши санг таърихи куҳан дорад ва танҳо мансуби маскунони Кӯҳистони Бадахшон набуда, он ба дигар мардуми эронитабор ва халқу қавмҳои дигар низ хос мебошад. Дар сураи «Марям» гуфта шудааст: «Он гоҳ аз падараш мепурсад: Эй, падар, чаро чизеро ки намешунавад ва намебинад ва на ҳеҷ ниёзе аз ту бар меоварад, мепарастӣ» [55, с. 241]. Маълум мешавад, ки парастиши санг то замони падари Иброҳими Халилуллоҳ расм будааст ва ин расмест, ки решааш дар ниҳоят қадим аст. Ин ҳамон санги сиёҳи маъруф – «Ҳаҷар-ул-асвад» ва муқаддаси Каъба аст, ки имрӯз ҳам аз саҷдагоҳи асосии мусулмонони олам қарор дорад.

Дар иртибот ба ишораҳои фавқ ривоят дар бораи «Мазори кӯдакон» ҳаст, ки вай мазмуни ривояти ба қурбонӣ бурдани Ҳазрати Иброҳим фарзандаш Исмоилро ба хотир меоварад: «Дар айлоқи Зеле Намадгути Боло

(ноҳияи Ишкошим) як мазори овозадор аст. Вайро мазори кӯдакон меноманд. Аз рӯи ривоят ҳафт кӯдакро ба ин ҷо барои сар задан меоваранд. Онҳоро назди як санги сафед оварда, гирдашон одамони зиёд ҷамъ мешаванд. Дар ин асно гӯсфанде аз ғайб пайдо шуда ба ҷои кӯдакон вайро сар мебуранд ва хуни ҳамон гӯсфандро ба он санги сафед мечаконанд» [9]. Табиист, ки ранги сурхи он санг сабаби парастиш ва пайдо шудани ривоят доир ба он гаштааст.

Ҳар яке аз ин амалҳои ба санг иртиботдошта, таърихи куҳани мардуми кӯҳистонро нишон медиҳанд. Ҳангоми ҷашни Наврӯз дар Кӯҳистони Бадахшон оини «обдуздӣ» иҷро мешуд, ки тибқи он пас аз пур кардани кӯза ё ашёи дигар аз об ба даруни он сангчаҳо ва майсаро партофта, сангчаҳоро тариқи равзан ба хона мепартофтанд. Пас аз он сангрезаҳоро ба умеди серҳосилии замин ё зиёд шудани мева ва сарсабзу хуррамӣ, ба зери дарахти мевадор ё худ замини корам мепартофтанд.

Дар баробари ин дар ҷашни Наврӯз духтарон як навъи бозиро бо сангчаҳо, ки шумораашон аз се то панҷ адад буд, ба анҷом мерасонданд. Ин бозиро тарзе иҷро мекарданд, ки гӯё чорворо дохили оғил менамуданд. Ин бозӣ низ ба хотири зиёд гардидани шумораи чорво анҷом дода мешуд. Бояд қайд кард, ки танҳо дар иди Наврӯз ва ё даъвати борон ҳамин бозиро ба иҷро мерасонданд. Дар дигар мавридҳо ин намуди бозӣ манъ буд. Мардум бовар доштанд, ки агар ин бозиро иҷро мекарданд, ҳатман борон меборид. Дар айлоқҷой бошад, қатъиян манъ буд, ки бо сангчаҳо бозиро ба иҷро расонанд. Ба хотире, ки пои чорво нашиканад ё чорво несту нобуд нашавад.

Дар баъзе ҷойҳо бошад, ҳангмои пухтани боҷ, яке аз хӯрокҳои маросимӣ, сангчаҳоро дар лаби оташдон, ки дар забони шуғнонӣ онро «ʒӣнгак» мегӯянд мегузоштанд. Ин амал низ ба умеди зиёд шудани чорво ва ҳосили фаровони замин ба анҷом расонда мешуд. Бояд қайд кард, ки суннатҳои вобаста ба санг алоқаманд таърихи қадима дорад.

Дар асоси ин андешаҳо на танҳо фарҳанги қадимии халқу миллат, балки тасаввуроти мадании одамони ибтидоӣ низ ошкор карда мешавад.

Дар Бадахшон натанҳо дар Наврӯз, балки ба ғайр аз он ҳам бисёр расму оинҳоро дар алоқамандӣ бо санг ба анҷом мерасонданд. Ҳар яке аз ин амалҳо таърихи қуҳан ва фарҳанги волои мардумиро нишон медод. Фолклоршинос Н. Шакармамадов аз рӯи мушоҳидаҳояш ин расму оинҳоро чунин маънидод карда буд: «сарчашма» – рамзи манбаи зиндагӣ, «сабза» – нумӯи зиндагӣ, «санг» – бақои рӯзгор, «дарахт» – пойдорӣ ва устувории зиндагиро ифода мекарданд. [197, 64]

Чунин расму таомулҳои мардумӣ аз бисёр ҷиҳат ҳамрангу ҳамсанг будани ҳаёти моддӣ ва маишии мардуми Бадахшон ва баъзе халқҳои дигарро нишон медиҳанд. Онҳо бори дигар собит мекунанд, ки ин мардум бовуҷуди аз замонҳои хеле қадим дар дараю водиҳои душворгузар сукунат доштанашон бо дигар халқҳои сарзамину кишварҳои дуру наздик дар пайвастагӣ ва алоқа будааст.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқи ривоятҳо дар бораи ашёи табиат ба хулоса омадем, ки ривоятҳоро равшангари муносибатҳои таърихи тӯлонии одамон нисбати ҳамдигар ва ба олами мавҷудоте, ки онҳоро иҳота кардааст, маънидод кардан мумкиин аст. Вобаста ба ин, ривоятҳо донишу биниш, марому матлаби табақа ва синну соли гуногуни одамон буда, дараҷаи дарку маърифати ашё ва ҳодисаҳои табиат ва воқеаҳои таърихиро аз ҷониби онҳо бозгӯй мекунанд.

Ривоятҳое, ки доир ба ашёҳои табиат, аз қабили чашмаву дарахтҳо ва сангҳо гуфта мешаванд бо расму оинҳо ва маросими суннатии сокинони манотиқи кӯҳистон дар ҳамбастагии зич қарор ёфта, баёнгари афкори фарҳангӣ ва фалсафии мардум мебошад. Маҳз ҳамин ашёҳои табиат дар аксари расму оинҳои мардумӣ то ба имрӯз вазифаи муҳим мебозанд.

Маълумоти шифоҳии ривоятҳо дар тафсиру тавзеҳи ягонагии тасаввуроту ақидаҳои қадимии халқҳои гуногун дар бораи ашёву ҳодисаҳо аз манбаъҳои муҳим қарор мегиранд. Зеро ба воситаи ин гуна маводҳо нафақат доир ба тасаввуроту ақидаҳои қадимии як халқ ё қабилаҳои ҷудогона, балки чандин халқу қавмҳо дар нисбати ашёву ҳодисаҳои табиат

ва фавқуттабиӣ маълумоти комилтар пайдо кардан мумкин мегардад. Чунин ақида ва тасаввуроти одамон замоне пайдо шуда, тавассути асотиру ривоят шакл гирифтаанд.

# БОБИ III

# ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР РИВОЯТҲОИ МАРДУМИ БАДАХШОН

## 3.1. Заминаи ривоят – воқеият

Ривоятҳо дар таъйин кардани хусусиятҳои бисёри таърихӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавӣ, ақидаву ҷаҳонбинӣ, боварию эътиқод, майлу хоҳиш, нияту матлаб ва масъалаҳои дигари марбут ба тахайюлоти мардум ҳамчун манбаъ ва маъхази муҳиму муътамад баромад мекунанд.

Дар асл заминаи ривоят воқеият аст. Ҳамин маънӣ ба таърихӣ будани онҳо далолат мекунад. Дар солномаҳо ва эҷодиёти даҳонӣ ривоятҳо баъзан ба сифати манобеи муътамади таърихӣ истифода бурда мешаванд. Муаррихон дар бисёр маврид ҳамчун асноди эътимоднок аз гузаштаи ин ё он диёр истинод ба маъхази ривоят мекунанд.

Микдори зиёди ривоятҳое, ки байни сокинони манотиқи Кӯҳистони Бадахшон интишор ёфтаанд, вижагии таърихӣ доранд. Дар онҳо ҳодисаву воқеаҳо, санаду бурҳонҳои таърихӣ бевосита акс ёфта, ҷанбаи таърихии онҳо дар ниҳоят назаррас ва қавӣ аст. Чунончи, дар ривояти доир ба «Шохиризм» дар ҷумлаи аввал гуфта мешавад: «Баъд аз Маликбуға ҳукмронии хитоиҳо дар Шохдара ба охир мерасад…» [33] ва дар ривояти «Муғулхона» инчунин омадааст: «Дар Чадуд вайронхонае буд. Он ҷоро муғулхона мегӯянд. Гӯё замоне чанд тан муғулҳо омада, он ҷо истиқомат карда, баъд баромада мераванд…» [23]. Аз мазмуни ин ривоятҳо бармеояд, ки маҳалҳои дурдаст ва ҳатто душворгузари Помир ҳам аз пои номуборак ва истилои муғулҳо ва ҳукмронии хитоиҳо дар канор намондааст. Ё ривояти дигаре, ки дар бораи «сандуқи сангин» мебошад, ҳамин гуфтаҳоро тақвият мебахшад. Он сандуқро гӯё сарлашкари чинӣ Фу Де, ки аз Синцзян ронда шудааст, бо худ ба соҳили кӯли Яшиккул оварда, дар он симу зари ғораткардаашро пинҳон кардааст [53, с. 30]. Асоси воқеӣ доштани ин

ривоятро гуфтан амри маҳол аст. Аммо он сандуқи сангин то ҳанӯз вуҷуд дорад. Дар бораи шахсиятҳои Маликбуға ва сарлашкари чинӣ Фу Де ва воқеаҳое, ки ба номашон алоқа дорад, чизе маълум нест. Аммо аз рӯи маълумоти яке аз фозилони Бадахшон Саид Ҳайдаршоҳ Муборакшоҳзода, ки бо супориши муаррих А. А. Семёнов дар асоси нақлу ривоятҳои мардумӣ соли 1912 бо номи «Таърихи мулки Шуғнон» рисолае таълиф намудааст, чунин омадааст: «Ва баъд аз ҳукумати Хитой мири Шуғнон ба оташпарастон гузашт, ки сукунати онҳо дар Шуғнон дар қишлоқи Вер буда, ки номи яке аз онҳо Рив ва лақабаш Фарҳод буда, муқарраран салтанат намуд ва қалъаи дигар аз Риви Фарҳод дар наздикии Қалъаи Барпанҷа, ки он ҷо ҳаст ва номи он қалъаро Қалъаи кофарон гӯянд, ки Риви Фарҳод дар Вер ва Писараш дар Қалъаи кофарон ва муддати салтанати ин оташпарастонро низ аҳде намедонанд, ки чанд сол буда…» [139, с. 7]. Дар ибтидои худи ҳамин рисола омадааст, ки дар замони қадим сарзамини Шуғнон, ки дар болооби ҳавзаи Ому воқеъ аст, дар тасарруфи хоқони Чин будааст. Аз он давра баъзе нишонаҳо низ боқӣ мондаанд. Яке аз онҳо навиштаҷоте болои тахтасанге дар деҳаи Дебастаи водии Ғунд аст, ки ба ин маънӣ нигошта шудааст: «Бо фармони хоқони Чин, бо умдои дунёву дин, дар миёни Ғунд ва Сучон – ин аст адои сухан». Дар рисола инчунин қайд шудааст, ки дар води Шохдара қитъаи замин аст, ки бо номи «Бегимӣ» мустаъмал аст. Мегӯянд, ки ин замин ҳамасола кишт шуда, ҳосилаш ба Чин фиристода мешуд. Хоқони Чин ба ҷуз ҳосили зироати ҳамин замин дигар чизе аз мардум наситондааст [139, с. 6].

Дар қишлоқи Сучон мавзее бо номи Дашти Зӯрозмой воқеъ гардидааст, ки ба қавли мавсуф ин нишонаи дигаре аз давлати Хитой мебошад. Доир ба ин дашт ва сабаби чунин ном гирифтани он ривоятҳои мухталиф байни мардум паҳн гаштаанд. Дар ин мавзеъ тӯдаи сангҳо боқӣ мондаанд, ки аз рӯи ривояте гӯё замоне чиниҳо ба Шуғнон лашкар кашида, дар ҳамин дашт сарлашкари онҳо амр медиҳад, ки ҳар як сарбоз яктоӣ сангро гирифта, дар як ҷо партоянд ва дар бозгашт боз аз ин тӯда он сангро

бардошта бигиранд. Баъди ҷанг сарбозони зиндамонда баргашта, аз тӯда яктоӣ санг бартоштаанд, вале сангҳои боқимонда он маъно дошт, ки соҳибонаш дар муҳориба кушта шудаанд. Ё аз рӯи ривояти дигаре гӯё дар замони қадим Беҳмани Кӯҳистонӣ ва амир Ҳамза дар ин ҷо бо ҳам мубориза бурдаанд ва чун ҳеҷ кадоме аз онҳо мағлуб нагаштааст, ин даштро Зӯрозмой ниҳодаанд [53, с. 14].

Дар ин дашт сангҳои калони кулӯла ва вазнин вуҷуд доранд, ки ба қавли дигарон ҳар як паҳлавон бояд онҳоро боло мебардошт ва қувваташро месанҷид.

То чи андоза ин маълумотҳо санади боэътимод дошта бошанд, маълум нест, зеро худи Саид Ҳайдаршоҳ онҳоро ҳамон тавре, ки аз ривоятҳои мардум ва ёддоштҳои кӯдакиаш ба худ тасаввур мекард ва дар хотир медошт, нигоштааст. Зимни ин, он маълумоти барояш шинос ва ахбороти ҳуҷҷатиро, ки ба асрҳои гузашта тааллуқ дошта, то кунун дар Шуғнон маҳфуз мондаанд, яъне катибаҳои рӯи сангҳо ва хоросангҳоро низ ба таърихаш дохил намудааст.

Ба назар чунин мерасад, ки Хоқони Чин на соҳиби ин мулк будаасту на онро дар тасарруфи хеш доштааст. Чун мардуми Чин бо тибби мардумӣ аз қадим шуҳрат доштанд, аз рӯи тиҷорату муомилоти молӣ аз маҳалҳои ҷудогонаи нисбатан барои онҳо дастрас ҳар гуна навъу намудҳои гулу алаф, ҳосили зироат гирифта мебурданд. Ҳамин маънӣ дар ривояти доир ба «Оби Саҷар ва хоқони Чин» низ таъкид ёфтааст. Гӯё дар замони қадим дар фасли баҳору тирамоҳ аз Чин ба воситаи ағбаҳо ба Ғунд корвони уштурҳо омада, баҳор ба уштурҳо кӯзаҳои намадпечи пуроб бор мекарданд ва тирамоҳ бошад, меваи гулхорро бор карда мерафтанд. Барои одамони маҳаллӣ ин омаду рафти корвон муаммо буд. Аммо барои одамони дарбори хоқони Чин маълум буд, ки об ва меваи гулхор қимати табобатӣ доранд [53, с. 20].

Аз рӯи мазмуни ин ривоят бармеояд, ки дар замони қадим истифодаи гулхори водии Ғундро баҳри муолиҷаи маризон, пеш аз ҳама, чиниён дарк карда будаанд. Дар замони муосир аз рӯи омӯзиш ва хулосаи олимони соҳаи

тиб маълум гардид, ки меваи гулхори ин водӣ аз ҷиҳати витамини дар таркибашбуда бемисл аст ва имрӯз ҳамчун навъи алоҳидаи «гулхори ғундӣ» маъмул аст.

Дар ривояте, ки доир ба хонҳои Помир гуфта мешавад, дар бораи силсилаи шоҳону ҳокимони маҳаллӣ, тарзу усули ҳукуматдории онҳо, ҳукмронии афғону манғитҳо дар Бадахшон ва аз вазъу авзои сиёсиву иҷтимоии ин сарзамин дар нимаи дуюми асри XIX ва даҳсолаҳои аввали асри XX маълумоти мушаххас пайдо кардан мумкин аст.

Гарчанде ки ин матн бештар дорои хусусияти нақлӣ бошад ҳам, вале ҳамаи санаду далелҳое, ки дар ин ҷо зикр мешаванд, ҷавобгӯи дурусти асли воқеаву санаҳои таърихӣ нестанд. Чунин санаду санаҳои тахминӣ ва маълумотҳои хилофи ҳамдигар бо салиқаю дониш ва ба муносибати фардии ҳар гӯянда нисбат ба воқеаҳои нақлшаванда сахт вобаста аст ва ба ҳамин зайл шунавандаро водор месозад, ки чунин ҳодисаҳо дар ҳақиқат ҳам ҷой доштаанд. Маҳз ҳамин гуна паҳлуҳои ривоят вижагии онро бозтоб мекунанд. Ба ҳар ҳол қисми муҳими ҳодисаҳое, ки дар ривоятҳо тафсир ёфтаанд, бебунёд нестанд. Онҳо асоси воқеӣ доранд.

Ҳамчунин аз матни ривояти фавқ бармеояд, ки аз нимаи асри XIX шурӯъ гардида, дуздидану ба шаҳрҳои дигар бурда фурӯхтани кӯдакони аз ҳафтсола то чордаҳсола авҷ гирифта будааст.

Фурӯхтани одамон ба ғуломӣ дар Шуғнон, Рӯшон ва Вахон то охири асри XIX ҳодисаи муқаррарӣ буд ва инро қариб, ки ҳамаи сайёҳони аврупоӣ дар навиштаҳои худ тасдиқ мекунанд. Аз он ҷумла, муҳаққиқи рус М.С.Андреев маълумоти капитан Б. Л. Громбчевскийро, ки солҳои 1888-1890 дар ҳудуди Помир сайёҳат кардааст, дар асари худ иқтибос меорад: «Все девушки и более красивые женщины в стране были отобраны и частью отправлены к эмиру Абдурахману (амири афғон, ки солҳои 1883-1895 ҳудуди Вахон, Шуғнон ва Рӯшон дар тобеияти ӯ қарор доштаанд), частью же розданы войскам в жены и наложницы. Из Шугнана набрано 600 человек

мальчиков в возрасте от 7 до 14 лет. Мальчики были отправлены в Кабул. Население изнемогало под афганским гнетом» [93, с. 22].

Ҷои таъкид аст, ки бархе аз санадҳое, ки онро муаррихон дар осори худ ҳамчун манбаъ доир ба таърихи гузаштаи халқи Бадахшон истифода бурдаанд, аз нақлу ривоятҳои мардум иборатанд.

Аз мазмуни ин қабил ривоятҳо, ки аз хусуси ҳукуматдории ҳокимони маҳаллӣ иттилоъ медиҳанд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки талошу кӯшиши онҳо барои нигаҳдорӣ ва пойдории ҳокимият на аз рӯи ақли солиму мулоҳизаҳои пухта, балки бо роҳи фиребу найранг аз байн бардоштани рақибу мухолифин ва ҳатто падару бародар сурат мегирифт. Ҳамчунин аз мазмуни онҳо бармеояд, ки мардум дар натиҷаи зулму бедодгариҳои ҳокимони маҳаллӣ ва аҷнабӣ мутеи тақдир нашуда, гоҳ-гоҳ барои аз асорат раҳо ёфтану беҳбудии рӯзгор садои эътирозашро баланд кардааст.

Ривоятҳое ҳастанд, ки ҳаҷман калон набошанд ҳам, чанд ҳодиса ё санади таърихиро гӯшзад мекунанд. Дар ривояти доир ба «Сардем», баробари қадимӣ будани он, инчунин гуфта мешавад: «Оқибат Мамадтавур аз ҷаври афғон ба Бартанг кӯчид. Вақте ки ӯ омадани Николаи русро мешунавад, аз Сарез хеста, ба Сардем меояд» [38]. Аз ин ҷумлаҳо ҳодисаву санадҳои таърихии «ҷаври афғон», «Бартанг чун паноҳгоҳи фирориён», «таваҷҷуҳ ба Русияи подшоҳӣ» ва «қабл аз ба вуҷуд омадани фалокати Сарез» пеши назар меоянд.

Қисме аз ривоятҳо, ки дар бораи симои ашхоси таърихӣ, бунёди деҳкадаҳо дар пастхамию доману пуштакӯҳҳо баҳс мекунад, аз онҳо оид ба аз замонҳои қадим дар қисме аз мавзеъҳои Помир сукунат доштани одамон, борҳо хароб гашта боз аз нав бунёд ва обод шудани деҳаҳо, аз водиҳои фарох ва нисбатан обод ба кӯҳистон кӯчида омадани гурӯҳ-гурӯҳ ва шахсҳои алоҳида, дар натиҷаи камии замини кишт ва тангии ҷои зист аз як мавзеъ ба мавзеи дигар ва аз як водӣ ё дара ба ҷои дигар кӯчидан ва ғайра тасаввуроти аниқу маълумоти дақиқ пайдо кардан мумкин аст.

Ба таври шифоҳӣ интишор ва нақл шудани ривоят аз насл ба насл, шакли озоди матни ривоят, тадриҷан дур шудан аз давроне, ки ҳодиса ва шахсиятҳо дар онҳо ҷой доштанд, омехташавӣ бо дигар жанрҳои насри халқӣ боиси коста шудани манбаъҳои таърихӣ гардида, архаизму хаёлҳои бофта дар матн бештар намудор мегарданд, ки баъзан хусусияти фантастикиро касб мекунад. Ба ин нигоҳ накарда, заминаи таърихии ривоятҳо то андозае боқӣ мемонад. Ҳамчунин, қабул ва дарк кардани ривоятҳо чун нақли саҳеҳ аз гузашта дар аксар ҳолатҳо аз тарафи муҳаққиқон ба назар гирифта мешавад. Инкишоф ёфтани ривоятҳо дар масири таърих ҷиҳати муҳими таърихӣ будани онҳоро бозгӯй мекунад. Бисёре аз фолклоршиносони хориҷи кишвар, ки ба омӯзиши ривоятҳо сарукор доштанд, бар он ақидаанд, ки марҳилаи аввали ташаккулёбии ривоят ҳамчун жанри мустақил, табдил гаштани нақли ёддоштӣ ба ривоят мебошад. Ин фикрро Азбелев С. Н. тарафдорӣ намуда ишора мекунад: «Ривоятҳо дар асоси нақли шоҳидон ё худи иштирокчиёни ин ё он ҳодисаи муҳим ба вуҷуд меоянд. Дар натиҷаи чандин маротиба аз даҳон ба даҳон гузаштан тадриҷан бехта шудани ҳамаи ҷузъиёти фардӣ, ки барои худи шоҳиди воқеа муҳим буданду барои ровиёни минбаъда он қадар маъқул ё ба манфиати онҳо набуд, баҳодиҳии шахсӣ ё шарҳи ин ё он ҳодисае, ки ба асли нақл мувофиқ нест ба он оварда мерасонад, ки нақли воқеӣ каму беш ба ривояти ноустувор табдил меёбад. Маълумоте, ки ин ривоятҳо дар бар мегиранд, на ба нафъи як ё якчанд нафар, балки ба манфиати ҳамон муҳити ҷомеа, ки дар он ин ривоятҳо ҳастӣ мекунанд» [85, с. 12].

Протсесси минбаъдаи инкишофи ривоятҳо ба шароиту вақту макони интишори онҳо вобаста мебошад. Дар ташаккулёбии ривоятҳо, инчунин, қонуни умумии бавуҷудоии асарҳои халқӣ нақши худро мегузорад, яъне ҳодисаҳои монанд дар ривоятҳои гуногунхалқ натиҷаи иртиботи маданиву фарҳангӣ буда, ба дохили ривоятҳои маҳаллӣ персонаж ва сужаи байналхалқӣ ворид мегардад.

Ривоятҳои халқӣ дар масири инкишофи худ ба давраҳои муайяни таърихӣ алоқаманд буда, доир ба шахсону ҳодисаҳои муҳими ҳамон давр маълумот медиҳанд.

Чуноне ки дар боло ёдовар шуда будем, ривоятҳо ба ҳодисаҳои воқеӣ такя мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз баъзе муҳаққиқони соҳаи фолклор ин жанрро аз рӯи мавзӯю муҳтаво ба гурӯҳҳои ривоятҳои таърихӣ ва ривоятҳои топонимикӣ ё ба қавли Д. Обидов ривоятҳои тасмиявӣ, яъне доир ба номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ ҷудо намудаанд. Ҳол он ки ривоятҳои топонимикӣ худ таърихӣ буда, дар онҳо ҳам ҳодисаҳои воқеӣ мавқеъ доранд ва ҳам мавзуъҳои доир ба шахсони таърихӣ низ дар онҳо мавҷуданд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо доир ба яке аз водиҳои доманафарохи ноҳияи Мурғоб (воқеъ дар Помири Шарқӣ), ки дар забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ ба истилоҳи «Аличур» ё «Аличор» ёдовар мешавад фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунем. Дар бораи ин мавзеъ ду матни мазмунан аз ҳам фарқноки як ривоят дар даст дорем. Яке аз он матнҳоро хабарнигорони тоҷик Н. Ҷонбобоев ва Ш. Муҳаммадшерзодшоев ба чоп расондаанд. Он матн ин аст: «Нақл мекунанд, ки замоне ин водӣ басе обод будааст, дар ин ҷо ҳатто шолӣ мекоридаанд. Шаҳре, ки дар ин мавзеъ воқеъ будааст, Барбар ном доштааст. Аз рӯи ривоят Ҳазрати Алӣ (а) дар яке аз муҳорибаҳо душмани худро дар ин ҷо шикаст дода, водии ободро ба биёбон табдил медиҳад ва номи аслии водӣ Аличур набуда, Аличул аст» [53, с. 30].

Матни дигари ривоят ба ин мазмун нақл шудааст: «Аличур дар замонҳои қадим шаҳре будааст, ки ба мислаш дар ягон ҷо чунин шаҳри обод вуҷуд надоштааст. Номи он шаҳр Барбар будааст. Рӯзе мӯйсафеде бо либоси дарида вориди шаҳр мегардад, лекин подшоҳи шаҳр аз омадани ӯ огоҳ шуда, «дар мулки мо бояд чунин одам набошад» - гӯён фармон медиҳад, ки ӯро аз шаҳр берун кунанд. Баъди чанде он мӯйсафед боз ба ин шаҳр меояд, лекин ин дафъа бо либоси тозаву озода. Мӯйсафед баъди вориди шаҳр шуданаш боз либосҳои даридаашро ба бар мекунад ва дохили ҳар хонадон мешавад. Ҳама ӯро бо дашному ҳақорат аз хонаҳояш берун мекунанд. Подшоҳ ҳам аз

шаҳр баромаданаш амр медиҳад. Мӯйсафед ногаҳон аз назар ғоиб мешавад. Ба хонаи кампире меояд, ки дар бисоташ ба ғайри як сар бузу бузғола дигар чизе надоштааст. Кампир мӯйсафеди жандапӯшро хуш қабул мекунад ва ҳатто шаб бузашро кушта, аз гӯшташ барои ӯ таоме мепазад. Саҳари барвақт, ҳангоми хайрухуш, мӯйсафед ба кампир гуфтааст, ки ҳатман бузғолаашро гирифта берун шавад. Кампир таъкиди мӯйсафедро қабул кард ва чун аз шаҳр берун мешавад, онро сели калон пахш мекунад. Шаҳр ба биёбон табдил меёбад. Аз он замон гӯё шаҳр номи Аличул гирифтааст. Он мӯйсафед Ҳазрати Алӣ будааст» [14].

Муҳаққиқи таърихи истилоҳоти ҷуғрофӣ А. Насрединшоев вожаи мансуби забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ «Аличур» ё «Аличор»-ро дар шакли «Аличул» ба асос гирифта, дар забони қирғизӣ дар шакли «Элчул» мустаъмал буданашро низ таъкид намуда, ба хулосае омадааст, ки ин вожа дар он забон маъниҳои «қавмҳои бодянишин», «дашти қутосҳо» ва «дашти бузи кӯҳӣ» (шояд қутосҳо ё бузҳои даштӣ (биёбонӣ) дурусттар бошад) ифода мекунад. А. Насрединшоев ҳамчунин менигорад, ки «эл» дар забони тоҷикӣ маънои ба итоат даровардан, тобеъ гардондан дорад [143, с. 40-41].

Агар мафҳуми «Аличур» ё «Аличор» мансуби гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ бошад ва қисми аввали ин вожа воқеан ба Ҳазрати Алӣ (а) иртиботе дошта бошад, доир ба қисми дуюми он ҳам дақиқтару амиқтар андеша бояд кард. «Чул» ҳам дар забони адабии классикӣ ва ҳам имрӯзаи тоҷик чандон интишор надорад. Он баъзан чун муродифи «биёбон» дар истеъмол аст. Дар забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ он ба маънои чулистон (дашти сӯхта) ифода мешавад, аслан, ба маънои «нестӣ» (нест кардан) мустаъмал аст. Аҷаб нест, ки гӯяндаҳои ривоят аз як тараф, муҳити воқеии ҷуғрофии мавзеъ ва аз ҷониби дигар, мазмуни суруд-мадҳияи маъмули аҳли исмоилиёни Бадахшон оид ба муҳорибаи Ҳазрати Алӣ (а) бо ҳокими пурқудрати Барбарро ба асос гирифта, онро бофтааст ва он ба ҳамин мазмун паҳн гаштааст.

Ба назар мерасад, ки дар қисми дуюми вожа ба ғайри бадалшавии овозҳо «р» ва «л» оид ба «о» ва «у» ҳам фикр бояд кард. Дар яке аз забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ «о» ба «о»-и дароз, дар дигаре бо «о»-и кӯтоҳ ва дар сеюмӣ дар омехтагии ин ду овоз истеъмол мешавад. Бинобар ин, дар мавриди ба Ҳазрати Алӣ (а) нисбат додани ин мавзеъ ба назар гирифтани «чор» ҳам мантиқан дуруст аст ва ҳам ҷавобгӯи матлаб мебошад. Чаро? Якум, «чор» шакли кӯтоҳи «чаҳор» аст, ки чун рақами адад ба ғайри маънои муқаррарӣ маънии рамзӣ низ дорад: чор унсур ва вобаста ба он «чор Аждаҳо», «чор андом», «чор аркон», «чор гавҳар», «чор модар», «чор пайванд», «чор кӯҳ», «чор хона» ва ғайра. Дуюм, «чор» шакли кӯтоҳи «чора» буда, маънии «илоҷ», «тадбир», «дармон», «гузир» (чору ночор) ва ҳамчунин, «ҳилла» ва «макр»-ро низ ифода мекунад [216, с. 544-545]. Сеюм, шакли дигари «чор» - «чер» (чера), «чир» (чира) аст, ки маънои «ғолиб», «музаффар», «фируз» ва ҳамчунин «забардаст» дорад. Шахси моҳир ва забардастро «черадаст» ё «чирадаст», марди шуҷоъ ва далерро черадил ё чирадил мегӯянд [216, с. 537-538]. «Чер» ё «чир» имрӯз ҳам дар забонҳои помирӣ, бахусус шуғнонӣ-рӯшонӣ ба маънои «коре», «амале» мавриди истифода қарор дорад: «чер-т кин» (бартангӣ), «чир-та кинэ» (шуғнонӣ) – чи кор мекунӣ ва ниҳоят, чорум, «чор» дар забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ низ ба ҷои «мард» - «чорик» дар истеъмол аст, ки маънии шуҷоъ, далер ва моҳир низ дорад: «йу (шуғнонӣ) ё йа (рӯшонӣ-бартангӣ) чорик вуд» – ӯ марде буд.

Пайдост, ки аксари он калимаҳо, аниқтараш ба истиснои ибораи якум, ки маънии «чор»-ро ифода кардаанд, дар нисбати Алӣ (а) қобили истифодаанд. Онҳо бо лақабҳои «Шоҳи Мардон», «Шоҳи Сафдар», «Ҳайдари Каррор» ва ҳатто «Шери Худо» маъруф буданашро таъкид мекунанд ва аз нигоҳи тобишҳои маъноӣ то андозае ба мазмуни умумии ривояти иқтибосшуда иртиботе доранд.

Баъдан, аксари он ривоятҳое, ки дар бораи Ҳазрати Алӣ (а) дар байни аҳли исмоилия, умуман, пайравони ҷараёни шиъа нақл мешавад, нахустимом на чун несткунанда, яъне чулкунандаи одамону ба биёбон

табдилдиҳандаи шаҳру мавзеъҳои обод тасвир мешавад, балки ҳамчун ҳифзкунандаи манофеи аҳли заҳматкаш аз золимону таҳқиргарон ва ҳидояткунанда ба оини мусулмонӣ муаррифӣ мегардад.

Барои он ки моҳияти мазмун ва муҳтавои аслии ривоят ба Аличор бахшида ва хусусияти жанрии он рӯшантар гардад, чанд андешаи дигар роҷеъ ба ривоятҳое, ки ба Қалъаи Қаҳқаҳа марбутанд, қобили тафсир ва ташреҳанд. Оид ба ин қалъа чанд ривоят ва маълумот нашру табъ шудаанд [207, с. 46-66; 102, с. 16; 68, с. 179-182]. Чанд қаринаи дигари ривоят дар захираи илмии дастхатҳои Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ гирд омадаанд, ки мазмуни яке аз он қаринаҳо ин аст: «Замоне дар наздикии мавзеи Намадгут (ноҳияи Ишкошим), дар ҷои барҳавои соҳили дарё, бо ҳукми Қаҳқаҳа ном ҳоким аз тарафи ҳунармандони мардумӣ ва аҳли заҳматкаш аз хишти пухта қалъаи мустаҳкам ва бошукӯҳе сохта мешавад. Қаҳқаҳа дар баробари ҳокими пурқудрат буданаш, ҳамчунин бо одамонаш ғоратгари ашадӣ низ будааст. Аз наздикии Қалъа аз он тарафи соҳил ҳар замон корвонҳои пурбор мегузаштанд (яке аз «роҳҳои абрешим» ҳам аз ҳамин водӣ мегузашт – О. Ш.). Одамони Қаҳқаҳа бо фиребу найранге гоҳ-гоҳ онҳоро ба ҳалокат мерасонанд ва молашонро ба яғмо мебурданд. Аз ин кирдори зишти онҳо гӯё Шоҳи Мардон воқиф гашта, бо фарзандонашон ба ин ҷо меояд ва дар натиҷаи қувваозмоии чандрӯза Қаҳқаҳа бо чанде аз баҳодуронаш нобуд мешаванд. Мардуми водӣ, баробари аз зулму тааддии ҳокими золим раҳо ёфтан, ба оини мусулмонӣ низ мегараванд. Қалъаҳои дар Ямчун ва Зонг (Ҳисор)-и Вахон воқеъбуда ҳам гӯё ба Қаҳқаҳа тааллуқ дошта, дар он ҷо ду бародараш ҳукмравоӣ мекарданд. Онҳо низ аз тарафи Шоҳи Мардон шикаст мехӯрданд [210].

Табиист, ки мазмуни ҳар ду ривоят ҳам хусусияти асотирӣ (мифологӣ) доранд, Зеро Ҳазрати Мавлоно Алӣ (а) на ба подшоҳи шаҳри Барбар даст ба гиребон шудаасту на ба Қаҳқаҳа қувваозмоӣ кардааст. Агар рӯзгори Ҳазрати Мавлоно Алӣ (а) дар асри VII ҷараён ёфта бошад, дар бораи

шахсияти ҳокими шаҳри Барбар ва худи Қаҳқаҳа ҳамчун фардҳои воқеӣ ягон асноди мӯътамади таърихӣ вуҷуд надорад. Шаҳри Барбар дар Помир аз фарзия ва бофтаи хаёлии ровиёни ривоятҳо аст. Аз натоиҷи ковишҳои ҳафриёт, ки солҳои 50-60-уми қарни XX дар Помири Шарқӣ, алалхусус, дар водии Аличор сурат гирифтаанд ва тавассути қайду навиштаҳои А. Н. Мандельштам, Б. А. Литвинский, В. А. Ранов ва дигарон арзёбӣ шудаанд, ҳаминаш маълум аст, ки замоне, асрҳо қабл аз милод дар зери чанд қабат хоки дашту биёбонҳои ин сарзамин шаҳри калону обод бо боғоту киштзорҳои васеъ вуҷуд доштааст ва тибқи ривояти мардумӣ (на аз рӯи асноди боэътимод) номи он шаҳр Барбар будааст. Аз таълифоти муаррихони номбурда ва муҳаққиқони соҳаҳои дигари илм бармеояд, ки аз ин сарзамин аз замонҳои хеле қадим ба ҷанубу ҷониби ғарбу шарқ низ қавму қабоили зиёд гузар мекарданд ва дар худи ҳамин ҷо одамоне сукунат доштанд, ки то замони ба дини мусулмонӣ гаравидан, агар як қисмашон муътақиди динҳои зардуштӣ ва насронӣ будаанд, қисми калони онҳо ба дини буддоӣ эътиқод доштаанд. Ва мавриди тазаккур аст, ки дини буддоӣ то давраи ҳукмронии сулолаи кошониён (аз асри II то асри IV милодӣ) дар ҳудуди васеи Осиёи Марказӣ густариш ёфта будааст [108].

Бо вуҷуди ин, аз баъзе далелу бурҳон ва худи мазмуни ривояту афсонаҳо ба ақидае омадан мумкин аст, ки шаҳри Барбару шоҳи он ва Қаҳқаҳа тамоман ашхоси хаёлӣ-асотирӣ нестанд. Тибқи луғатҳо, аз ҷумла «Русско-таджикский словарь» «барбар(ӣ)» маънии бераҳм, ваҳширо ифода мекунад ва дар Юнон ва Рими қадим одами аҷнабиро ба таври таҳқиромез барбар мегуфтанд [214, с. 87]. Шояд сухани ҳикматомези «дар кишвари барбарӣ аз худ кардани ахлоқи барбарӣ лозим аст» ба ҳамин тафсири луғатҳо иртиботе дорад. Чунин сухани таъкидӣ ҳанӯз дар замони Искандари Мақдунӣ маълум будааст, ки онро Каллисфен ном таърихнигори Искандар гӯё ҳангоми тасхир кардани мамлакати Суғд ба ӯ гуфта бошад [108, с. 131]. Дар асари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар баробари гуфтаи фавқ инчунин омадааст: «Муаррихони қадим хабар медиҳанд, ки «барбариҳо»

фавран пас аз марги фотеҳ (яъне Искандар – О. Ш.) шаҳри Искандарияи Марвониро, ки дар лаби наҳри Мурғоб (воқеъ дар Туркманистон – О. Ш.) сохта шуда буд, хароб кардаанд» [108, с. 133].

Дар адабиёту маъхазҳои доир ба таърихи мазҳаби исмоилӣ таълифёфта хотирнишон мешавад, ки аз рӯзи таъсис ёфтани хилофати Фотимӣ дар Мағриб ва баъд дар Миср (соли 297 ҳиҷрӣ ва 909 милодӣ) то барҳам хурдани фаъолияти онҳо дар ин минтақаҳо (соли 490 ҳиҷрӣ ва 1098 милодӣ) тоифаву қабилаҳои барбарҳо, ки дар манотиқи гуногуни Африқо, бавижа, Африқои Шимолӣ (Мағриб) зиндагӣ мекарданд, ба истисноиi барбарҳои Катома дигар тавоифи ин қавм аз мухолифини асосии мазҳабӣ исмоилӣ ҳисоб меёфтанд [186, с. 43-76]. Пас маълум мегардад, ки барбарҳо аз халқе ё қабоили хеле қадимӣ буда, ҳатто ба номи онҳо кишваре ё шаҳре низ вуҷуд доштааст. Чунин қавму қабоил дар таърих бо бераҳмиву ваҳшоният, ҷоҳилии гузарои худ аз дигар тоифаву халқҳо тафовут доштаанд. Аҷаб нест бо ҳамин хислатҳо «барбар(ӣ)» хусусияти рамзӣ низ пайдо кард ва муаррихони пешин давраи дуюми ҷамъияти ибтидоиро бо истилоҳи «барбарият» ёдовар мешаванд. Мусаллам аст, ки образи Барбар дар афсонаву ривоятҳо баробари хусусиятҳои хаёлӣ-асотирӣ доштанаш заминаи воқеӣ-таърихӣ низ дорад.

Барбар хоҳ номи сарзамине ва хоҳ унвони подшоҳе ё ҳокиме бошад, он аз номи тоифае ё қабилае гирифта шудааст. Баръакс, шахси таърихӣ будани Қаҳқаҳа ба симои шахсии ӯ вобаста аст. Дар як қаринаи ривоят, ки онро Рамеш Сафарбеков соли 1990 аз сокини деҳаи Намадгути ноҳияи Ишкошим Бунёдбеков Азизхон навишта гирифтааст, гуфта шудааст: «Худи Қаҳқаҳа аз хонҳои Кобул буд. Вай аз балвои дар Кобул баамаломада гурехта, ба кӯҳистон омад ва дар Намадгут маскан гирифт. Дар бораи аз Кобул буданаш ин мисраъҳо гувоҳӣ медиҳанд: «Ҳисораш Ҳамзаи Саъд аст, ки номаш Қаҳқаҳа бошад».

Дар қаринаи дигари ҳамин ривоят, ки баъди як сол Назарова аз сокини 63-солаи деҳаи Рини ҳамин ноҳия Раҳматуллоева Гулчимо сабт кардааст,

омадааст: «Нақл мекунанд, ки пайғамбари Алӣ (а) бо сардори кофарҳо, ки Ҳамзаи Саъд номи ҳақиқиаш буд, ҷанг мекунад. Чун Ҳамзаи Саъд бо овози баланд механдидааст, ӯро «Қаҳқаҳ» мегуфтаанд» [17].

Агар Қаҳқаҳа шахси таърихӣ намебуд, ба ғайри қалъаҳои водии Вахон боз қалъаву маъбадҳои дигаре, ки дар Эрону Афғонистон, ҳатто дар ноҳияи дигари Тоҷикистон – дар Истарушан (Шаҳристони имрӯза) вуҷуд доранд [68, с. 281], ба номаш иртиботе пайдо намекарданд. Ҳамчунин, дар Марв (Туркманистон) мавзеъе мавҷуд аст, ки номи Қаҳқаҳа дорад. Гӯё дахмаи яке аз намояндаҳои барҷастаи аҳли тасаввуф, шайхи машҳури асри X-XI, муаллифи асари «Мақомот» ва як силсилаи рубоиҳои тасаввуфӣ Абӯсаид Абулхайр дар наздикии ҳамин мавзеъ воқеъ аст [216, с. 685].

Дар бораи шахсияти Қаҳқаҳа ва ба кадом давраҳои таърих мансуб буданаш қайд кардани як далел аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Дар чанд нусхаи ривоятҳо доир ба Қалъаи Қаҳқаҳа бадастомада бар он ишора меравад, ки қади Қаҳқаҳа ҳатто то чиҳил газ будааст (чиҳил газ дар ниҳоят болобаланд буданашро ифода мекунад) ва ӯ наметавонист бо зане издивоҷ кунад. Ӯ хоҳаре бо номи Зулхумор доштааст, ки дар он тарафи соҳил дар қалъаи алоҳида зиндагӣ мекардааст. Ӯ низ азимҷусса ва қади баланд доштааст. Қаҳқаҳа гӯё ҳар замон наздаш рафта, бо вай ҳамбистар мешудааст. Чунин қоидаи зиндагӣ ё одат, яъне бо хоҳар, духтар ва ҳатто модар издивоҷ кардан ва ё ҳамбистар шудан дар байни шоҳону шоҳзодаҳо ва дигар ашхоси олимақом дар замонҳои қадим, махсусан дар давраи Ҳахоманишинҳо хеле ривоҷ ёфта будааст. «Камбуҷа – подшоҳи ҳахоманишӣ нахуст бо хоҳари бузургтар ва сипас бо хоҳари кучактари худ издивоҷ намуд… Ва Ардашери дуввум, ки се духтар дошт, нахуст духтари аввалаш ба номи Амастарисро ба занӣ гирифт ва баъд ошиқи духтари кучакаш ба номи Анассо гардид ва бо ӯ ҳамбистар шуд… Астрабон – ҷуғрофидон ва муаррихи аҳди қадим дар бораи муғҳо чунин гӯяд: «Инҳо мувофиқи одаташон ҳатто модарашонро ба занӣ мегиранд» [173, с. 77].

Аз афташ, Қаҳқаҳа аз пешвоёни шӯҳратманди рӯҳонии гурӯҳи калони тоифаи оташпарастон – муътақидони оини зардуштӣ ба шумор мерафтааст. Мубадонаш бо муридҳои худ дар кишвару шаҳру ноҳияҳои гуногуни Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна бо номи пешвои рӯҳонияш дар давраҳои гуногун маъбадхонаҳо, оташкадаҳо ва қалъаҳо бино карда, дар он ҷо рӯзгорашонро паси сар мекарданд ва худро аз таҳдиду фишори мазҳабӣ ҳифз менамуданд. Вале замоне фаро расид, ки онҳо ё бо зӯрӣ, ҳатто бо хунрезӣ ва ё бо роҳу воситаҳои дигар тарки дину оини ҳазорсола карда, дину оини навро қабул карданд.

Баъди арзи вуҷуд кардан ва ҷорӣ гаштани дини ислом муътақидони кеши зардуштӣ унвони «габр», «кофир» гирифтанд. Онҳое, ки дергоҳ дар қалъаҳои Вахон ва дигар ҷойҳои кӯҳистон паноҳ ёфта, аз таҳдиду фишори мазҳабӣ либоси сиёҳро ба бар кардаанд, дар таърих бо унвони «кофир – сиёҳпӯшон» машҳур гаштаанд. Аз ин хусус, аз ҷумла аз як таълифоти Н. А. Кисляков маълумот пайдо карда метавонем [119, с. 71-78]. Ҷои тазаккур аст, ки насли ин қабоил ҳанӯз дар Кофаристон (Нуристони имрӯзаи Афғонистон) вуҷуд доранд [216, с. 93]. Аз ин бора нақлу ривоятҳои бачопрасондаи А. Л. Грюнберг низ моро огоҳ месозанд [107, с. 113-116].

Аз мазмуни қисме аз ривоятҳо бармеояд, ки дар баъзе аз мавзеъҳои Кӯҳистони Бадахшон одамон замоне зиндагӣ мекарданд, ки ҳанӯз на фақат дину оини ягона надоштанд, балки дар муҳити парешонӣ рӯз мегузаронданд. Ҳатто дар ҷо-ҷои иддае аз ривоятҳои дастрасгардида «ин ҷоҳо макони деву ҷин», «кофаристон буд» – гӯён ишораҳо меравад. Маҳз, ба воситаи ҳамин қабил ривоятҳо чун «шоҳ», «пир», «шайх» ва ҳатто «авлиё» пазируфта шудани ашхоси алоҳида маълум мегардад. Ин ашхосе, ки чун «бузургон» ёд мешуданд, ба ин сарзамини «макони деву ҷин», «кофаристон» дар либоси қаландарӣ ворид гардида, аз ибтидо дар байни сокинони муқимии деҳаҳои камнуфуз ва аз оламу одам нисбатан бехабар бо фаҳму идрок, бахусус, ба ҷаҳонбинии нави мазҳабиашон эътибор пайдо кардаанд. Мардум бо тарғибу ташвиқи онҳо батадриҷ ба доираи дини мубини

мусулмонӣ дохил шуда, пайрави ҷараёни шиъа ва қисми асосиаш муътақиди мазҳаби исмоилӣ гаштанд. Чун дар он ҷойҳое, ки нуфузи мардуми ғайримусулмон, минҷумла, эътиқодмандони кеши зардуштӣ ва пайрави дигар дину оин хеле зиёд буд ва онҳо барои қабули дину мазҳаби нав муқобилияти сахт нишон додаанд ва охируламр онро пазируфтанд, баъдҳо мардум ҳамаи инро аз қудрат ва кароматӣ Ҳазрати Алӣ (а) медонистанд ва нисбати он ҳодисаҳо нақлу ривоятҳо офаридаанд. Бешубҳа, онҳо дар ибтидо бештар заминаи воқеӣ доштанд, вале ба гузашти вақт хусусияти асотирӣ – хаёлӣ касб кардаанд.

Барои он, ки моҳияти масъалаи мавриди баҳсу мулоҳиза қарорёфта рушантар гардад, доир ба эътибори шахсияти Ҳаким Носири Хусрав дар байни мардуми Бадахшон чанд нуқтаи дигари қобили таъкид кардан аст. Азбаски ба мурури замон мутафаккири бузург ва носиру нозими барҷастаи асри XI халқи тоҷик Ҳаким Носири Хусрав чун «Ҳуҷҷат-ул-ҷазира» дар Бадахшон эътибор пайдо мекунад ва ақидаҳои фалсафӣ-мазҳабӣ, мероси илмӣ ва адабиашон бештар интишор ёфтаанд, шахсияти иддае аз онҳое, ки дар давраҳои гуногун оид ба дину мазҳаб даъват ба ҷо меоварданд, ба ӯ нисбат дода мешуданд. Ин буд, ки дар тасаввури мардуми авом гӯё дар Кӯҳистони Бадахшон деҳае набудааст, ки ба он ҷо Ҳаким Носири Хусрав нарафта, вобаста ба муҳит ва мавқеи ҷуғрофӣ, рафтору кирдори сокинонаш номеву унвоне нагузошта бошад [65]. Яке аз сабабҳои дар давраҳои гуногун ба шахсҳои ҷудогона (бузургон) нисбат додани ин ё он мазор-остон ва ё қадамгоҳи онҳо низ ҳамин аст.

Охири солҳои 20-ум П. М. Майский ном шахс муддате ба омӯхтани эътиқодоти пайравони тариқаи исмоилия машғул будааст. Ин муҳаққиқ дар як мақолааш нигоштааст, ки «зиёратгоҳ-остоне, ки дар мавзеи Лангар, дар даромадгоҳи Вомар (Рӯшон) вуҷуд дорад, ба номи Носири Хусрав ёд мешавад» [135, с. 54]. Имрӯз бошад, ин остон ба номи Шоҳтолиби Сармаст маъруф аст. Воқеан, дар як матни ривояте, ки дар захираи илмии дастхатҳои Институи илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров маҳфуз аст,

Шоҳтолиби Сармаст аз панҷ ҳамсафари Ҳаким Носири Хусрав номбар мешавад. Тибқи мазмуни ривоят Шоҳтолиби Сармаст бо ҳидояти Ҳаким Носири Хусрав ҳамроҳи бародараш Саидҷалол дар Вомар (Лангар) қарор мегираду худи ӯ ба Юмгон ва ҳамсафарони дигарашон ба ҷоҳои дигари Бадахшон мераванд [115].

Ба маврид аст, ин ҷо аз мақолае, ки ба қалами А. З. Розенфелд ва А. И. Колесников тааллуқ дорад, порае иқтибос кунем. Онҳо менигоранд: «Мувофиқи ривояте, ки аз тарафи мо сабт шуд, ба ин ҷо (Рӯшон дар назар аст – О. Ш.) аз Хуросон Саидҷалол ном шахс бо ҳамроҳии 40 қаландар (дарвеш) омада буд. Мусофирон ҳар шаб дар баландие гулхан меафрӯхтанд. Қаландарҳо аз Рӯшон ба ҳар дара рафта (кӯчаҳои Помирро чарх заданд), баъд ба Афғонистон, Чатрор (дар ҳудуди Покистон) ва Ҳиндустон рафтанд. Онҳо дар ҳама ҷо «ба халқ насиҳат мекарданд» ва кофиронро ба ислом ҳидоят менамуданд. Дар ин ҷоҳо Носири Хусрав ҳам сайру гашт карда, баъд ба Юмгон рафт ва он ҷо вафот кард» [176, с. 90]. Худи ҳамин муаллифон дар ҳамон мақола дар бораи Имом ном деҳаи саргаҳи водии Ғунд (Шуғнон) бо ҳамон ном вуҷуд доштани мазор-остон хабар дода, маълумот дарҷ кардаанд. Онҳо менависанд, ки «П. М. Майский тибқи ривояте, ки аз тарафи мо сабт шудааст, дар он ин мазор ба шахси дигар – сипаҳсолори машҳури мусулмонон Абумуслим, ҳамчунин, аз афташ, ба ҳокими афсонавии дараи Ғунд – Бобои Ғундеҷ нисбат медиҳанд» [135, с. 94]. Дар ривояте, ки соли 1992 ба чоп расидааст, унвони деҳаву ин мазор-остон бошад ба Имом Муҳаммади Боқир алоқаманд дониста шудааст [53, с. 39-40].

Ин аст, ки ривоят аз навъҳои муҳими фолклорӣ буда, он ба диду назар, боварию эътиқод, фаҳму дониш, нияту матлаби табақа ва синну соли гуногуни одамон ҳамбастагии зич дошта, дар он дараҷаи дарку маърифати ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият аз ҷониби онҳо дар зинаҳои мухталифи инкишофи ҷомеа инъикос гардида, муносибаташон ба он ашёву ҳодисаҳо баён ёфтааст. Бояд хотирнишон кард, ки дар ҳамаи ривоятҳое, ки дар Кӯҳистони Бадахшон дар нисбати мавзеъҳои аҳолинишини ба ҳодисаҳои

фалокатовари табиат дучоргашта бофта шудаанд, ҳамон мазмуне, ки матни дуюми ривояти ба Аличор бахшидашуда дорад, айнан такрор меёбад. Дар аксари онҳо танҳо кампири камбизоат, вале хайрихоҳу бечорапарвар бо мададу таъкиди қаландаре ё мӯйсафеди нуроние (баъзан онҳо дар шахси Хӯҷаи Хизр, Ҳазрати Алӣ ёд мешаванд) аз он фалокат наҷот меёбанд. Аксари ин қабил ривоятҳо, қатъи назар аз он, ки тасаввуроти қадими одамонро акс намудаанд ва хусусияти асотирӣ пайдо кардаанд, муҳтавои аслии онҳо аз тарғиби одаму одамгарӣ иборат аст. Дар ҳамаи ривоятҳое, ки доир ба ҳодисаҳои фалокатбори табиат офарида шуда, паҳн гаштаанд, муҳтавои ягона доранд, ки он матлабу нияти асосии гӯяндаҳои гуногунро барҷаста ифода мекунад. Дар ҳамаи онҳо ба таъкид гирифта шудааст, ки рӯзгори инсон дар кадом ҳолату вазъияте, ки сурат гирад, ӯ бояд одаму одамгариашро нигоҳ дошта, дастгири дармондагону бечорагон бошад. Аз ҳамин нигоҳ, он ду ривояте, ки яке оид ба Аличор ва дигаре дар бораи қалъаи Қаҳқаҳа байни мардум интишор ёфтаанд, мазмунан хусусияти асотирӣ-хаёлӣ дошта бошанд ҳам, аз лиҳози муҳтавои худ заминаи воқеӣ-таърихӣ доранд, зеро ба он кешу оини мазҳабе, ки он мардум имон оварданд ва онро пазируфтанд, бунёдаш ба давраи Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) ва Мавлоно Алии Муртазо (а) рафта мерасад.

Ҳамчунин, аз ин тафсиру ташреҳоти батафсил бори дигар рӯшан гардид, ки аз хусуси моҳияти асосии асарҳои фолклорӣ дар он маврид сухан рондан мумкин аст, ки он аз чанд нусха иборат ба дасти муҳаққиқ расида бошад.

### 3.2. Ривоятҳо доир ба шахсияти Шоҳ Бурҳони Валӣ

Замони ба Кӯҳистони Бадахшон омадани Шоҳ Бурҳони Валӣ то кунун аниқ маълум нест. Мувофиқи нақли ривоятҳои калонсолони водии Шоҳдара ва асосан, деҳоти Тусён Шоҳ Бурҳони Валӣ пас аз Носири Хусрав бо супориши яке аз Имомони исмоилӣ бо се тани дигар: Шоҳ Маланг, Шоҳ Кошон, Шоҳ Хомуш, ки онҳоро чор қаландар мегуфтанд, омадааст. Ҳадафи

ба Кӯҳистони Бадахшон омадани Шоҳ Бурҳон ва ёронаш аз рӯи мазмуни ривоятҳо на ягон ташвиқоти динӣ ва мазҳабӣ будааст. Мақсади омадани Шоҳ Бурҳон бо ин се тан ба кӯҳистон бо супориши яке аз Имомони исмоилӣ, ки номаш маълум нест, бо кароматҳо ва муҷизаҳои худ рафъ кардани балоҳои кӯҳистон, аз ҷумла аждаҳор ва ба мардум кӯмак кардан дар ободонии диёри хеш, баровардани ҷӯйбор будааст. Аз рӯи ривоят барои ҳар яки ин чор қаландар амр шудааст, ки мувофиқи табъи дилашон барои худ ҷой ё мавзееро интихоб карда, дар он ҷо зиндагӣ карда, ба мардум бо мӯҷизаву каромати худ дар ободонии диёри кӯҳистон ёрӣ расонанд ва чизҳои хатарнок (дев, аждаҳор, морҳои калонро) маҳв созанд.

Шахсияти Шоҳ Бурҳони Валӣ дар назари мардум бисёр бузург мебошад. Вай бо мӯҷизаҳо ва кароматҳо бо дониш ва ақлу хиради худ ба ҳар мавзеи кӯҳистоне, ки рафтааст, ба халқ кӯмак карда, он ҷо ободӣ мекардаст. Хусусан, дар бисёр ҷойҳо аз камари кӯҳҳои хатарнок бо кароматаш ҷӯйборҳо месохтаст. Мисол, вақте ки ба деҳоти Тусён омадааст, ин ҷо ғайр аз ҷангалҳои касногузар ва дарандаҳои хунхор касе ё чизе дигаре набудааст. Шоҳ Бурҳон барои обод кардани ин макон, ҷангалзори касногузарро сӯзонда, аждаҳори кӯҳпайкарро ба худ таслим карда, ҷӯйбори калони деҳоти Тусён, ки зиёда аз нисфи замин ҳозир ҳам бо вай обшорӣ карда мешавад, бо мӯҷизаи худ сохтааст ва баъди ин оҳиста-оҳиста аз қишлоқҳои дигар одамон ба деҳоти Тусиён омада, ба худ хона сохта, заминҳои ҳосилхези ин диёрро истифода мекарданд. Шоҳ Бурҳони Валӣ деҳотро бо номи Тусён номгузорӣ кардаст. Сабаби чунин номгузориаш дар ин ҷо гӯё ҷангалзори калони «тус» мавҷуд будааст ва бо номи ин дарахти сояафкан номашро Тусён гузоштааст. Дар «Таърихи Бадахшон»-и Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Фазлалибеки Сурхафсар мақсади омадану вазифаи онҳоро чунин қаламдод кардаанд. «Зотан, чи навъ мартаба ва ба дараҷае, ки медоштанд, чун маротиба шайху муллоӣ ва роҳбарии қавм ва таълим ва ҳидояти амсоли он аз мамлакати Хуросон омада, дар ин вилоятҳо адои вазифаи худ карда, аз олами фонӣ гузаштанд ва аз онҳо чанд нафари авлод

мондаанд ва ҳар кадом шеваи аҷдодони падаронро ба ҷо оварда, дар байни халқҳои ба тариқи ҳукумат ва риёсат ва ё тариқи шайхият пешвои қавм гардида» [66]. Муҳаққиқи маъруфи Бадахшон академик Б. Искандаров ба хулоса омадааст, ки омадани чор қаландар тасодуфӣ набуд: «Гап дар сари он, ки аз садаи XVI то нимаи дуввуми асри XVIII (1502-1786) дар Эрон сулолаи Сафавиён ҳукмронӣ мекарданд. Асосгузори ин давлат Шоҳ Исмоил буда, шиъа дини давлатии он ҷо буд. Шиъа равияи исмоилия барои ҳар як мусулмони ин давлат фарз гашт. Аз ҳақиқат дур нест, ки ин шахсон тарафдорони ин равия буданд. Бисёр сарчашмаҳои хаттӣ маълумот медиҳанд, ки ин чор кас, хусусан дар давраи ҳукмронии Аббоси I (1587-1628) яке аз паҳнкунандагони ин равия дар князигарии Бадахшон мебошанд» [115, с. 57].

Тибқи маълумоти исмоилишиноси маъруф доктор Фарҳоди Дафтарӣ мақсаду вазифаи омадани ин шахсон ин аст ки: «Мутобиқи ривояти исмоилӣ, ки дар Шуғнон, ноҳияҳои дар Ҷайҳун Алиё воқеъ бар соҳили рӯди Панҷ ва дар шарқу мағриби Помир, боқӣ мондааст, кеши Низориро ду доъӣ, ки аз сӯи Имомони низории давраи Аламут фиристода шуда буданд, ба Бадахшон оварданд. Ривоёт шудааст, ки як доъӣ ба номи Саид Шоҳ Маланг аз Хуросон ба Шуғнон рафт ва бо ҳукмрони он ҷо худро дар он минтақа ба қудрат расонид. Пас аз Шоҳ Маланг доъии низории дигаре ба номи Саид Шоҳи Хомӯш, ки аз Алавиёни Ҳусайнӣ буд ва нисбаташро ба Имом Мӯсии Козим мерасонид, баъд он ҷо омад. Ин доиён бунёдгузорони силсилаҳои пирон ва мироне шуданд, ки бар Шуғнону навоҳиҳои атрофи он ҳукумат карданд. Дар ин миён Бадахшон, ки дар дасти умарои маҳалли худ боқӣ монда буд, ба таври куллӣ аз болияи муғул дар амон монд. Ин ноҳия баъдҳо дар замони набераи Темур Абӯсаид (1251-1249) ба камару мутасарифоти темурӣ манзум шуд. Пас мансаби пирӣ ва мирӣ дар Бадахшон бо омадани ин ду кас шурӯъ мешавад. Асосгузораш пири Шоҳ Носир аст. Вале инҳо ҳам пирон ҳастанд, мумкин, ки баъдтар омаданд, то ки мавқеи исмоилиро боз ҳам мустаҳкамтар кунанд» [111].

Аз рӯи шарҳи муаллифи дастнависи «Равияи Исмоилӣ…»-и А. А. Бобринской (аниқтараш шарҳу тавзеҳи нашриёт) Саид Шоҳ Маланг аз Хуросон ба Шуғнон аз тарафи Оғохон барои тарғиби равияи Исмоилия фиристонда шудааст. Ба фикрам, агар ин гуфтаро ба инобат гирем, омадани Шоҳ Маланг ба Бадахшон ба асри XVIII рост меояд, зеро ки лақаби Оғохон дар давраи Шоҳ Фатҳалишоҳ (1797-1893) ба Имоми исмоилиён Ҳасан Алишоҳ дода мешавад. Омадани ин қаландарон дар асри XX тамоман аз ҳақиқат дур аст. Дар шарҳу тавзеҳоти китобчаи «Равияи Исмоилӣ…» боз омадааст, ки маънои ибораи «ба роҳи кушоди дарвешӣ ворид шуд» он аст, ки Шоҳ Маланг баъди сарнагун кардани Риви Фарҳод дар соҳили дарёи Шоҳдара хонақоҳе сохт. Ин иморат то рӯзҳои мо боқӣ намондааст, зеро бар асарои обхезӣ ва туғёни об аз байн бурда шуд. Мазмуни хонақоҳи исмоилиён нисбати хонақоҳи сӯфиён то андозае дигар аст. Хонақоҳи исмоилиён биноест, ки бо мақсади гузаронидани маҷолис, сӯҳбатҳои орифона ва мутолиаи китобҳои рӯҳбахш истифода мешавад. Дари хонақоҳ ба рӯи ҳама боз аст [101].

Дар рисолаҳои «Таърихи мулки Шуғнон»-и Саид Ҳайдаршоҳи Муборакшоҳзода [139] ва «Равияи Исмоилӣ…»-и А. А. Бобринской [101] барҳамзанандаи Риви Фарҳод Шоҳ Маланг бошад, аз рӯи маълумоти олими рус Л. Н. Харюков [191] яке аз ин доиён Шоҳи Хомӯш бо тарафдории ҳаммазҳабонаш мутаасибони исмоилӣ ҳокими ҳақиқии маҳалӣ Риви Фарҳодро сарнагун сохта, худро на фақат ҳоким, балки сарвари рӯҳонӣ низ эълон намуд. Аз рӯи маълумоти ин муҳақиқ азбаски баъдтар насли Шоҳи Хомӯш ҳокимони Шуғнон дар зери тобеияти мирони Бадахшон мондаанд, на фақат кӯдакони мавзеъҳои худро ба ғуломӣ ба мирони Бадахшон медоданд, балки инчунин фарзандони худро низ дар тарбияи дарбори онҳо монданд, то ки онҳоро тарбияю таълим дода, дар оянда ба мансаби ҳокимони маҳаллӣ дароянд. Шоҳи Хомӯш бо 70 хонаводаи шуғнӣ ба деҳаи Лангари дараи Туркияи Муъминободи Кӯлоб рафта, дар он ҷо ин 70 хонавода низ дар зери таъсири суннимазҳабҳо монданд ва мазҳаби сунниро

қабул намуданд. Яке аз донишмандони Хатлонӣ чунин нигоштааст, ки бозёфти бостоншиносон шаҳодат медиҳанд, ки Хатлон баъди тасарруф гаштанаш аз тарафи лашкари ислом низ урфу одат, анъана ва маданияти аҷдодии худро дер вақт боз нигоҳ дошт. Барои ҳамин ҳам, дар тӯли асрҳо мубалиғони мусулмонӣ мекӯшиданд, ки ин мардуми саркашро бо роҳи ташвиқу тарғиб мутеи шариат гардонанд. Дар натиҷа қисме аз онҳо дар ин ҷо оромгоҳи абадии худро меёфтанд. Мақсади Шоҳи Хомӯш бошад, чи тавре ки Фазлалибек қайд мекунад «бо таълиму талқини худ кофиронро мусулмон кардан» буд. Муаллифи «Таърихи Бадахшон» Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Фазлалибеки Сурхафсар ба сарчашмаи таърихие бо номи «Шаҷарат-ул-Содот» (муаллифаш номаълум) такя карда, боз менависад, ки «Саид Мир Ҳасаншоҳ мулақаб ба Шоҳи Хомӯш ба чанд восита ба ҷаноби Имом Ҳусайн ибни Алӣ мерасад… Ҷаноби амир Саид Ҳасаншоҳи Хомӯш ибни Саид Ҳайдари Исфаҳонист, ки аз амали авлиё мутақадимин буданд» [66].

Чуноне ки аз ин асар бар меояд, Шоҳи Хомӯш бо яке аз мутафаккирони машҳури шарқ Саид Абдулқодири Челонӣ (1078-1147) хеши наздик (холабача) буда, модараш Бибӣ Насиба хоҳари Бибӣ Фотима (модари Челонӣ) буд, ки ҳар дуяшон духтарони Саид Абдуллои Савмеа буданд. Пас Шоҳи Хомӯш ҳам аз тарафи падари саидзода (аз алавиёни Ҳусайнӣ) буда, шаҷарааш ба ҳазрати Алӣ мерасад. Инчунин баъди дар Муъминободи Хатлон сукунат ихтиёр кардан ва паҳн кардани ислом бо яке аз духтарони Саидзодаи маъруф Алишоҳи Валӣ издивоҷ карда, муносибати хешу таборӣ пайдо мекунад. Хуллас, Саид Шоҳи Хомӯш, ба мисли Шоҳ Малангу Шоҳи Кошон яке аз саидзодагони маъруфи исломӣ буда, ҳамчун мубалиғони исломӣ дар Бадахшон ҳамчун асосгузорони мирону пирони Шуғнон гардидаанд.

Пас аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки Шоҳ Бурҳони Валӣ низ ба мақсади таблиғоти динӣ ба Бадахшон омадаасту дар зери пардаи «дарвешию қаландарӣ» бо «мӯъҷизоту каромот» таблиғот бурдааст. Шиъӣ

будани ӯ бешубҳа аст, вале кадом шохаи онро (исмоилӣ, имомия, низория)-ро таблиғ кардааст, алҳол гуфтан ғайриимкон аст. Ба ақидаи Б. Искандаров бо омадани ин чор шахсият равияи исмоилӣ дар Бадахшон мустаҳкам гашт. Масъалаи дигари баҳснок аниқ кардани солҳои ҳаёту вақти омадани ин чор «қаландар» ба Бадахшон мебошад. Вобаста ба ин масъала боз саволе ба миён меояд, ки оё ин чор «қаландар» пеш ва ё баъд аз Носири Хусрав ба Бадахшон омадаанд [116]. Барои равшанӣ андохтан ба ин масъалаҳо боз ба адабиёти дастрасшуда такя мекунем. Тибқи маълумоти «Таърихи Бадахшон» санаи таваллуди Саид Шоҳи Хомӯш ба соли 469-и ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1066 мелодӣ рост омада, дар сини 72-солагӣ соли 531-и ҳиҷрӣ (1136 мелодӣ) реҳлат мекунад. Дар сини 12-солагиаш ба таври муъҷизавӣ таваллуд шудани яке аз шайхони бузурги исломӣ Абдулқодири Челониро пешгӯӣ кардааст [66].

Абдулқодири Челонӣ соли 471-и ҳиҷрӣ (1078 мелодӣ) таваллуд ёфта, дар сини 91-солагӣ соли 542 ҳиҷрӣ (1147 мелодӣ) вафот кардааст. Агар ин санаи таърихиро ба инобат гирем, Саид Шоҳи Хомӯш қариб ҳамасри Носири Хусрав буда, аз ӯ 62 сол хурдтар аст. То ба сини 12-солагӣ расидани ӯ Носири Хусрав дар Юмгони Бадахшон зиндагӣ кардааст. Мувофиқи маълумоти Иброҳими Бомиёнӣ ҳаёт ва фаъолияти Шоҳи Хомӯш ба солҳои 459-и ҳиҷрӣ (1081 мелодӣ) ва 531 ҳиҷрӣ (1153 мелодӣ) рост омада, соли 490-и ҳиҷрӣ дар сини 31-солагӣ бо шоҳдухтари Шуғнон Гулшакар ақди никоҳ мебандад. Пас, баъди 20-30 соли вафоти Носири Хусрав Шоҳи Хомӯш дар нимаи якуми асри XII ба Бадахшон омадааст. То омадани ин чор қаландарон ӯ алакай мақому манзалати хоса дар Бадахшон пайдо намуда буд [49]. Ҳангоми таҳқиқи рисола маълум шуд, ки дар китоби «Таърихи Бадахшон»-и Фазлалибеки Сурхафсар ва Сангмуҳаммади Бадахшӣ низ нуқсонҳои зиёд дида мешавад. Оид ба солҳои ҳаёти се қаландари дигар дар ягон рисолаи таърихӣ маълумот нест. Оид ба омадани онҳо ба Бадахшон низ байни олимон фикру ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Масалан, Фарҳод Дафтарӣ омадани онҳоро ба Бадахшон ба давраи исмоилиёни Аламут (1090-

1256) мансуб медонад. Ӯ менависад: «Мутобиқи ривоёти исмоилӣ, ки дар Шуғнон, ноҳияҳои дар Ҷайҳун воқеъ дар соҳили рӯди Панҷ ва дар Ғарби Помир, боқӣ мондааст, кеши низориро ду доӣ, ки аз сӯи Имомони низорӣ давраи Аламут фиристонда шуда буданд, ба Бадахшон оварданд» [111].

Аз рӯи маълумотҳои Минаев М. И. ҳанӯз Гордон аз рӯи гуфтаи шуғнониён навиштааст, ки авлоди шоҳони Шуғнон аз Форс буда, 500-700 сол пеш аз Хуросон омаданд ва мардумро ба исмоилия даъват кардаанд. Бо ҳамроҳи Шоҳи Хомӯш гӯё аз Дарвоз, ки дар он ҷо ислом пештар паҳн гаштааст, як гурӯҳ мусулмонон омада, ба паҳн кардани дини ислом машғул мешаванд [138]. Тибқи ин маълумот омадани ин чор қаландар ба асрҳои XII-XIV рост меояд.

Аз як суҳбате, ки бо номзади илмҳои филология Лаълҷубаи Мирзоҳасан низ сурат гирифт, остони Шоҳ Бурҳониддин, ки дар наздикии хонаашон (дар Тусёни ноҳияи Роштқалъа) воқеъ аст, шаҷара доштааст ва қисми он шаҷара ҳанӯз маҳфуз будааст. Пас, он ашхоси таърихӣ, ки дар ҳаёти маънавӣ-мазҳабии мардум нақши муҳим дошта, онҳо чун авлиё ва валӣ пазируфта шудаанд ва бархе аз остонҳое, ки бо номашон насб шудаанд, соҳиби шаҷара будаанд. Бояд эътироф кард, ки ин масъала таҳқиқи ҷиддитарро тақозо дорад. Бисёре аз остонҳо онҳо ҳам шомили шахсиятҳои таърихӣ ва мазхабӣ буда, аз мубалиғони дину оини ҷадид мебошанд. Яке аз онҳо Шоҳ Бурҳон ё Шоҳ Бурҳониддин аст, ки дар як ривояте, ки дар деҳаи Шанбедеҳи ноҳияи Ишкошим сабт шудааст, гуфта мешавад: «Дар деҳаи мо калонтарин ва бузургтарин қадамгоҳ Ҳазрати Шоҳ Бурҳон вуҷуд дорад. Мо ӯро тавре мефаҳмем, ки яке аз бузургон ба Кӯҳистони Бадахшон буда, ба ҳар деҳае, ки ворид гардидааст, барояшон қадамгоҳ гузоштаанд. Умуман, вай аз тарафи имоми бузургворамон барои ҳалли мушкилиҳои мардум фиристода шудааст. Барои осон кардани мушкилиҳо ва барои ба орзую мақсад расидани мардум ин бузургон басе кӯмак карда будаанд» [20].

Баъдҳо муаррихи тоҷик Б. И. Искандаров дар Шуғнон ҳуҷҷате бо номи «Шоҳи Кошониён» пайдо кардааст, ки он ривояти дастраснамудаи М.

И. Минаевро пурра мекунад. Аз рӯи он ҳуҷҷат гӯё аз Сабзавор ном маҳалли вилояти Машҳад (Шимоли Эрон) се бародари наслу насабашон номаълум Шоҳи Хомуш, Шоҳ Маланг ва Шоҳ Бурҳон бо фармоише ба Шуғнон омада буданд [116, с. 54]. Дар ривояте, ки дар «Таърихи Бадахшон» Қурбонмуҳаммадзода (Охун Сулаймон) ва Муҳаббатшоҳзода (Саид Шофутур) дарҷ ёфтааст, гуфта мешавад, ки Шоҳ Бурҳони Валӣ бо ҳамроҳи се дарвеши дигари пайрави исмоилимазҳаб ба Шуғнон омада, Тусёнро (ноҳияи Роштқалъа) истиқоматгоҳи доимии худ қарор додааст. Бо вуҷуди он, ки ҳар яке аз ин муаллифон ривоятеро зери назар гирифтаанд, аз онҳо ва ривоятҳои дигаре, ки баъдҳо бо нусхаҳои гуногун ба даст омадаанд, пайдост, ки Шоҳ Бурҳон (Бурҳониддин) аз шахсҳои таърихӣ ва яке аз аввалин мубаллиғони дини мусулмонӣ дар Кӯҳистони Бадахшон будааст. Чунончи, аз рӯи нақли сокини деҳаи Тем омадааст: «Инҳо чаҳор қаландар буданд. Инҳо одамони пок буданд. Шоҳ Бурҳон, Шоҳи Кошон, Шоҳи Хомуш, Шоҳ Маланг. Инҳо муъҷиза ҳам карданд. Шоҳ Бурҳон ин ҷо қадамгоҳҳои бисёр дорад. Остонҳо дар Помир бисёр аст. Инҳо одамони бузург буданд. Инҳо муъҷиза карданд» [2]. Аз ривоятҳо дар боло зикрёфта низ рӯшан аст, ки онҳо пеш аз ҳама бо кори хайру «муъҷизаҳояшон» дар байни мардум эътибор пайдо кардаанд. Шоҳ Бурҳон аз ҳар яке аз он ҳамсафаронаш дар Кӯҳистони Бадахшон, бахусус, дар Ишкошиму Рошткалъа бо «муъҷизаҳояш» бештар шӯҳрат пайдо кардааст. Дар бисёре аз маҳалҳои ин навоҳӣ ҷӯю чашмаҳо вуҷуд доранд, ки мардум онҳоро ба номаш алоқаманд медонанд.

Мо ҳангоми таҳқиқи мавзуъ дар дасти халифаи ҷамоати деҳоти Тусёни ноҳияи Рошткалъа Чаманов Мамадсаид, ки аз авлоди саидони Шоҳ Маланг аст, шаҷараи ин авлодро дастрас кардем, ки тибқи он аз насли имрӯз то давраи Шоҳ Маланг 18 ё 19 «пушт» насл рост меояд. Чуноне ки муҳаққиқ Юсуфшо Ёқубов менависад, мувофиқи қоидаи дар илм қабулшуда ҳисоби миёнаи як насл ба насли дигар 30 сол мебошад [112, с. 41-42]. Пас, агар ин шаҷараро ба инобат гирем, аз насли ҳозира то давраи Шоҳ Маланг 570

солро дарбар гирифта, ба асри XIV-XV рост меояд. Аз рӯи «шаҷара»-и мирони Шуғнон, ки М. С. Андреев аз охирин намояндаи онҳо Абдул Ғиёсхон ба даст овардааст ва дар китоби «Тоҷикони водии Хуф» ба табъ расондааст, бармеояд, ки аз давраи Юсуфалихон (охирин ҳокими Шуғнон солҳои 1871-1883) то давраи Шоҳи Хомӯш 14 насл рост меояд. Пас таърихи ин наслҳо 420 солро дар бар гирифта, давраи Шоҳи Хомӯш ба нимаи дуюми асри XV аниқтараш ба солҳои 1451-1463 рост меояд [93, с. 27-28]. Хулоса, ҳаёт ва фаъолияти ин чор касро муҳаққиқон ҳар хел нишон дода, аксарияташон бар он ақидаанд, ки Шоҳ Бурҳони Валӣ яке аз авлиёю анбиёи исломии асримиёнагӣ буда, дар натиҷаи таъқиботи динӣ маҷбур шудааст, ки дар либоси қаландарӣ равияи низория ё исмоилиро тарғибу ташвиқ кунадт. Дар рисолаҳо зикр шудааст, ки Шоҳ Бурҳони Валӣ аз худ насл ба мерос нагузоштааст, вале дар якчанд ривоятҳо гӯё ӯ фарзанде бо номи Шоҳ Неъматуллои Валӣ доштааст, вале азбаски дар хурдсолияш ба сеҳру ҷоду шавқу ҳавас доштааст, падараш ӯро зӯғу адоват карда, ӯ фавтидааст (ҷавонмарг шудааст): «Рӯзе Шоҳ Бурҳони Валӣ бо писараш аз назди мавзеи Ниводак гузар мекунад. Бо гурӯҳи заноне, ки кӯзабадаст дар ҷустуҷуи об буданд, вомехӯранд. Шоҳ Неъматуллои Валӣ ба марҳамати падар нигоҳ накарда, дуо кард, чашмаи об фавора зад, занҳо ин муъҷизаро бо чашми худ диданд. Дар сафари дуюм дар худи ҳамин ҷой бо ҷавонзанон ва ҷавонмардҳо вохӯрд. Ду ангушти дасташро боло карда, ду оҳубача аз кӯҳ фуромада, болои ангуштони даст ба рақс даромаданд. Аз ин ҳол, худнамоию беҳурматӣ нисбати падараш, яъне бе иҷозати ӯ чунин амал кардан боиси ранҷиши хотири падараш гашт. Падараш аз ӯ ранҷид, ӯ ҷавонмарг шуд…» [3].

Албатта маълум аст, ки писари Шоҳ Бурҳони Валӣ – Шоҳ Неъматуллои Валӣ ҳамон мутафаккири бузурги карнҳои XIV-XV нест. Зеро ки Шоҳ Неъматуллои Валӣ номи ҳақиқияш Саид Нуриддин ибни Мир Абдуллои Моҳони Кирмонӣ буда, мазору мақбарааш дар мавзеи Балҷувони Хатлон воқеъ аст, муассиси силсилаи дарвешӣ «неъматуллоҳия»-и тасаввуф

буда, яке аз бузургтарин олим, шоир ва мутафаккири қарнҳои XIV-XV мебошад. Ӯ дар Кирмони Эрон таваллуд ёфта, падараш араб ва модараш аз форсиёни Эрон аст. Мутафаккирро дар мамолики Шарқу Ғарб бо номҳои Шоҳ Неъматуллои Валӣ, Шайх Неъматуллои Кирмонӣ эътироф карда, дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб ӯро чун Шоҳ Неъматуллои Марди Валӣ ва Шоҳ Неъматуллои Зарроби Балҷувонӣ мешиносанд. Воқеияти ҳол ин аст, ки мутафаккир ба ҳайси сӯфии комил сафарҳои зиёде анҷом додааст. Мардуми мавзеи Балҷувон итминон доранд, ки мутафаккир дар садаи XV дар синни 103-солагӣ дар ин ҷо вафот карда, дар хонақоҳи таъсисдодааш тавассути муридони ин маҳал дафн гаштааст. Дигар ин, ки Шоҳ Неъматуллои Валӣ писари Шоҳ Бурҳон аз рӯи ривоят ба балоғати комил нарасида фавтидааст. Зуғу адоват кардани ӯ низ маншаи пеш аз исломӣ дошта, решааш ба сеҳру ҷоду тааллуқ дошта, ба ислом мансубият надорад.

**Макони зисти доимии Шоҳ Бурҳони Валӣ.** Шоҳ Бурҳони Валӣ дар деҳоти Тусён маскан гирифтааст. Вақте ки Шоҳ Бурҳон ба мавзеи Тусён омадааст, дар он ҷо ҷангалзори бузурге будааст, одам он ҷо зиндагӣ намекардаст, фақат хайвоноти ваҳшӣ мавҷуд будаанд. Шоҳ Бурҳони Валӣ ин ҷангалзорро сӯзонда, ба ободӣ пардохтааст ва одамон оҳиста-оҳиста он ҷо сукунат ихтиёр карданд. Ҳамсафаронаш – Шоҳи Хомуш дар мавзеи Тем аз тарафи Афғонистон ҷои маскан гирифта, баъдтар ба тарафҳои Кӯлоб ҳиҷрат кардааст. Шоҳ Маланг бошад дар деҳаи Поршинев, ки авлоди саидон худро аз насли вай мешуморанд, маҳалли зисти худ интихоб мекунад. Шоҳи Кошон бошад дар Шуғнони Афғонистон маскан гирифтааст. Аз рӯи ривоятҳо дар байни чор қаландар робита мавҷуд будааст, муъҷиза ва каромотҳои худро ба ҳамдигар нишон медоданд. Дар деҳоти Тусён ҷӯйбори калоне бо номи Шоҳ Бурҳон мавҷуд аст, ки вай аз қишлоқи Девлох тӯл кашида, то охири қишлоқи Намадроҷ ва наздикиҳои мавзеи Даштаки Хидорҷев, ки тахминан 7-8 километрро дар бар мегирад, ҷорӣ аст. Мувофиқи ривоятҳо Шоҳ Бурҳони Валӣ бо Ватанӣ ном хизматгораш аз тарафи қишлоқи Лахшик то ба Девлох мерафтанд ва Шоҳ Бурҳон бо асояш

барои ҷӯйбор накша меофарид. Вакте ки ба мавзеи Девлох расиданд, бели Шоҳ Бурҳони Валӣ, ки дар дасти хизамтгораш Ватанӣ буд, фармон медиҳад, ки бо ҳамин накша аз тарафи Девлох ба Лахшик ҳаракат кунад. Шоҳ Бурҳон ба хизматгораш Ватанӣ ду шарт гузоштааст. Якум, то ба охири Лахшик расидан дар ягон ҷо наистад, дуюм ба қафо нигоҳ накунад. Аммо Ватанӣ ба ин муъҷизаи Шоҳ Бурҳони Валӣ чандон боварӣ надошта, дар мавзеи Шошин ном ҷой истодааст ва дар ин ҷо маҷрои об қарор мегирад. Ватанӣ боз роҳро давом дода, тахминан то як километр дуртар аз мавзеи Шошин ба қафо нигоҳ кардааст, ки об ба поён ҷорӣ шудааст ва ин мавзеро ба забони шуғнонӣ ҳозир «Бахгоҳ», яъне тақсимгоҳ меноманд, ки аз ҳамин ҷо ин ҷӯйбор ба ду қисм ҷудо мешавад: ҷӯйбори болоиву поёнӣ. Дар вақти сохтани ҷӯйбор ё ободии дигар монеае агар пеш меомад, Шоҳ Бурҳони Валӣ онро бо кароматаш бартараф мекард [9].

Аз рӯи нақли калонсолон ду ақида мавҷуд аст: Якум, дар поёни мазори Шоҳ Бурҳон ҳамворӣ аст, ки он ҷо Шоҳ Бурҳон ҳуҷрае доштааст, ки он ҷо мезист, аммо баъди аз дунё реҳлат карданаш ҳуҷраашро сел бурдааст. Ба ақидаи дигар, ӯ зиндагии қаландаронае дошт, яъне хона ё ҳуҷрае надоштааст. Аз рӯи гуфтаи мардум вай зану фарзанд надошт, модараш ҳамроҳаш будаст, чунки дар дохили мазори Шоҳ Бурҳон се қабр мавҷуданд. Яке аз худи Шоҳ Бурҳон, дуюмаш аз модараш ва сеюм аз хизматгораш. То реҳлат кардани Шоҳ Бурҳони Валӣ дар деҳаи Тусён одамони зиёде сукунат ихтиёр карданд. Ба ғайр аз хизматгораш Ватанӣ ба Шоҳ Бурҳон марди оҳангаре бо номи Одибек хизмат мекардаст. Шоҳ Бурҳон пеш аз вафоташ ҷои мазорашро нишон додаст ва ин хизматгорон бо одамоне, ки ин ҷо зиндагӣ мекарданд васияти Шоҳ Бурҳонро ба ҷо оварда. Дар ҳамон ҷои мазоре, ки то кунун мавҷуд аст, дафн карданд. Қабраш дар баландии мавзеи лангари деҳаи Тусён мавҷуд аст. Мардумон баъди реҳлат кардани Шоҳ Бурҳон садсолаҳо боз ӯро парастиш мекарданд ва гумон мекарданд, ки ӯ ҳарчанд зоҳиран аз дунё реҳлат карда бошад, аммо рӯҳаш зинда аст ва

мазорашро зиёрат карда, аз ӯ мадад мехостанд. Шоҳ Бурҳони Валӣ авлод надорад, авлодаш гӯё дар шаҳри Сабзавори Эрон мебошанд.

Даврахои пеш дар ин остон туғ ва чароғдони Шоҳ Бурҳон мавҷуд буд. Солҳои 40-уми асри сипаригашта бо сиёсати давлати Шӯравӣ туғ ва чароғдонро аз он ҷо гирифта бурдаанд. Аз нақли баъзеҳо бармеояд, ки гӯё онҳо дар осорхонаи Санкт-Петербурги Россия мавҷуд ҳастанд. Туғро дар даврахои пеш, вақте ки касалии вабо мардуми зиёдро ба коми марг мекашидаст, бароварда, дар ҳамон ҷое, ки касалӣ будаст, бо вай мегаштаанд. Чароғдонро аҳли деҳоти Тусён ба хонаи яке аз одамоне, ки дар наздикии остон зиндагӣ карда остонро рӯбучин мекард, мебурданд ва он шахс ҳар шаб ба остони Шоҳ Бурҳон равған бурда, дар чароғдон рехта, онро дармегиронд. Ба ғайр аз ин, боз деги калон барои пухтани таомҳои хайру худоӣ, ки ба Шоҳ Бурҳон мансуб будааст, мавҷуд аст. Боз ду чодари пахтагин, ки дар замонҳои пеш ба рӯи оромгоҳи Шоҳ Бурҳон мепартофтанд, мавҷуд ҳастанд. Ин асбобҳо дар даруни мазор, дар кунҷи мазор, ки ҷои махсус дорд, дар он ҷо нигоҳ дошта мешаванд. Касе ки ба зиёрати мазори Шоҳ Бурҳони Валӣ мераваду ин асбобҳоро дидан мехоҳад, барои ӯ нишон додани онҳо раво аст.

Дар деҳаи Тусён боз ду қадамгоҳи дигари Шоҳ Бурҳон мавҷуданд. Яке дар мавзеи Девлох ва дуюмаш дар мавзеи Шош, ки аз рӯи ривоятҳо санги фалахмони Шоҳ Бурҳони Валӣ дар он ҷо мавҷуд аст. Ин қадамҷойҳои Шоҳ Бурҳони Валӣ дар дохили иморат набуда, ҳар ду дар ҷои кушод мебошанд. Дар мавзеи Девлох дар болои санг ҷои кафши Шоҳ Бурҳонро зиёрат мекунанд. Дар он ҷо ягон дарахт нест. Дар он ҷо санги калони чоркунҷашакл мебошад, ки дар болояш изи пои Шоҳ Бурҳон ва санги кулӯлаи ба шакли тӯби майда дар болояш мебошад, ки ин санги кулӯла бар асари молидани равған дар ҷои изи пои Шоҳ Бурҳон сиёҳ шудааст. Дар мавзеи Шош дарахти калони сафедор ба номи Шоҳ Бурҳон ва дар зери ҳамин дарахт санги калони кулӯла буда болои он санги кулӯлаи майда гузоштагӣ, ки бо мурури молидани равған сиёҳ шудааст. Дар ин ду остон

ягон асбобу анҷом вуҷуд надорад, фақат ба ҳамон сангҳои кулӯла даст расонда, зиёрат мекунанд. Остони мавзеи девлох аз хонаҳои истиқоматии ин мавзеъ каме дуртар аст. Остони мавзеи Шош бошад дар мобайни хонаҳои истиқоматӣ воқеъ гардидааст.

**Ҷӯйбору чашмаҳо ба номи Шоҳ Бурҳони Валӣ.** Чашмае, ки дар қарибиҳои мазори Шоҳ Бурҳон мавҷуд аст, аз қадим сокинони дехаи Тусён аз насл ба насл онро муқаддас медоранд ва дар баъзе мавридҳо чун оби шифобахш истеъмол мекунанд. Чунин чашма дар қишлоқи Хичихи ноҳияи Рошткалъа низ мавҷуд аст, ки онро ҳам чашмаи Шоҳ Бурҳон меноманд. Онро ҳам аз қадим одамон муқаддас мепиндоранд. Дар наздаш дарахти калони арар мавҷуд аст, ки мардумони мавзеи Шоҳдара аз қадим ин чашма ва дарахти араррo муқаддас мешуморанд ва ба зиёраташ мераванд. Аз ҷӯйбори калони Шоҳ Бурҳон ҳоло шаш қишлоқ истифода мебаранд. Инчунин, чор осиёб бо оби ин ҷӯйбор кор мекунанд. Ҷӯйбори Шоҳ Бурҳони Валиро дар деҳаи Тусён ва деҳаи Барочи водии Шоҳдара барои об додани зироат, полезҳо ва боғҳо ва инчунини дигар, ба кор даровардани осиёбҳо аз давраи қадим то инҷониб истифода мекунанд.

Ба чашмаҳои Шоҳ Бурҳони Валӣ, ки дар деҳаҳои Тусён ва Хичихи водии Шоҳдара мавчуданд, одамон эътиқоди махсус доранд. Дар назди чашмаи Шоҳ Бурҳони Валӣ, дар қишлоқи Хичих дарахти калони арар мавҷуд аст, ки онро ҳам аз муъҷизаи Шоҳ Бурҳон мешуморанд. Мардуми ин мавзеъ аз чӯби он дарахт барои ҳезум ё сохтмони хона истифода намекунанд. Дар дехаи Тусён дар мобайни мазор ва чашмаи Шоҳ Бурҳон дарахтони зардбед ба тарзи бутта рӯидаанд. Аз рӯи нақли баъзе калонсолон ин дарахтон аз муъҷизаи Шоҳ Бурҳон нестанд. Аммо мардумон онҳоро аз давраҳои пеш муъҷизавӣ мешуморанд. Чӯбҳои хушкшудаю афтидаи онро ҳам барои ҳезум ё барои ягон олоти рӯзгор истифода намекунанд. Шоххҳои шикастаю хушкшудаи ин дарахтонро танҳо дар ягон маросими мазҳабӣ – қурбонии ягон ҳайвон ё хайру худоӣ, ки ба хотири Шоҳ Бурҳон касе медиҳад, барои пухтани он таом истифода мебаранд. Дар иди Наврӯз

сокинон аз зардбеди назди чашма воқеъбуда шохаҳоро гирифта ба хонаҳо мерафтанд ва «Шогун баҳор муборак» гуфта, дар мобайни тирчӯби болопӯши хона мегузоштанд. Ин анъана то ҳоло ҳам ба ҷо оварда мешавад.

Тарзи иҷрои маросимҳо дар назди чашмаву ҷӯйборхо бо расму оини аҳолии дигар мавзеъҳои Тоҷикистону Осиёи Марказӣ то андозае шабоҳат дошта бошад, вале вобаста ба «қадамҷой»-ҳо аҳолии Помири Ғарбӣ расму оинҳои хосеро низ иҷро мекунанд. Масалан, агар «Иди ҷӯйбори Шоҳ Бурҳон»-ро дар деҳаи Бароҷи ноҳияи Роштқалъа гирем, он танҳо хоси сокинони ин маҳал мебошад. Ин расм дар дигар ҷойҳои Кӯҳистони Бадахшон низ бо андак тафовут ба ҷо оварда мешавад. Аз рӯи анъана рӯзе, ки Шоҳ Бурҳон ҷӯйро баровардааст, мардум он рӯзро ҷашн мегиранд. Ба ин ҷашн пешакӣ омодагии пурра мебинанд. Ҳар як хонавода барои таъмири ҷӯйбор хӯроке бо номи «намозӣ» омода мекунанд. Якчанд рӯз пеш аз баромадан ба кандани ҷӯйбор аз ҳар хонадон ширро ҷамъ оварда, аз он равған тайёр мекунанд. Ҳар як хоҷагӣ дар ду табақи калон нонро андохта, яктояш барои мазори Шоҳ Бурҳон, дигараш барои таъмири ҷӯйбор истифода мебаранд. Ҳар сол, вақте ки ба таъмири ҷӯйбор мебароянд, ду рӯз ид мекунанд. Барои он рӯзи хайр «суото»-ро таъйин мекунанд, ки одатан ба рӯзҳои чоршанбею ҷумъа рост меояд. Тибқи маълумоти сокинони деҳаи Бароҷ (ноҳияи Роштқалъа) бо ҳидояти халифа дар рӯзи чоршанбе ҳамаи мардон ба остони Хоҷаи Қишқор мебароянд. Дар он ҷо қурбонӣ ба ҷо оварда мешавад. Аз гӯшт ва равғани чорвои забҳшуда мӯйсафедон таомҳои маросимии «бат», «қамочтарит» ва «харво» тайёр мекунанд. Баъди хӯрдани «худоӣ» халифа фотеҳаи «Назри мӯъмин кабул»-ро мехонад ва дар ин ҷо ҳар гуна бозиҳо, аз қабили кабкчанг, гӯштингирӣ, ақолбозӣ ва ғайра ташкил мекунанд. Баъди хӯрдани таоми нисфирӯзӣ, боқимондаи таомро гирифта, ба «Қамочдӯн» ном остон равон мешаванд. Дар он ҷо занон ду нони калон (қамоч) пухта мемонанд. Қамочро барои ҳамаи одамони дар он ҷо ҳозирбуда тақсим карда медиҳанд, онро «табарукӣ» меноманд. Он «табарукӣ»-ро ба хонаҳо мебаранд, то ки ҳама онро хӯранд ва дар

хонадонашон баракатӣ барқарор бошаду ҳамон сол зироат серҳосил шавад. Дар рӯзи ҷумъа саҳарии барвақт мардон ба сари кӯҳ сари ҷӯй мебароянд. Ҳар як бо худ савғотӣ (тӯша) мегирад, ки он одатан аз нон ва равған иборат аст. Вақте ки ҳама ба манзил мерасанд, қамочтарит тайёр мекунанд, ки онро пеш аз нисфирӯзӣ тановул карда, каме дам мегиранд. Баъд мӯйсафедон дар ҳамин ҷо меистанду ҷавонон ба тозаю таъмир кардани ҷӯйбор шурӯъ мекунанд. Корро, албатта, шахсе бояд шурӯъ кунад, ки сабукдасту покниҳод бошад. Аз ҳамин баландии қуллаи кӯҳ то саргаҳ ҷӯйборро тоза мекунанд.

Сокини дигари ин деҳа нақл кард, ки таъмиргарони ҷӯйбор то нисфирӯзӣ ба мавзее, ки «жирведъд-дара» (айнан, дараи сангпаронӣ) ном дорад, мерасанд. Дар ин ҷо мусобиқаи сангпартоӣ барпо мешавад. Ҳар як кас сангеро гирифта, ба ҷои таъйиншудаи баландии кӯҳи болои ҷӯй мепартоянд. Санги касе, ки ба баландӣ расад, ғолиб дониста мешавад ва соҳиби тӯҳфа ва офаринбоди ҳозирин мегардад. Дар ин ҷо бозии дигар ҳам гузаронида мешавад, ки онро «тири борунак» мегӯянд. Одате аст, ки вақти ҷашнгирӣ ягон кас бояд пуштнокӣ нахобад, дар акси ҳол ҳама омада, ба болояш савор мешаванд ва ӯ бояд донад кӣ аз ҳама боло аст.

Дар вақти нисфирӯзӣ таоми қамочтарит меоранд. Давраи пеш онро бо халтаи аз пӯсти буз меоварданд. Баъди тановули ин таом корро идома медиҳанд. Яке аз мӯйсафедони барӯманд дар як табақ равғанро гирифта, ба саргаҳи ҷӯйбор меояд, ки дар наздаш остон аст.  Он ҷо оташ даргиронда, ба он ситрахм мепартояд. Дар ин маврид дигарҳо аз панҷ ҷое, ки об мебарояд, он ҷоро тоза карда, обро ба он ҷое, ки санги калон аст ва он ҷо оби чашмаҳо якҷо мешавад, ба ҷӯй сар медиҳанд. Санге, ки аз тагаш об мегузарад, чун остони Шоҳ Бурҳон ёд мешавад. Обе, ки аз таи ин санги калон ҷорӣ мешавад, он ҷоро «қамочак» ё «ғундолак» мегӯянд. Вақте ки об ба ин мавзеъ мерасад, оини «маскачихацчид» (ба об партофтани маска) шурӯъ мешавад. Он мӯйсафед ба ҷӯйбор маскаро мепартояд ва бачаҳо ва ҷавонон обе, ки аз таи «ғундолак» берун меояд, маскаро бо саъю талош дошта мехӯранд. Дар ин вақт хама хурсандию ҷасту хез мекунанд, ба ҳамдигар об мепошанд ва

ҳамдигарро бо фарорасии баҳор табрик мекунанд. Баъд ба он ҷое бармегарданд, ки саҳарӣ дар баландии кӯҳ дам гирифта буданд. Дар он ҷо хӯроки шом мехӯранд. Боқимондаи хӯрокро барои ба хонаҳо бурдан тақсим мекунанд, ки онро «табарукӣ» мегӯянд. Вақте ки об ба қишлоқ мерасад, мардум онро бо хурсандиву хушнудӣ пешвоз мегиранд. Занон даф (доира) мезананд. Ҳар кас ба об даст расонда, обро зиёрат мекунад. Зарфҳоро пури об карда, ба хонаҳо мебаранд, қатрае аз он ба хамир мечаконанд. Аз боби «Иди ҷӯйбори Шоҳ Бурҳон» муҳаққиқон М. Аламшоев ва Т. Қаландаров мақолаи махсус таълиф намуда, ба чоп расондаанд [87, с. 69].

Аз ин маълумоту қайдҳо пайдост, ки бисёре аз расму оинҳое, ки дар Кӯҳистони Бадахшон иҷро мешаванд, бо ривоятҳои мардумии доир ба ашёҳои табиат ва шахсони таърихӣ ба якдигар алоқаманд ҳастанд ва яке ҳамчун эҷодиёти шифоҳӣ ва дигаре чун фолклори иҷроӣ дар ҳамбастагии зич қарор дошта, онҳо дар маҷмуъ ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва афкори маънавию фалсафии мардуми Кӯҳистони Бадахшонро таҷассум мекунанд.

Хулоса, Шоҳ Бурҳони Валӣ яке аз он чор қаландари Сабзаворӣ буда, шахсияти барҷастаи бо муъҷиза ва каромат машҳурбудаи замони худ дар байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон, хусусан аҳолии водии Шохдара машҳур аст. Халқи водии Шохдара, алалхусус, мардуми деҳоти Тусён аз қадимулайём ба Шоҳ Бурҳони Валӣ эътиқоди бузург дошта, ба номи ӯ то кунун ҳам қасам ёд мекунанд. Эътиқод ва маҳбубияти мардумони водии Шохдара ва дигар манотиқи Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба Шоҳ Бурҳони Валӣ аз он сабаб шояд зиёд бошад, ки ин шахси бузург барои беҳбудии халқ кӯшиши зиёде ба харҷ додааст. Дар чанд ҷойҳо бо «муъҷиза» ва бо меҳнат ҷӯйборро канда, барои заминдорӣ ба мардумон шароити мусоид фароҳам меовард. Аз рӯи ривоятҳои мардумӣ дар чанд ҷой аждаҳоро, ки ба мардумон таҳдиди марг мекарданд, нобуд кардааст. Деҳоти Тусён, ки то омадани Шоҳ Бурҳон ҷангалзори касногузар ва ҷои даррандагон ва аждаҳор будааст, Шоҳ Бурҳони Валӣ аввал ин ҷангалзорро сӯзонда, аждаҳоро ба худ таслим карда, аз ин мавзеъ рондааст. Ҷӯйбори калоне, ки бо номи Шоҳ Бурҳон мавҷуд аст,

бо муъҷизаи худ сохта, ба мардумон барои зироаткорӣ ва боғдорӣ шароит муҳайё намудааст. Хулоса, Шоҳ Бурҳони Валӣ кӯшиш ва фидокорӣ барои беҳбудии ҳаёти халқ карда, бо муъҷиза ва каромат дар диёри кӯҳистон хеле машҳур гаштааст. Одамон аз замони қадим ба ин шахси бузург аз насл ба насл эътиқоди беандоза доштанд, мазорашро зиёрат мекарданд. Ин анъана то имрӯз ҳам давом дорад. Аз замони қадим эътиқоди зиёд доштани мардумон нисбати Шоҳ Бурҳони Валӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мардумон ба ғайри зиёрати мазори Шоҳ Бурҳон аз остонаи мазор барои «табарук» хок мегирифтанд, ба хотири он ки дар вақти бемор шудан қадре аз ҳамон хок истеъмол мекарданд. Дар назди мазор чашмаи Шоҳ Бурҳон аст, ки онро чун оби шифо менӯшанд.

Аз нақлу ривоятҳо маълум мешавад, ки мардуми Бадахшон чун яке аз халқҳои қадимӣ бо бисёре аз хусусиятҳои ҳаёти маънавӣ-фарҳангии худ бо халқу кишварҳои ҳамсоя ва дур низ дар алоқамандии зич қарор доранд. Ин ҳодиса аз ривояту асотирҳои бешуморе барҷаста ба назар мерасад, ки дар омӯзиши таърихи Бадахшон онҳо мақоми хосае доранд. Вале бояд кайд кард, ки ошкор кардану мансуб донистани ин ё он ривоят ба халқҳои дигар тадқиқоти махсуси илмиро тақозо дорад. Мо дар ин ҷо мувофиқи имконият кӯшиш ба харҷ додем, ки каму беш симои таърихии Шоҳ Бурҳони Валиро дар асоси таҳлилу таҳқиқи баъзе ривоятҳое, ки аз нигоҳи тобишҳои маъноӣ ба ривоятҳои сокинони дигар монандӣ доранд, ошкор созем. Чунон ки аз мазмун ва мундариҷаи қисме аз ривоятҳо бар меояд, яке аз каромату муъҷизаҳои Шоҳ Бурҳони Валӣ он будааст, ки ӯ асо ё асобелча доштааст, ки тавассути он ба таври муъҷизавӣ чашмаҳою ҷӯйборҳо бароварда шудаанд: «Шоҳ Бурҳони Валӣ ҳамроҳи аҳлу оила бори аввал дар мавзеи Пушти Баҳори деҳаи Ширгин ихтиёри истиқомат интихоб менамояд. Ин мавзеъ замини киштбоб дошта, аммо дар вақти баҳору зимистон аз беобӣ танқисӣ мекашид. Шоҳ Бурҳони Валӣ дар ҷои хушк дар баландие асобелчаашро халонда, об фавора зад…» [4]. Агар ин ривоятҳоро бо ривоятҳои мардуми водию навоҳии дигари Бадахшон ва дигар халқҳо муқоиса кунем, дар бисёр

ривоятҳо нақши «асои муъҷизанок» (сеҳрнок) ба чашм мерасад. Масалан, дар ривоятҳои пайдоиши чашмаи Носир дар ҷамоати деҳоти Поршинев, пайдошавии чанорҳои Шоҳтолибу Шоҳ Носир дар Вомари ноҳияи Рӯшон, пайдоиши 3 арча – остон дар деҳаи Бардараи деҳоти Бартанг, таърихи пайдоиши «мазор-бед»-и деҳаи Аҷирхи деҳоти Бартанг ва ғайраҳо низ вобаста бо халондани «асои сеҳрнок» дар замин мепиндоранд ва боиси пайдоиши ин ашёҳои табиат шуда, ин деҳаҳо ободу зебо гаштаанд. Ва ё ки «асои ба замин халондашуда» ба дарахти азимҷусса табдил ёфта, ҳамчун дарахти муқаддас ба зиёратгоҳ табдил ёфтааст. Агар ба ривояту асотирҳои дигар халқҳои дунё ҳам назар андозем, дар онҳо низ «асои сеҳрнок» дида мешавад. Масалан, аз рӯи ривоятҳои яҳудиён Мӯсо пайғамбар, маҳз, тавассути «асои сеҳрнокаш» дарёи Нилро аз ҳаракат боз дошта, қавмашро аз қатли Фиръавн наҷот додааст [58, с. 186].

Пас, решаи пайдоиши ривоятҳои оид ба «асои сеҳрнок»-ро бояд ба таври дақиқ таҳлил намуд ва дар асоси он муайян хоҳад шуд, ки образи «асои сеҳрнок» хеле кадима буда, вориди симои Шоҳ Бурҳон низ гаштааст ва ба он тобиши асотирӣ бахшидааст.

Образи «асои сеҳрнок», аслан қабл аз пайдоиши дини ислом буда, решаи он ба парастиши дарахт алокаманд буда, дарахти муқаддас манзилу макони қувваҳои фавқултабии рӯҳ (арвоҳ) аст.  Аз ин рӯ, дар тамоми кишварҳо дарахтҳое, ки дар назди мазор ҳастанд, буридану сӯзондан, арра кардану ҳаргуна амали беҳурматӣ нисбати онҳо мамнӯъ аст. Ва гӯё агар касе ба дарахти мазор осеб расонад, ба касалӣ ва ё ҳатто марг дучор мешавад: «Чунин ривоят мекунанд, ки ҳангоми сафаре Шоҳ Бурҳон дар мавзеи Хичих (н. Роштқалъа) дам мегирад ва барои худ чой мепазад, ки дар ин ҳангом чӯби нимсӯхтаро гирифта, ба замин ғарқ мекунад. Аз зери замин об фавора зада мебарояд ва он чӯби нимсӯхта ба дарахт табдил меёбад… Имрӯз ин ҷои муқаддас ба шумор меравад. Гӯё як вақт Сарвар ном шахс хостааст, ки онро бурида, аз чӯби он барои худ хона созад ва ҳангоме ки теша ба танаи дарахт мерасонад, аз танаи дарахт хун ҷорӣ мешавад. Он мард баъди 3-4 рӯз вафот

мекунад ва он чӯберо, ки буридааст, алҳол дар назди ҳамон дарахт хобидааст» [35]. Вобаста ба дарахти мазор (ҳачун ашёи зинда) расму русумҳои зиёд ба ҷо меоранд. Масалан, гирди дарахти мазор тавоф кардан, бастани латтапораҳои аз либоси шахси бемор дар дарахт, шохчаҳои хурди онро гирифта дар об тар кардану ба бемор додан ва ғайраҳо хусусияти сеҳру ҷоду дорад, ки решаи он низ ба давраҳои қадим мерасад. Дар мардум ҳатто бовару эътиқоде ҳаст, ки тибқи он агар шахсе ба асп савор бошаду ҳангоми аз пеши мазор, бахусус, дарахт ё санги мазор пиёда нагардад, ба ягон мусибату бало гирифтор мешавад.

Дар бархе аз ривоятҳо омадааст, ки гӯё Шоҳ Бурҳон деге доштааст, ки агар дар он хӯрок мепухт, чӣ қадар хӯрокро ба мардум медод, вай камӣ намекард: «Шоҳ Бурҳон деге доштааст, ки доимо дар он «алимов» ё худ «худоӣ» пухта, мардумро ба хӯрдан даъват карда, дини худро ташвиқу тарғиб мекард… Дар мавзее Шоҳ Бурҳон бо дегаш ба соҳил мебарояд ва мардуми ин маҳалро ба хӯрокхӯрӣ даъват менамояд. Дар аснои хӯрокхӯрӣ байни занони ин маҳал шӯру ғавғо мехезад. Шоҳ Бурҳон ба ин муносибат деҳкадаро Занинс ном ниҳода, аз ин ҷо боз ба пӯстинаш савор шуда, ба оби дарё даромада, дегашро гирифта, ба Тусён мерасад» [15]. Дар ҷои дигари ин ривоят омадааст, ки гӯё Шоҳ Бурҳон ба «деги ҷӯшон»-и пур аз хӯрок муроҷиат кардааст, ки «мутбаҳ бархез» ва дег ба ҳаракат ба парвоз даромадааст. Решаи таърихи пайдоиши «деги ҷӯшон» ба яке аз шаклҳои дину оини «шаманизм» алоқаи зич дошта, бисёр аломатҳои он, бахусус, «деги сеҳрноки ҷӯшон» дар рвоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон дида мешаванд.

Мутаассифона то кунун шахсияти пурраи таърихии Шоҳ Бурҳон ошкор нагаштааст. Шоҳ Бурҳони Валӣ кӣ буд ва чӣ хел ӯ дар миёни мардуми Бадахшон мақому манзалати хосса пайдо намудааст, ки мақбарааш ба яке аз зиёратгоҳҳои калон табдил ёфтааст. Шоҳ Бурҳони Валӣ ҳамчун шахси аҷибу муъҷизакор, бунёдгузору ободкунанда дар зеҳни мардум сахт нақш баста, аҳолии водии Шоҳдара ва бархе аз навоҳии Кӯҳистони Бадахшон ӯро

дар баробари дигар анбиёву авлиёҳои мусулмон хеле бузург мешуморанд. Ба шахсияту мазори ӯ чунон эътиқоди қавӣ доранд, ки вобаста ба эътиқодашон расму оинҳои гуногун иҷро мегарданд. Ба номаш қасам ёд мекунанд ва онро ба хотири нек пос медоранд. Эътиқод ба мазор дар ҳаёти диниву фарҳангии сокинони ин маҳал нақши намоён бозида, ба ҳар як сокини он таъсири амиқи худро расондааст.

## 3.3. Доир ба шахсияти Ҳаким Носири Хусрав дар ривоятҳои мардумӣ

Мардуми Кӯҳистони Бадахшон, чун аксари мӯътақидони мазҳаби исмоилия дар ҳудуди Осиёи Миёна, нисбати Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ихлос ва эътиқоди бузург дошта, дар бораи шахсияташ ривояту ҳикоятҳои таърихӣ он қадар бофтаву гуфтаанд, ки назар ба дигар ривоятҳо доир ба шахсони таърихӣ зиёданд. Ин ҳама, аз як тараф эътиқоди зиёди мардум нисбати мутафаккиру файласуфи мумтоз бошад, аз тарафи дигар, бунёди бисёр расму оин ва унсурҳои ҳаёти моддӣ ва фарҳангии худро ба номи ин аллома алоқаманд медонанд. Рубоии зерини халқӣ эътибору маҳбубияти Ҳаким Носири Хусравро дар байни мардум барҷаста бозгӯй мекунад:

Шоҳносири Хусрав гули бехор аст,
Аз насли Расулу Ҳайдари Каррор аст.
Дар синаи ҳар кӣ меҳри ӯ сабт бувад,
Ҷон дар тани ӯ чу лаъл дар Кӯҳсор аст.

Қисми зиёди ривоятҳои доир ба Носири Хусрав гуфташуда дар нусхаҳои гуногуни «Гуҳаррез» ва дигар осори хаттӣ низ дарҷ гардидаанд, ки аз ин хусус поёнтар фикру андешаҳо иброз хоҳанд ёфт.

Аз рӯи мазмуни бархе аз ривоятҳо чунин ба назар мерасад, ки Ҳаким Носири Хусрав қариб ба ҳамаи деҳоти Бадахшон сафар карда, аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ ва хислату рафтори сокинон дар ҳаққи онҳо чизе гуфтааст ё ба ин мавзеъҳо унвон гузоштааст. Доир ба мавзеи Танг, воқеъ дар водии Ғунд (Шуғнон) чунин ривояте ҳаст, ки номи Тангро гӯё Носири Хусрав ба он раво

дидааст. Ӯ замоне ба ин ҷо омада будааст, ки ин ҷо на ягон роҳи дурусту на ягон чизе дигар доштааст. Ӯ баъд гуфтааст: «Чун ин ҷои танг аст, худо онро тангтар гардонад». Аз ҳамон рӯз номи Танг ба он насб шудааст [36]. Қисми зиёди ривоятҳое, ки байни сокинони Бадахшон интишор ёфтаанд, таъсири осори хаттӣ мебошанд. Яке аз чунин сарчашмаҳо китоби «Баҳр-ул-ахбор»-и Саидҷалоли Бадахшӣ (Мунҷонӣ) мебошад, ки онро баъдтар Шоҳзодамуҳаммади Саидфаррухшо китобат кардааст [65]. Маҳз дар ҳамин асар сафари Ҳаким Носири Хусрав ба Бадахшон баён гашта, зимни сафараш ба ҳар мавзеъ ё деҳае, ки ворид мегашт, аз рӯи рафтору хислати сокинони он ба он маҳал ном мегузошт. Вақте ки ба ноҳияи Ишкошим меояд онро «Султон Ишкошум» мегӯяд ва баъде ки дарвешеро сангу кулӯх заданд, Ҳаким фармуданд, ки «шакку шум». Ё вақте ки ба водии Дарморахти ноҳияи Шуғнон меояд ва бехираде китобашро медуздад, ӯ мегӯяд, ки «санафҳои Дарморахт». Баъдтар дар ривоятҳои мардумӣ чунин омадааст: «Сад ҳайфи оби Арахт, бар санафҳои Дарморахт». Ба Барпанҷа расида мегӯяд: «Шеру бабранд мардуми Панҷа». Ҳангоми дар Сучон ва Ғунд сайёҳату тамошо кардан фармуданд, ки «кӯрони Сучон ва мункирони Ғунд». Дар ривоятҳои мардумӣ чунин омадааст: «Гаҳе ғунд, гаҳе парешон» [65, с. 46-48]. Замоне ба Рӯшон расидан, он кас мефармоянд:

Равшандилони Рӯшон оинаи сафоянд,
Занг аз дили ғарибон сайқал зада зудоянд. [65, с. 48]

Ва пас аз он ки чароғдони дарвешеро медузданд, мегӯяд:

Равшандилони Рӯшон оинаи носафоянд,
Луқма зи пеши меҳмон монанди саг рабоянд. [65, с. 48]

Ба ҳамин монанд боз номҳои «Зебоки боднокӣ», «Вахони зулмободи селрав», «Ганҷдорони Ғорон», «Поршини волонишин» дар ҳаққи мардуми Поршинев, гӯё онҳо худписанду ҳавобаланданд, гуфтааст [65, с. 46-48].

Мазмуни ривоятҳои зикршуда ба андеша меорад, ки оё Носири Хусрав дар ҳақиқат ҳам ба ҳамаи он ҷоҳое, ки дар ривоятҳо ёд мешаванд, сафар

карда, дар ҳаққи мардумони ин маҳалҳо номгузорӣ намудааст? Вале як чиз аён аст, ки қисме аз ривоятҳое, ки хусусияти таҳқиромезӣ доранд, аз асли воқеӣ тамоман дур ҳастанд ва дар онҳо ғаразнокии шахсони алоҳида нисбати деҳаҳои дигар ифода ёфта, ин қабил ривоятҳоро аз маъруфияти Носири Хусрав истифода бурда, бофтаву паҳн намудаанд. Бархе аз ривоятҳо, ки ашёҳои табиатро ба ӯ нисбат медиҳанд, хусусияти афсонаҳои сеҳромезро касб кардаанд. Масалан, дар ривояте омадааст, ки Шоҳносир ҳангоми сӯи Ишкошим рафтан аждаҳор роҳашро гирифта, хост ӯро фурӯ барад. Ӯ даст ба дуо бурд ва аждаҳор ба санг табдил гашт. Ҳанӯз ҳамон санг дар қишлоқи Ширгини ноҳияи Ишкошим барҷост [8]. Ё дар ривояти дигаре гуфта мешавад, ки Абдулло ном шахс ҳамсафари Носири Хусрав мешавад. Ӯро мардум мефармоянд, ки шахсияти Носири Хусравро фаҳмад, ки ӯ чи гуна одам аст. Рафта-рафта ба Зебок ном қишлоқ (ноҳияи Ишкошим) мерасанд. Абдулло мебинад, ки Носири Хусрав кӯҳро ишора кард, кӯҳ хам шуда, ба ӯ саҷда мекунад. Ҳанӯз ҳам сари он кӯҳ хам аст [32].

Дар мисоли ривоятҳои дар боло овардашуда фолклоршиноси тоҷик Д. Обидов чунин мулоҳизаҳо овардааст: «Дар ин ривоятҳо мавқеи аносир ва оҳангҳои ҳаҷви мардумӣ устувор аст, онро ҳатто бо коркардҳо ва вироишҳои муғризона ҳам наметавон тағйир дод. Дар онҳо хоҳу нохоҳ хусусиятҳои ботинии «мардумӣ будан» ҳифз мегардад» [213, с. 35].

Ангезаи дигаре, ки ривоятҳоро либоси тахайюлӣ мебахшад, ин воқеияти бузургии дониш ва тавони андузиши Ҳаким Носири Хусрав аст. Мардум аз сатҳи баланди илму дониш ва қобилияти шигифтангези Ҳаким моту маҳбут гардида, бовар доштааст, ки ӯ ба ҳама гуна муъҷиза қодир мебошад.

Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ рӯзгори басе пурҳаводис ва пур аз муаммо дошт ва чунин рӯзгор боиси он шуд, ки ҳанӯз дар қайди ҳаёт будани ин нобиғаи бузурги асри XI форсу тоҷик дар бораи шахсияташ нақлу ривоят ва афсонаҳо офарида шуда, ба мурури замон вирди забонҳо гаштаанд. Теъдоди ин гуна ривояту афсонаҳо баъде, ки Ҳаким Носири Хусрав дар

Юмгон ном деҳкадаи кучаку аз назарҳо дури Бадахшон муқимӣ ҷойгузин мешавад ва он дар як муддати кӯтоҳ ба як маркази тавлидоти илмӣ ва маърифатӣ табдил меёбад, фузунтар мегардад. Аз ин бора худи Ҳакими бузург дар як қасидааш гуфтааст:

Афсонаҳо ба ман чун барбандӣ,
Гӯй, ки ман ба Чину Мочинам.
Бар ман гузар яке, ки ба Юмгон-дар,
Машҳуртар зи озари Барзинам. [184, с. 320]

Як қисми ин ривояту афсонаҳо, ки ба гузашти айём вижагии асотирӣ ва афсонаҳои сеҳромезиро касб намудаанд, шояд бори нахуст ба таснифоти Зикриё ибни Муҳаммади Қазвинӣ бо унвони «Осор-ал-билод ва ахбор-ал-билод» (1276 м.) дохил гардидаанд [62, с. 48].

Ин буд, ки дар тӯли асрҳо ривояту афсонаҳо ҳам бо роҳи лафзӣ ва ҳам тавассути хат паҳн гашта, гунаҳои гуногун пайдо намудаанд. Аз ин нигоҳ, қисми онҳо агар маҳсули афкори аҳли авом бошанд, қисми дигари онҳо аз таснифоти аҳли саводанд. Табиист, ки қисми муҳими онҳо заминаи воқеӣ дошта, онҳо дар натиҷаи аз забон ба забон, аз насл ба насл интиқол шудан тибқи ақида ва муносибатҳои иҷтимоии табақаҳои гуногуни одамон мазмун ва маънии нав пайдо кардаанд. Бархе аз ин ривоят ва афсонаҳо, агар ихлосу эътиқоди зиёди мардумро нисбати ин алломаи бузург ифода карда бошанд, иддаи дигари онҳо бунёди воқеӣ надошта, онҳо аслан, вижагии асотирӣ ва афсонаҳои сеҳромезро пайдо намудаанд. Маҳз, дар бораи ҳамин гуна ривоятҳо Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ (қарни XV) ишора карда навиштааст: «Мардуми Кӯҳистонро ба Ҳаким Носири Хусрав эътиқоди болиғ аст. Баъзе ӯро «султон» менависанд, баъзе «шоҳ», баъзе «амир», баъзе гӯянд «сайид» буда ва он чӣ мегӯянд чанд гоҳе дар тоқи кӯҳ нишаста ва ба бӯи таом зинда монда, сухани авом аст ва эътибор надорад. Ва ин заиф (яъне, Давлатшоҳ) ин ҳолатро аз Шоҳ Султонмуҳаммади Бадахшӣ суол кардам, фармуд, ки асле надорад» [83, с. 9].

Аз таснифоти Муҳаммади Қазвинӣ шурӯъ гардида, минбаъд он ривояту афсонаҳо бо обу рангу тобишҳои гуногуни маъноӣ дар таълифоту таснифоти дигар таҳқиқгарони рӯзгор ва осори илмӣ ва адабии шоир ва файласуфи тавоно дарҷ ёфтаанд. Ба гуфти яке аз гирдоварандагони афсонаву ривоятҳо доир ба Ҳаким Носири Хусрав Саид Муҳаммади Иброҳими Бомиёнӣ ҳангоми сафараш ба Бадахшони Афғонистон солҳои 90-уми асри XX дастхате бо номи «Маҷмуъ-ал-авлиё» дастрас намудааст, ки он тарҷумаи китоби «Аҳволи шуаро ва урафои Хуросон ва Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон»-и Ҳиравӣ ном шахс аз Ҳирот буда, он дар аҳди Ҷаҳонгир дар Ҳинд тасниф шудааст [49, с. 92-93]. Ин китоб аз ду ҷилд ва дувоздаҳ фасл иборат буда, дар бист сафҳаи ҷилди дуюми он баробари тафсири бардурӯғ ва муболиғаомези аҳвол ва осори илмӣ ва адабии Ҳаким Носири Хусрав нӯҳ ривоят ва афсона низ дар бораи ӯ дарҷ ёфтаанд. Дар ин ривояту афсонаҳо ин мутафаккири бузург «дар тилисму ҷодугарӣ он қадар қаламдод шудааст, ки ҳам ҷиниён, ҳам гиёҳу рустаниҳо, ҳам одамони бадтинату бадкирдор ва ҳам аз аҳли алавӣ ва сифлӣ дар итоат ва фармони ӯ будаанд». Аз афташ, инҳо ҳамон ривояту афсонаҳо ҳастанд, ки дар «Осор-ал-билод»-и Муҳаммади Қазвинӣ гирд омадаанд. Баъдҳо ин ривоёту афсонаҳо дар таълифоту таснифоти «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Хулоса-ул-ашъор»-и Тақии Кошӣ (1607), «Ҳафт иқлим»-и Аҳмади Розӣ (1616) ва ғайра ба такрору бо таълифу таснифи нав омадаанд.

Чунин ривояту афсонаҳо баъдан тавассути иддае аз аҳли саводу дониш асоси таснифоти «Саргузашти шахсӣ» ва «Сафарнома»-и дигаре мансуб ба Ҳаким Носири Хусравро ташкил додаанд, ки онҳо низ ба гузашти айём бо нусхаҳои гуногун интишор ёфтаанд. Таълифоти дуюмиро, агар иддае бо номи «Сафарномаи шахсӣ» ёд кунанд, баъзеҳо онро «Сафарномаи помирӣ»-и Носири Хусрав мегӯянд. Адабиётшинос ва яке аз донандаҳои осори қаламӣ Амриёздон Алимардонов дар як таълифоташ якеро «Сафарнома»-и аслӣ ва дигареро «Сафарнома»-и қалбакӣ гуфтааст [88, с. 6].

Аз феҳристи нисбатан мукаммали илмие, ки бо ибтикори шарқшиносони варзида А. Е. Бертелс ва Муҳаммадвафо Бақоев мураттаб ёфта, соли 1967 ба чоп расидааст, пайдост, ки дар Бадахшон дар қатори дигар осори қаламӣ китобу дастхатҳо бо номҳои «Гуҳаррез» ва «Ҳафт боб» интишори васеъ доранд [100, с. 85-86]. Як қисми асосии замимаи нусхаҳои гуногуни ин дастхатҳо аз ҳамон саргузашту сафарҳои афсонамонанди Ҳаким Носири Хусрав фароҳам омадаанд. Ва мавриди тазаккур аст, ки тасниф ва таҳияи он дастхатҳои қаламӣ, бахусус, нусхаҳои «Гуҳаррез» ба ашхоси гуногун тааллуқ дорад. Яке аз нусхаҳое, ки А. Е. Бертелс ва М. Бақоев ба қайд гирифта, мундариҷаашро баён кардаанд, таълифашро ба Кучак ном шоир, ки дар нимаи авали асри XIX дар вилояти Ҷурми Афғонистон зиндагӣ кардааст, нисбат додаанд. Нусхаи дигари «Гуҳаррез», ки дар асоси он Р. Раҳмонқулов китобе бо номи «Баҳр-ул-ахбор» таҳия карда, онро соли 1992 ба чоп расондааст, аз таълифоти Саидҷалоли Бадахшӣ (Мунҷонӣ) маҳсуб донистаанд [65]. Аз мундариҷаи «Баҳр-ул-ахбор» аён аст, ки «Гуҳаррез»-е, ки ба Саидҷалоли Бадахшӣ нисбат дода шудааст, ҳам «Саргузашти шахсӣ» ва ҳам «Сафарномаи шарқӣ»-и мансуби Носири Хусравро фаро гирифтааст.

Мусаллам аст, ки ҳар яке аз таснифгарони нусхаҳои «Гуҳаррез» мувофиқи донишу фаҳмиш, ақидаҳои иҷтимоӣ, қобилияту салиқаи худ онҳоро таҳриру таҳриф карда, шояд чизҳои шунидаашонро низ ба онҳо илова кардаанд. Ин ҳолатро аз нусхае, ки дар асоси он «Баҳр-ул-ахбор» ба чоп расидааст, бараъло дарк кардан мумкин аст. Он бо фасли «Дар баёни омадани Ҳазрати Саид Носири Хусрав дар Бадахшон ва сокин шудан дар ғор» шурӯъ гардида, аввал дар он аз аслу насаби ҳаким ва файласуфи бузург ёдовар мешаванд ва сипас, «вақте ки Ҳазрати Шоҳносир ба зуҳур омаданд, назм:

Гӯё ба замин ситора омад,
Юсуф ба Канъон дубора омад…
Гар васфи варо кунад «Гуҳаррез»

Ин нукта хато набошад ҳаргиз.» -

таъкид меёбад ва бо ҳамин тибқи «ривояти мухбирони пешин» ба тасвиру тафсири саргузашти бофтаву сохта ва ғалатии Ҳаким Носири Хусрав пардохта мешавад [65, с. 5-6]. Вале нусхаи «Гуҳаррез», ки аз ҷониби шарқшиносон А. Е. Бертелс ва М. Бақоев дастрас гардида, мазмуни мухтасараш баён ёфтааст, аз се қисм иборат буда, яке аз фаслҳои қисми сеюми он, ки «Дар баёни он ки баҳри Гуҳаррезро аз ду сардор маърифат аст» унвон дорад, дар аввал сабаби навишта шудани рисолаи «Гуҳаррез» ба ин маънӣ таъкид шудааст: «Азбаски аз авлоди Сӯҳроби Валӣ касе дар ҳаёт нест ва силсилаи авлодӣ фаромӯш мешавад, барои ҳамин, муаллиф силки гуҳаррезро баён кард» [100, с. 86]. Дар баробари ин, баъзе ривоятҳо, аз ҷумла, ривояте дар бораи он, ки Бобои Ҳайдарӣ ном шахс Сӯҳроби Валии чаҳорсоларо дар пушт гирифта, аз Язд (Эрон) ба Кӯҳистон барои муолиҷаи боди устухоншикани пояш назди Ҳаким Носири Хусрав овардааст, дар ҳар ду нусха ба як мазмун омадаанд.

А. Е. Бертелс ва М. Бақоев дар феҳристи ёдшуда ҳамчунин, ба қайд гирифтаанд, ки шарқшинос В. А. Иванов дар бораи вуҷуд доштани ду нусхаи дигари «Гуҳаррез» шунида будааст, ки яке «китоби калони мансуби саргузашти Носири Хусрав дар Бадахшон, Зебок, Вахон ва Шуғнон буда, «Гуҳаррез»-и дигар нақл дар бораи сафарҳои Носири Хусрав ба шарқ аст, ки он аз «Сафарнома», ки доир ба сафарҳои ғарбаш нақл мекунад, фарқ дорад [100, с. 87-88]. Аҷаб нест, ки фарқият, пеш аз ҳама, дар сабку тарзи баёни «Сафарнома»-ҳо мебошад. «Сафарнома»-и ғарбӣ, агар мансуби қалами худи файласуфи моҳир ва шоири шаҳир бошад, «Сафарнома»-и шарқӣ дар асоси «Саргузаштҳои шахсӣ» аз ривояту афсонаҳои бофтаи ҳам аз тарафи аҳли авом ва ҳам аз ҷониби ашхоси соҳибсавод таркиб ёфта, бо нусхаҳои гуногун паҳн гаштааст. Қисме аз ин ривояту афсонаҳо на фақат як қисмати «Гуҳаррез»-ҳоро ташкил кардаанд, балки ба дастхатҳои «Ҳафт боб» ва дигар китобҳои қаламӣ низ дохил гардиданд, ки дар ин ҳодисаи адабӣ ва фарҳангӣ ҳиссаи муаллифону таснифгарон ва ҳатто

нусхабардорони он дастхатҳо хеле калон аст. Чуноне ки аз феҳристи ёдшуда бармеояд, аз ҷумлаи «Ҳафт боб»-е, ки яке ба қалами Абуисҳоқи Иброҳими Кӯҳистонӣ (1450-1510) мансуб аст, Хайрихоҳи Ҳиротӣ ном шахс (аҷаб нест, ин ҳамон Ҳиравӣ бошад, ки «Аҳволи шуаро ва урафои Хуросон ва Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон»-ро тасниф кардааст) соли 1500 дар асоси он китоберо бо номи «Каломи пир» тартиб додааст. Баъдан, мусанниф ё хаттоти дигаре ба ин китоб фасли тарҷумаи ҳоли Носири Хусрав аз худ бофтаро дохил карда, он китобро низ ба ӯ нисбат додааст [100, с. 104] ва минбаъд нусхаи ин китоб ба номи Сайид Шоҳносир ё бо унвони «Ҳафт боб» ва ё «Каломи пир» байни ому хос интишор меёбад.

Аз ин тафсиру мулоҳизаҳо (шояд қисме баҳсталаб бошанд) аён мегардад, ки нақлу ривояту афсонаҳо дар бораи Ҳаким Носири Хусрав дар тӯли асрҳо ҳам бо роҳи лафзӣ ва ҳам тавассути хат эҷод ва паҳн гашта, гунаҳои гуногуну баъзан мухталиф пайдо кардаанд. Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Амирбек Абибов мақолаеро бо унвони «Чашмаи Носир (Ривоятҳои халқӣ дар бораи Носири Хусрав)» дарҷ намудааст [83, с. 9-11]. Муаллиф зимни иншои мақола чанд намунаи ривоятҳои мансуби Ҳаким Носири Хусравро аз забони гӯяндае ё гӯяндаҳое ба таҳрир овардааст, ки чанде аз онҳо аз шунида ва дар таълифоти чопшудаи Саид Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ «Афсонаҳои таърихии Носири Хусрав дар Бадахшон» бошанд, баъзеи онҳо аз «Гуҳаррез»-и зери назари Р. Раҳмонқулов буда мебошанд. Саид Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ – намояндаи Созмони ҳамоҳангии кӯмакҳои башарии миллӣ дар Бадахшони Афғонистон ин ривояту афсонаҳоро, чуноне ки гуфта шуд, нимаи аввали солҳои 90 аз сокини Мунҷон ва Юмгон гирд оварда, ба чоп расондааст. Дар китоби бачопрасондаи Саид Муҳаммади Иброҳим қариб сӣ матни ривоят ва афсонаҳо дарҷ гардидаанд, ки онҳоро «аз Саидмуҳаммад Алишоҳ, Саид Фирузалиддиншоҳ, Саид Гавҳар ва аз теъдоди бешумори мӯйсафедон ва дӯстони Носири Хусрав ба хотири истифода аз китоби хаттӣ ва ноёб ва ҳикоёт ва қиссаҳои пурарзишашон дар бораи Носири Хусрав» дастрас ва

гирдоварӣ намудааст. Аз рӯи таъкиди худи мусанниф яке аз он китобҳои хаттӣ як нусхаи «Гуҳаррез» будааст [49, с. 109]. Пайдост, ки гирдоваранда он ривояту қиссаҳоро, агар як қисм аз «китоби хаттӣ ва ноёб» дастрас карда бошад, қисми дигари онҳоро аз забони гӯяндаҳо сабт намудааст. Дар китоби Саид Муҳаммад Иброҳим, инчунин, он нӯҳ матни ривоёт дарҷ гардиданд, ки онҳо ҳанӯз дар асри XIII ба «Билод-ал-ахбор»-и Қазвинӣ дохил шуда, минбаъд аз як китоб ба дигаре гоҳ бо таҳрир, гоҳ мухтасар ва гоҳе ба таври нисбатан пурра гузаштаанд [49, с. 93].

Гарчанде чунин ривоятҳо хусусияти афсонаҳои сеҳромез ё асотириро дошта бошанд ҳам, лекин онҳо аз ҷиҳати мазмуну муҳтавои худ аз бунёди воқеӣ доштанашон дарак медиҳанд. Зеро онҳо дар маҷмуъ на фақат симои ин мутафаккири бузург ва муносибати табақаҳои гуногуни иҷтимоии одамон нисбати ӯ чун манбаи муҳим ва боэътимод маҳсуб мешаванд, балки онҳо баёнгари воқеии ақидаву ҷаҳонбинӣ, фаҳмишу дониш, муносибатҳои мухталиф ба ашёву ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият доштаи аҳли авом дар давраҳои гуногуни таърихи башарӣ мебошанд.

Аз муҳтавои қисми зиёди ривоятҳо, ки дар бораи кору фаъолият ва ҳаёту рӯзгори Носири Хусрав маълумот медиҳанл, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бархе аз онҳо манбаи китобӣ доранд ва дар асоси фикру ақидаи олимону донишмандон ва аксаран дар заминаи таҷрибаю эҷодиёти амиқу доманадори илмии худи Носири Хусрав арзи ҳастӣ намудаанд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин ақидаҳо низ барои пайдоиши образи ривоятӣ ва бадеии Носири Хусрав заминаи хубе гузоштаанд.

Ҳаким Носири Хусрав бо ин ҳама истеъдоду қобилияти фавқулода, ақлу заковати ҳайратангез дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буда, бо шарофати ақлу дониш ва хиради оламгираш дар миёни ҳамватанону ҳаммиллатонаш обрӯю эътибори зиёд дошт. Аз ин рӯ, дӯстону ҳаводорони ӯ шахсияташро бузург дошта, дар бораи рӯзгор ва фаъолиятҳои илмию адабиаш нақлу ривоятҳои рангину хотирмон гуфтаанд.

Чуноне ки қайд намудем, тасвири шахсият ва симои Носири Хусрав фарогири паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ӯ мебошад. Ин мутафаккир бо вуҷуди номусоидии замон, гурезагӣ, таъқиботи мухолифон бо истеъдоди бузург ва ҷидду ҷаҳди пайвастаи худ тамоми комёбиҳои илмии ба даст овардашударо ба таври муфассал ва дақиқ омӯхта, доир ба соҳаҳои илму фалсафа дар асарҳояш таълиф менамояд. Ӯ ҳамчун донишманди дақиқназар дар осори илмии худ аз як тараф, муваффақиятҳои дар соҳаҳои гуногуни илму дониш дарёфтнамудаи мутафаккирони давраҳои гузаштаро ба таври равшан ва саҳеҳ ҷамъбаст карда, аз тарафи дигар, нуктаҳои асосию муҳимми ба миён гузоштаи онҳоро эҷодкорона инкишоф медиҳад. Аз ин ҷост, ки осори илмии ин фарзанди халқи тоҷик зуд мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши аҳли илму дониши мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна ва Ғарб қарор гирифта, дар тӯли қарнҳо омӯзандагони фалсафа ва дигар қисматҳои илмҳои ҳикматро саргарм сохт.

Ҳамин тавр, корҳое, ки дар соҳаи гирдоварӣ, нашру табъ ва тадқиқи нақлу ривоятҳои дар бораи Ҳаким Носири Хусрав эҷодшуда сурат гирифтаанд, як масъаларо равшан менамоянд: он нақлу ривоятҳои халқиро, ки бо номи Носири Хусрав алоқамананд, то ҳадди имкон ҳар синф ва ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ ба манфиати худ истифода бурдааст, ки ин, албатта, ҳодисаи аввалин дар таърих нест. Ҷой доштани чунин ҳодисаро на фақат дар мисоли ривоятҳо, балки дар мисоли жанрҳои дигари фолклорӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳанӯз нақлу ривоятҳо доир ба шахсони таърихӣ интишорёфта ба таври кофӣ гирдоварӣ нашудаанд. Бешубҳа ин қабил ривоятҳо дар байни мардум ҳанӯз хеле зиёданд, ки ҷамъоварӣ, омӯзиш, нашру табъ ва таҳқиқу баррасии ҳаматарафаи онҳо аз вазифаҳои асосии муҳаққиқон хоҳад буд. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии нақлу ривоятҳои мардумӣ дар бораи ҳодисаҳо ва шахсони таърихӣ ва таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи фикру ақидҳои олимону донишмандон марбут ба ин масъала, ки то ба имрӯз баҳсталаб мондаанд, посуххҳои муфид хоҳад дод.

Чуноне ки мебинем, ривоятҳо дар таъйин намудани бисёр ҳодисаҳои таърихӣ ва афкору ақидаҳои гуногуни одамон оид ба ашёву ҳодисаҳои аёну ноаёни табиату ҷамъият маводи пурарзиш ба ҳисоб меравbooанд ва онҳо доир ба дигар паҳлуҳои ҳаёти моддӣ ва маишии мардум низ маълумоти пурқимат медиҳанд.

Дар кори диссертатсионӣ дар асоси намунаҳои дар Фонди фолклори тоҷик гирдомада кӯшиш карда шуд, ки то қадри имкон мавқеи ривоятҳои гуфторӣ дар ҳаёти маънавии мардуми Бадахшон таъйин ва муқаррар гардад. Вобаста ба ин, ба нишон додани хусусиятҳои жанрӣ, услубӣ ва бадеии ривоятҳои навоҳии Кӯҳистони Бадахшон ва ҳамбастагиву муносибати он бо ривоятҳои ноҳияҳои дигари Тоҷикистон кӯшише ба кор бурда шуд. Бояд гуфт, ки тадқиқоти мазкур ба таври васеъ ва ҳартарафа омӯхтан ва таҳқиқ кардани масъалаҳои мансуб ба ривоятҳои ин минтақаи кӯҳистонро ба зимма нагирифтааст. Тадқиқи ҳартарафаи ривоятҳои мардуми Бадахшон, ки яке аз шохаҳои асосии фолклори тоҷик буда ба ҳалли бисёр масъалаҳои фолклоршиносии тоҷик кӯмак хоҳад расонд, ҳанӯз дар пеш аст. Ҳалли ин масъалаҳо дар оянда барои омӯзишу таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни эҷодиёти лафзӣ, махсусан, асарҳои насрии омиёна роҳ мекушояд.

# ХУЛОСА

Аз Кӯҳистони Бадахшон ба микдори фаровон гирд омадани намунаҳои насри халқӣ ва таҳлили ҷиҳатҳои асосии онҳо нишон медиҳад, ки фолклор яке аз соҳаҳои муҳимми маданияти маънавии халқи тоҷикро ташкил дода омадааст. Насри лафзӣ асрҳо ҳамдам ва ҳамрози аҳолии ин минтақаи дар гузашта дурдаст будааст. Фолклор дар шароиту давраҳои гуногуни таърихӣ марому мақсад, орзую ҳавас, муносибатҳои иҷтимоӣ ва шахсии мардуми Бадахшонро ифода карда меояд. Бисёр нишонаҳои муҳимми шароит ва тарзи зиндагонӣ, ақидаю ҷаҳонбинӣ, расму одатҳои гузаштаи мардум ба воситаи ин фарҳанги бои маънавӣ ба мо маълум мешавад.

Бо дарназардошти ҳадафи таҳқиқи масъалаи марказии диссертатсия, ки аз ошкор намудани хусусияти жанрии ривоят ва ҷудо намудани он аз дигар жанрҳои насри лафзӣ дар асоси ривоятҳои байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон интишорёфта иборат буд, чунин натиҷаҳо ба даст омаданд:

1. Ривоят ҳамчун жанри насрии эҷодиёти омиёна вижагиҳои хоси худро дошта, ҳарчанд бо дигар асарҳои насри халқӣ, чун нақл, қисса, ҳикоя аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа баъзан ҳамбастагӣ дошта бошад, вале бо хусусиятҳои жанрӣ аз онҳо комилан фарқ дорад. Аз ҷумала а) дар ривоят этимологияи мардум ҷой дорад, яъне аз тарафи мардум шарҳу тафсир ва маънидод намудани номи мавзеъҳо, ашё ва ҳодисаҳои табиат; б) инъикос намудани ҳодисаҳои таърихӣ, гарчанде баъзан тасвири тахайюлӣ низ дар онҳо ба назар мерасад; в) шахсони барӯманди таърихӣ (аҳли адаб, дин, ҳокимон) ва баъзан симои асотирӣ (Хуҷаи Хизр, Луқмони Ҳаким, Ҳотами Той, Ландаҳур) мундариҷаи асосии ривоятро ташкил медиҳанд; г) аз тасвирҳои бадеӣ орӣ аст, хусусияти сирф хабарӣ дорад.

Назар ба дигар намуди асарҳои халқӣ, ки ҳодисаро ба таври умум тасвир мекунанд, ривоят хусусияти сирф маҳаллӣ дорад. Вай ҳодисаҳоеро тасвир мекунад, ки хоси маҳалли муайян ҳастанд.

2. Зимни таҳлили мавзуъ баъзе масоил ба миён омаданд, ки барои омӯзишу таҳқиқ ҳалталаб мебошанд. Аз ҷумла, доир ба мавқеи асотир дар фаҳмишу биниши одамон дар замони муосир. Оё онро ҳамчун як навъи алоҳидаи эҷодиёти шифоҳӣ ҳисобидан мумкин аст, ё он имрӯз вазифаи дигарро иҷро менамояд?

Масъалаи дигар доир ба истилоҳҳои адабии «мавзуъ», «мазмун» ва «мундариҷа», ки онҳо барои тасниф ва ба гурӯҳҳо ҷудо намудани жанрҳои насри шифоҳӣ, муайян намудани хусусияти жанрии ҳар кадоме аз ин намудҳои асарҳои шифоҳӣ ва байни онҳо тафовут гузоштан васоити муҳим ба шумор мераванд. Вале баъзе муҳаққиқон хусусияти жанрии осори насрии шифоҳиро баъзан аз нигоҳи мавзуӣ ё баъзан аз ҷиҳати мазмунӣ онҳоро шарҳу тафсир медиҳанд, ки ин ба мухталифии ақидаҳо доир ба ин масъала оварда, фикри ягонаи умумӣ дида намешавад.

3. Ривоят ба он намудҳои асарҳои насри халқӣ мансуб аст, ки бо вуҷуди ҳаҷман хурд будани худ, дорои мазмуни амиқ буда, баъзан чанд ҳодиса ва санади таърихиро нишон медиҳад. Чунин ҳолатро дар ривоятҳое, ки доир ба шахсиятҳои таърихӣ, ҷойҳои муқаддас, ашё ва ҳодисаҳои табиат гуфта мешаванд, баръало дидан мумкин аст.

